**БАҲМАНЁР**

# САРМАДДЕҲ

*(Китоби дувум)*

**ДУШАНБЕ**
**«ИСТЕЪДОД»**
**2014**

**ББК 84 тоҷик 7-5**

**Б-24**

***Ин китоб ба эҳтимоми бародари азиз Абдухалил Холиқов аз чоп дар омад***

Муҳаррир
***Салими Зарафшонфар***

***Баҳманёр*. Сармаддеҳ**. *Китоби дувум*.
— Душанбе: «Истеъдод», 2014. -240 саҳ.

**ISBN 978-99975-43-00-4**

**© Баҳманёр, 2014**

# САРВОҲО

# ЗУКАХӮР

Ман ҳар рақ, ки амаки Салмонро ба ёд меорам, ҳамоно ду ҳамёни камараш пеши назарам меояд, ки якеро бо наботҳои баробари чормағз ва дигарро бо талқони гӯшти гунҷишк анбошта буд.

Амаки Салмон ҳар рақ вориди шаҳр мешуд, ки моҳе як-ду бор созгор меафтод, вақти бозгашт, ҳамеша ҳамроҳаш набот дошт, наботи сапед–зардашро намехарид, зеро онро аз меъёр зиёд сӯхта мешумурд.

Ҳамдеҳагон ҳаминки амаки Салмонро назди мошини пӯшида омодаи сафар медиданд, ба яқин медонистанд, ки андаруни анбонаш чист.

Амаки Салмон наботро меовард, рӯи дастархон мерехт, тахтачаву кӯбаро меовард, бароҳат рӯи кӯрпача менишаст – чаро занашро ба ин кор масъул намекард, муаммо буд – сипас тахтачаву кӯбаро пеш мекашид, кӯбаро ба даст мегирифт ва хӯшаҳои наботро ба андозаи чормағз мешикаст. Вақте ин амал поён меёфт, ҳамёни миёнашро берун меовард, андар он набот меанбошт, боқимондаро бурда, ба намакдони рағзаӣ меандохт.

Чандин сол қабл, ки намак камёб буд, занҳо онро ғиём мекарданд, барояш аз рағза намакдон мебофтанд, чунонки чӯпонон барои пиёла аз чарм пиёладон медӯхтанд, баъд, ки пиёлаву намак арзонӣ шуд, дигар намакро дар бутриву қуттии чой, консерву ҳар гуна бонкаҳои холӣ мегирифтанд, пиёларо чанд дона ба чарогоҳ мебурданд, агар яке шикаст, дигарро берун меоварданд.

Амаки Салмон наботҳои боқимондаро ба намакдони рағзаӣ меандохту онро дар сутуни айвон меовехт. Аз мӯрчаҳо парво надошт, чароки мӯрчаҳо аз мӯйҳои сих-сихи рағза ҳаросон буданд ва ба он наздик намешуданд, шояд амаки Салмон инро медонист, ки наботҳоро тӯи намакдон мерехт.

Зан ва бачаҳои амаки Салмон бо қанд ё шакар қаноат мекарданд, магар писари дувумаш – Шаҳрон гоҳу ногоҳ ба набот «сарторик» мешуд ва аз намакдон донае чанд медуздид ва онро мак-макон назди ҳамсолонаш худнамоӣ мекард.

Гуфтем, ки наботгирду сохтан коре саҳл буд, аммо талқон таҳия кардан хуб доругирифте дошт.

Амаки Салмон сабади азимеро ки дар маъракаҳо дар он зардҷома (сабзӣ) мешустанд, рӯи бом мебурд, зери он арзан мепошид, баъд як гӯшаи сабадро

бо чӯбаке ба андозаи халачӯб устувор мекард, ки қисми зери он бо канабе баста буд, гӯшаи дигари канабро ба даст мегирифт ва худро бо он дар ҷуволсабади гӯшаи дигари бом мепаноҳонд.

Ҳаминки гунҷишкони бехабар ба умеди тамаъи арзан даҳ-понздаҳто зери сабад ҷамъ мешуданд, амаки Салмон банди дар дасташ будаи канабро мекашид, гунҷишкони ғафлатзадаро маҳбус мекард, бо хушҳолӣ аз паногоҳи худ берун меомад, шолпораеро рӯи сабад мепартофт, зеро чун бачааш дохили сабад гардад, гунҷишкҳо худро берун зада, зери шолпора бимонанд, раҳо наёбанд.

Ба ин роҳ амаки Салмон даҳ-понздаҳ рӯз «сайёдӣ» мекард ва сад-дусад дона гунҷишк ба даст меовард ва ҳамаро яксара тан аз сар ҷудо мекард, пар меканд, шикамашонро чок мекард, ба қавли худаш «дурунмояашонро» берун меовард, мешуст, намак мезад ва он гоҳ бо дирафше ҳамаро ба кандир мекашид ва дар шамолрави айвон меовехт, албатта докапеч карда, то пашшаҳо тухм нагузоранд, мӯрчаҳо ҳуҷум наоранд.

Даҳ рӯз пас амаки Салмон он ҳамелро поён меовард, як-як ё ду-ду дар ҳован меандохт, мекӯфт, чун нарм мекард, мағзи гирдуву донаи мавиз ба он ҳамроҳ мекард ва тунбончаи камарашро берун оварда,

ин ҳамаро қисмат мекард, чун анбончааш анбошта мешуд, боқиро ба чумчадони рағзаӣ мегирифту дар шаҳсутуни айвон меовехт дар мехи дигар.

Ҳар кучое мерафт, қабл аз рӯ овардан ба дастархони мизбон, аввал даст ба камар мебурд. Ҳамёни талқони гунҷишкро берун меовард, як каф талқон рӯи дасташ мерехт, пасон онро ба даҳон меандохт ва мемакид. Чун аз ин кор фориғ мешуд, боз даст ба камар мебурд ва аз ҳамёни дигар набот берун меовард, ду-се дона андар пиёла мекард... ва бо ангушти ишора онҳоро мечархонд. Пиёларо чунон ба лаб мебурд, ки ангор нӯшдору ба даҳон мебарад.

Амаки Салмон ҳамеша аз ин ҳамён ду ё се наботпора берун меовард, ин рақам ҳеҷ гоҳ дигаргун намегашт, агар рафту дар анбончаи ӯ як дона набот мемонд, вай онро берун меовард, тагу болояшро менигарист, бозпас дар ҷояш мегузошт ва даҳони ҳамёнро баста ба камар мезад ва мардум пай мебурданд, ки захираи наботи ӯ ба поён расидааст ва дигар амаки Салмон на даст ба чой мебараду на ба нон, то он замоне ки шумори ин шаҳкутҳоро такмил надиҳад.

Агар шахси ноошно бо ҳайрат мепурсид, ки ин тунбончаҳоро чаро бо худ мегардонад, аз ин нафъ чист,

ҳамон як ҷавоброро мешунид: «Ман ба ин ду чиз аз хурдӣ шудаам одатӣ ва чун медонам, ки онҳоро дар ҷои дигар пайдо наметавон кард, бо худ мегардонам. Нафъ ин аст: талқон – давои миёнам, набот – марҳами ҷонам!»

Аммо касе надидаву нашунида буд, ки амаки Салмон аз шаҳқутҳои худ нафареро чошнӣ дода бошад. Агар рафту касе ба рӯ чарм мегирифт, ё худро рӯинтан месохт, хоҳиши аз ун шаҳқут чашидан менамуд, амаки Салмон лоқайд бо ангушти ишора як ба дарахтони атроф ва як ба мағозаи деҳ ишора мекард ва мегуфт:

– Мана, ҷонам, яке ин ҷо чиқ-чиқ дорад, дигаре он ҷо пиқ-пиқ.

Кори дигаре ки амаки Салмон мекарду дигаре дар деҳ намекард, ин майкашии ӯ буд. Гузашта аз ин дар деҳ касе ниҳоли ток надошт, амаки Салмон дошт. Чароки ток гармидӯст буд, деҳи мо сардсер буд, ба мисол агар тобистон рӯи бом бихобӣ, ночорӣ зери кӯрпа ё кампал дароӣ.

Амаки Салмон навъе ток оварда буд, ки ба сармо тобовар буд. Ба тарбияи онҳо заҳмати зиёде сарф мекард. Обу хокашон ороставу қомати токҳо пероста буд.

Вақте ҳосилро меғундошт, баргҳо яксара мерехтанд, хадраҳои ҳар як ниҳолро бо токбур мебурид, баъд ҳама дарахтонро латтапеч мекард, пасон

мерафт пайи овардани мулло Бухоризода. Мулло меомаданд, дуову фотиҳа мехонданду мерафтанд ва амаки Салмон ба «гӯронидани» дарахтон мепардохт. Ба дарозои ҳар ниҳол «гӯр» меканд ва баъд бо сад эҳтиёт онҳоро хобонида, рӯяшон хок мекашид, рӯзе як раҳ разистони мадфунро хабар мегирифт, ки мабодо ҳайвоне осеб зада бошад. Чун баҳорон мерасиду сабза медамид, дарахтон гул мекарданд, каррок симҳои баркро нишеман месохт, чароки гуфтаанд:

*То набинӣ каркарикаррокро,*
*Аблаҳе бошӣ, кушоӣ токро!*

амаки Салмон боз пайи овардани мулло мерафт. Мулло ҳам ки «нағмаҳои» ӯро медонистанд, меомаданд, сидқан дуову фотиҳа мехонданд ва мерафтанд. Ана, баъд амаки Салмон бо тарсу ҳарос ба кандани «гӯрҳо» меоғозид. «Оё ниҳолҳои ҷонпарвари ӯ аз сармо газанде надидаанд?»

Амаки Салмон вақте медид, ки токҳо ҳама солиманд ва оғоз ба барг кардаанд, хеле хушҳол мешуд, чунон хушҳол мешуд, ки раги яхбастаи ҳимматаш об мегашт ва писари хурдиашро мефармуд, ки раваду фалону фалону фалонро ба токистон хонад.

Дӯстон дар токзор ҷамъ мешуданду амаки Салмон як хумчойник бароящон

май меовард, онро ҳамон ҷо бо рафиқон мехӯрд. Чун дӯстонаш медонистанд, ки чойники дувум аз ӯ хостан бефарҷом аст, ба ӯ зиёда барору ба токзораш ҳосили бешумор орзу мекардanду мерафтанд.

Вақте ки ангур ало мешуду гунҷишк бало, амаки Салмон дар токистон каппа мезад, на бачаву кача, ғулбаву сорча... ҳеч ҷондореро ба разистон наздик шудан намемонд. Агар ҷое мерафт, ба сӯгу сур ё ба шаҳр, бачаҳояшро ҷонишин мекард.

Ангурпаз амаки Салмон сертараддуд мешуд, тамоми аҳли оилаашро ба по мехезонд. Ҳотаи хонаашро зану духтар бояд чунон об задаву мерӯфтанд, ки хасе дар ҷое ба чашм наяфтад. Тамоми ашёи майкашии ӯ бояд шуставу лифмолкардаву хушк шуда бошанд.

Амаки Салмон бо токбур ба токзор меомад, дуое ки мулло Бухоризода ба ӯ ёд дода буд, замзама мекард, сипас бо токбур хӯшаҳоро аз шохаҳо бурида дар сабад – чунонки модар кӯдакро дар гаҳвора – мегузошт, ҳаминки сабад пур шуд, писаронашро мефармуд онро боэҳтиёт, бешитоб то хона бубаранд. Вақте хӯшаи охиринро мебуриду ба сабад мегузошт, он гоҳ қаноатманд ба хона руҷӯъ мекард ва зану духтарашро супориш медод, ки ҳамаи онҳоро дар оби чашма хӯша ба хӯша бишӯянд,

офтобандар гузоранд, шабонгоҳ ҷамъ оранд ва дар айвон гузоранд. Субҳ чун аз хоб мехесту дасту рӯ мешуст ва ҳам наҳор мехӯрд, омодаи майкашӣ мешуд.

Даставвал ангурҳоро ба сараву носара ҷудо мекард. Сараҳоро дар овангҳои шифти анбор ба фалах мекашиду носараҳоро ба қавли Рӯдакӣ дар чархушт зиндонӣ мекард. Чархушт маводи хӯрокии худаш буд ба ҷиғилдон, анбор захираи оила буд ба зимистон...

Майкашии ӯро ҳама аҳли деҳ ғайр аз мулло Бухоризода як раҳ - ду раҳ дида буданд. Мулло ҳарчанд аз имону имкон дидан нахоста буданд, лек тафсили онро ба марра шунида буданд. Амаки Салмон чунонки занҳои деҳ дӯғро дар куппӣ мезананд, пушкак мегирифт, агар кӯбаи ӯро ҳамин тур бихонем ва ангури чархуштро ҳамон тур ба кӯбидан меоғозид, ки гумон мерафт, кадом як душмани ҷонашро он ҷо хобонида бошад.

Ҳафт рӯз чархуштро бо ангури дарунаш ба ҳоли худ мегузошт. Пас аз як ҳафта боз ба «куппизанӣ» сар мекард. Чун як рӯзи тамом «куппӣ» мезад, пасон боз як ҳафта чархуштро ба ҳоли худ мегузошт, баъд ҳар се рӯз пас ангури чағдегро мекӯфт ва билохир баъди чил рӯз туфл – шилхаҳои ангурро аз чархушт берун меовард, онҳоро дар як

тағора мегирифт барои чорпоён, майи чархуштро тақсим мекард ба дувоздаҳ кӯза ва ба сари ҳар кӯза пуфак мебаст. Ҳаминки пуфакҳо дам карда мекафиданд, ҷои онҳо пуфаки нав мебаст. Пас аз таркидани пуфаки севум майи кӯзаҳоро ба як хум мерехт, даҳони хумро бо сарпӯш мепӯшид, рӯи сарпӯш як санги якмана мегузошт. Ва мерафт ба катаки мурғон, чаҳор мурғро берун меовард, сар мезад, пар меканд, ба қавли худаш «дурунмояашонро» тоза менамуд, сипас онҳоро даруни хум меафканд ва моҳе пас чун медид, ки аз ин мурғон устухоне боқӣ намондааст, ба хулосае меомад, ки май ба нӯшидан ҳозир аст. Он гоҳ бори дигар сарпӯши хумро бо диққат ба даҳони хум ҷойгузин мекард ва бо хамир онро мӯҳр мезад. Чун Наврӯз мерасид, даҳони хумро боз мекард ва ҳафтае як раҳ барои худ ид мерост. Пеш аз он ки як хумчойник май болои кат пайдо шавад, амаки Салмон барои худ шаҳқут омода мекард.

Мурғеро сар мебурид, пар меканд, ба қавли маъруф «дурунмояашро» бурун меовард у баъд маслухро ба ҳавсала дар оби ҷӯй мешуст, рӯи кунда гузошта, бо корд мӯҳраҳояшро як-як хурд мекард, зеру забарашро намаку зираву мурчи суда мемолид.

Таҳи ҳезуми бурс фурӯзона метапиду гӯгирд мезад, оташ лахча, ки шуд, аз

оташдон берун меовард, мурғро рӯи тобасанги он ба қавли худаш «нақши санг» мекард, рӯи он аввал шаппаи бурс, баъд баргҳои кӯмот мечид, сипас хокистару лахчаро рӯи ин ҳама мекашид.

Бист дақиқа пас ин амалро бозгуна мекарду мурғи булаҷаб пухтаву хеле иштиҳооварро аз рӯи тобасанг мебардошт ва гармогарм ба тани он хомак (қаймоқ) мемолид.

Мухтарии ин «шаҳқут» (деликатес) худи амаки Салмон буд ва онро пеши худ «тобакабоби Салмонӣ» мегуфт.

Амаки Салмон аз пиёла ҷуръа-ҷуръа май менӯшид ва аз ҳар навъи нуқли дастархон мемазид, чун сархуш мешуд, даст ба танбӯри ёнаш меязид. Ва овози ширадору форами ӯ баланд мешуд:

*Агар он турки шерозӣ ба даст орад*
*дили моро,*
*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду*
*Бухороро...*

... Чун дӯстон мешуниданд, ки Салмон мӯҳри хумро бардоштаасту аз майи нав чошнӣ гирифтааст, ба табрикаш меомаданд ва буд яке байни онҳо, ки ҳатман ба рӯ чарм мегирифт, худро рӯинтан месохт ва ҳаваси нӯшидани май менамуд, амаки Салмон лоқайд аввал ба

катаки мурғон ишора мекард ва баъд ба разистони худ:

– Мана, ҷонам, ин ҷо яке қуд-қуд дорад, он ҷо яке ҳуд-ҳуд!

Аммо рафиқон низ бас сода набуданд, гоҳу ногоҳ пайт ёфта, қасди худро аз ӯ меситонданд.

Амаки Салмон моҳе як раҳ - ду раҳ шаҳр мерафт, моҳихӯрӣ! Ба ҳар ҳол ҳама чунин мепиндоштанд. Бо Шопури Моҳигир ҳамгап набуд. Зеро ҳар вақте аз ӯ моҳӣ мехост, ё Шопурро коре пеш меомад, ё моҳӣ ба чангак наздик намеомад. Аз ин рӯ шаҳр мерафт, то шикамсерӣ моҳӣ бихӯрад. Ба ҳар ҳол ҳама чунин мепиндоштанд.

Вақте амаки Салмон дар истгоҳи мошини пӯшида, назди мағозаи деҳ пайдо мешуд, ҳатман яке аз рафиқонаш низ ҳозир мешуд ва хоҳиши шаҳр рафтан мекард. Агар рафту шумори ин рафиқон ба ду меламид, ногузир ба хотири амаки Салмон мерасид, ки дар хона чизи муҳимеро фаромӯш кардааст ва мерафт ба хонаашу барнамегашт. Аз ин рӯ дӯстонаш навбат карда буданд ва мувофиқи он як нафар ҳамсафари амаки Салмон мешуд.

Мошини пӯшида ҳамарӯза як раҳ меомаду мерафт. Мусофирон ночор буданд як шаб хонаи хешу табор бимонанд, агар хешноме дошта буданд, вагарна сарои колхоз.

Амаки Салмон низ шанбе мебаромаду якшанбе бармегашт. Ҳамвора ҳамин тур буд, агар зимистон роҳро барфкӯч нагираду баҳорон пулро сел набарад.

Амаки Салмон чун аз мошин пиёда мешуд, роҳи чойхонаи «Агмаддарaро» пеш мегирифт ва он ҷо то нимарӯзӣ лангар мепартофт, чароки Сармаддара чойхона надошт, агар ҳам медошт, гумон буд, ки амаки Салмон он ҷо равад, агар моҳӣ намедошт.

«Агмаддара» дар лаби чашма буд. Чашма пурмоҳӣ буд. Ҳаминки амаки Салмон ягон катро банд мекард, чойсолор дартоз мерасид бо ду болиш зери каш. Ба шарикони амаки Салмон лӯлаболише ҳам намеовард, зеро туфайлӣ будани ҳамаи онҳоро медонист. Чун катҳои чойхона дорафзин надоштанд, амаки Салмон ҳаққи комил доштанд, ки ду болиш зери каши худ бигиранд. «Ба як болиш такя зада, ки нашавад!» – худро тасалло медоданд шарикон.

Чойсолор баъди болишҳоро ба амаки Салмон таслим кардан, ҳамеша ҳамон як суолро медод.

– Аз охуриҳо?

Амаки Салмон бурути чапу росташро масҳ кашида, сар меҷунбонд. «Моҳиҳои охурӣ» истилоҳи сохтаи худи амаки Салмон буд. Яъне моҳиҳои бузурге буданд,

ки дар ҳавзаки чашмасор махсус парвариш меёфтанд ва мизоҷони доимӣ аз онҳо ҳаққи ҳар навъ моҳибирёну моҳишӯрбову моҳикабоб фармудан доштанд.

Чойсолор ёварашро мефармуд, вай мерафт аз ҳавз ду моҳии бузург, ки ҳар яке тақрибан ду кило вазн дошт, берун меовард, зинда шикамашонро чок мекарду тоза, бо сихи вежаӣ танашонро шикоф мекарду сир мехаст, ба шикамашон ҳар навъ забуда: помидору гашничу райҳон, зира, нахӯду шалғаму сабзӣ ҷой медод ва бо диққат онро медӯхт, баъд се сих мегирифт, аз гардану шикаму дум сихҳоро мегузаронд ва бо эҳтиёт рӯи кӯра мегузошту ангиштҳои фурӯзонро зери моҳиҳо ҳамвор мекард, ки яққисму баробар бипазанд.

Амаки Салмон моҳии худро чунон ба оҳистагиву лаззат мехӯрд, ки шарикаш ҳаққи худро барвақт тамом мекард ва пиёлаи чойи сабзро ба лаб бурда, ӯро бо ҳавас менигарист, ки зистанро ҳам медонаду хӯрданро ҳам.

Амаки Салмон моҳияшро мехӯрду дасташро пок мекард ва ду-се пиёла чой мехӯрд ва баҳои таомро мепардохт ва ба ҳаққи дастархон дуо хонда, аз ҷой баланд мешуд.

Қонуни нонавиштае буд, ки туфайлӣ ба роҳи худ мерафту амаки Салмон ба

роҳи худ. Танҳо рӯзи дигар назди сарои Сармаддара – ҳар колхоз сарое дошт – мошини пӯшида меомаду мусофиронро мегирифт. На туфайлӣ аз амаки Салмон, на амаки Салмон аз туфайлӣ намепурсид, куҷо буду чӣ кард.

Аммо амаки Салмон чун аз думгираки худ ҷудо мешуд, ҳамеша роҳеро пеш мегирифт, ки худаш медонисту чанд дӯсти шаҳрияш. Ин роҳи бангихона буд, ки дар гӯшаи хилвати шаҳр паноҳида буд.

Амаки Салмонро бештар хумор ба ҳамин бангихона буд, то ба моҳиҳои охурӣ.

Амаки Салмон то шом банг дуд медод ва ҳаминки кайфаш боло мегирифт, ба хонаи дигар мегузашт, ки «меҳмонхона» ном дошт. Рӯи кӯрпачаи чиркин дароз мекашид ва сар ба лӯлаболиши аз он ҳам чиркинтар мегузошт...

... баногоҳ садои карнаю сурнай баланд мешуд, мардуми кишвари Сарандеб аз хонаҳо ба кӯчаву хиёбонҳо мерехтанд.

Амаки Салмон ғайр аз Сарандеб вуҷуди дигар кишварро қоил набуд. На аз ун хотир, ки нохонда буд ва ҳам на аз ун хотир, ки худованд ҳазрати Одамро ба он ҷо бадарға карда буд, балки васфи ин мамлакатро аз мулло Бухоризода шунида ба он ошиқ шуда буд.

Баногоҳ амаки Салмон бо шигифтиву ҳайратзадагӣ мебинад, ки шоҳаншоҳи

Сарандеб худи ӯст, дар тахти равоне нишаста аст ва хидматгорону ғуломони зангӣ ӯро ба қасри шоҳӣ мебаранд. Мардуми кишвари хушбахт пеши пояш гул мепошанду тори сараш зар мечошанд ва ӯро ба қасри шоҳӣ меоранд, ки дар боғи он хонтахтаи хеле азим гузоштаанд, рӯи он ғайр аз шири мурғу тухми анқо ҳама анвоъи хӯрданӣ ва нӯшиданӣ муҳайё. Оҳувону товусон дар гулгаштҳову гулзорҳо мехироманд, ромишгарон менавозанд, раққосон арғушт мераванд... шоҳаншоҳро ба зораву лобаи мардум раҳм меояд ва аз ҳар нуқле чошнӣ мебардорад...

Субҳ амаки Салмон бо сари гиҷу димоғи хира аз лӯлаболиш сар мебардорад, бо ҳайрат худро дар Сарандеб неву дар Шарандеб. бангихона мебинад таги танаш кӯрпачаи чиркину зери сараш лӯлаболиши аз он ҳам чиркинтар.

Амаки Салмон соате рӯи ин таҳаввул андеша мекунад ва ба хулосае меояд, ки зиндагӣ ҳамин ҷур аст – гоҳе туро ба Сарандеб, кишвари биҳиштиву гоҳи дигар ба Шарандеб, кишвари дӯзахӣ меандозад. Ин номи ахирро амаки Салмон аз кӣ ва дар куҷо шунида буд, дар хотир надошт.

# КУШТОР ДАР ЯЛМО

Бобои Баҳром ин қиссаро ба сахтӣ нақл мекард, ки худ шоҳиди он буд. Ҳамвора дар поёни қисса меафзуд: «худованд ҳеч бандаашро ба ин рӯзҳои сиёҳ гирифтор насозад!»

Ман сездаҳсола будам, падарамро барои чанд сар чорпову як порча замини меросӣ кулак карда буданд. Дигар «кулакҳоро» хонахез мебурданд, аммо чи шуду чи монд, ки – ман то ба ҳол сабабашро намедонам – танҳо падарамро бурданд. Ҳамин Сангин, ки имрӯз сари танҳо мегардад ва масҷиди Шоҳаксохтаро иҷора гирифтааст, бо падару модар ва ҳафт хоҳару бародар бадарға шуда буд. Аз ин хонавода танҳо ӯ баргашту бас. Ин ӯст, ки мегӯяд: «падарам мурду маълум накардем, ҷасадашро байни ғарами ҳезум пинҳон кардем, то чор-панҷ моҳ «паёкашро» бигиремy ба қути лоямути худ биафзойем...»

Мани кӯдак саробони модар ва хоҳару бародар будам. Чун чорпоён ва заминро мусодира карда буданд, ман бояд пайи рӯзии хонавода мешудам. Зимистон ба чӯпонҳо кӯмак мерасонидам, баҳору

тобистону тирамоҳ ба машғалаи колхозчиён ҳамроҳ будам.

Тобистони соли 1934 маро дастёри ду хирманкӯб дар Чоштеппа таъин карда буд раиси колхоз. Барояшон аз Кафкрӯд ба фарози Чоштеппа об мекашидам ва рӯзе се раҳ ба қавли худашон «ҳалилоб», яъне ордоба мепухтам, гоҳе субҳона бо хоҳиши худашон ба чои ордоба кӯмоч мепухтам. Шабона барзаговҳоро давру пеш чаро медодам...

Ҳамроҳони ман ду марди миёнасол яке Муроди Чокар, падари ҳамин Фармони Мурод, дигаре Маҳрбони Шаҳрбон – падари Яздони Маҳрбон буданд. Яке серҷоғу тундхӯ, дигаре мулоиму камгап. Яке ҳамеша аз зиндагии сахту пешонии тахти худ менолид, дигарӣ ҳамаро аз қазои яздон медонисту ба тақдир тан дода буд ва ҳар пешомадеро орому сазовор мепазируфт. Аввалӣ ба олам аз паси шишаи дудандуди оҳангархонаи Пиршодӣ менигаристу дувум аз тирезаи рӯшани хонаи худ.

Мавзеъе ки мо хирман мекӯфтем, аз Сармаддеҳ наметобад, паси ҳо он хамӣ, ялми он ҳосили зиёде намедиҳад, аглаб солҳои анбортиҳӣ кишт мекунанд, ки ба қавле аз хирс мӯест. Он ҷо ду-се дарахти бурсу як буттазори тунук иборат аз танбатана, вағнич ва хома. Афзалияти

ин мавзеъ ҳам аз даштаки Ялмо, ки ягон буттаву дарахте надошт, ҳамин буд.

Шарикони ман рӯзе набуд, ки сари масъалаи ночизе бо ҳам баланду паст наоянд. Раис ҳам ин дуро як ҷо гузоштанӣ набуд, лек ночор монда буд, ки мардони ҳузарбро мувофиқи супориши марказ ба дашти азими Марғу бифиристад барои корез буридан. Раис агар ба Марғу намерафт, ҳатман аз Чоштеппа дидан мекард, чароки дилаш аз ин ду тан пур набуд, пинҳонӣ Маҳрбони Шаҳрбонро саригӯшӣ карда буд, ки аз шарикаш бохабар бошад ва Муроди Чокарро ҳушдор дода буд, ки муроқиби ҳамкораш бошад. Маро низ гуфта буд, ки аз ин ду тан чашм наканам. Бечора раис тарс дошт, ки ин ду тан забон як карда, маро гӯл зада гандумро медузданд, чароки мегуфт ӯ, тангдастӣ одамро ба ҳар роҳ мебарад!

Раис меомад, чошро чашмбарандоз мекард, аз лаби он дуним тоқӣ гандум мебардошт ва ба табангуи дасти ман мерехт, ман ҳам онро мебурдам ва бо санги ғармич орд мекардам барои хӯроки якрӯзаамон.

Вақте ин ду чоштгоҳ барои хӯрок хӯрдан ба сояи бурс меомаданд – субҳу шом ҳаво мӯътадил буд, сари хирман мехӯрданд ва ҳамон ҷо мехобиданд. Чун ман нигаҳбони

хирман мешудам, корам ҳамин буд, ки гунҷишкакон, кабӯтарони доначинро бо камонғӯлаки худсохт шикор мекардам. Бегоҳ онҳоро ба химчае хаста, рӯи лахча мегузоштам.

Шариконам аввал аз сайдҳои ман ҳазар мекарданд, аммо чун раис омаду дар бораи гӯшти гунҷишк ва кафтар ва фавоиди он амри маъруфе кард, ҳарчанд барои гӯшҳои ман набуд, Шаҳрбон ба сӯи ман ишорае ҳам кард, раис даст афшонд, ки дар қадим кӯтаҳумр буданд ва дар синну соли ин ду-се фарзанд доштанд, шарикони ман бо майл гӯш ба раис доданд.

Аз нақли раис маълум гашт, ки гунҷишк пурсикандтарин парандаи рӯи замин будаасту гӯшташ нерӯи мардиро чандин карат афзуда, ҳатто хартуми овезонро хезону сахт мекардааст. Аз ин рӯ шоҳону амирон, ки занҳои зиёде доштаанду барои ҳар шаб бо яке хобидан мадор надоштаанд, гоҳе назди зан шармсор мешудаанд ва он занро субҳ мекуштаанд, вартишсолору гунҷишксолор доштаанд, ки бо панҷ-шаш нафар корашон ҳамин будааст, ки рӯзи дароз гунҷишк бидоранду ба ҳар навъ гунҷишк бипазанд. Ҳаминки гунҷишк ба дили шоҳ ё амир мезадааст, он гоҳ вартишсолор – ҳамин бедонае ки мегӯем,

ба шикор меоғозидааст ва вартиш баъди гунҷишк дар сиканд (секс) мартабаи дуюмро доштааст... Шоҳ субҳ аз тухми вартиш хогина, чошт аз гӯшти он зирабо, шом аз дилу ҷигараш тобакабоб мехӯрд. Агар ин ҳам коргар наёмад, хояборшиpo суфориш медод... Филҷумла ин хояҳоро аз субҳ то шом дар оташи паст чунон мепухтаанд, ки як дег хоя як коса қиёми мурдаро зиндасоз мешудааст, одам чӣ, фил агар хурад– ба ракс медаромадааст...

– Ба мо як каф гандумбирён ҳам бас аст, ки ба ракс дароем, – гуфт Муроди Чокар, - ҳамонро ҳам намеёбем!

– Барои он ки, – гуфт раис, – рӯдаву меъдаи шумо чунон ҷуҳон шуда, ки дигар узвҳоро аз кор баровардааст.

❂ ❂ ❂

Рӯзи дигар ман панҷ гунҷишк ва як кабӯтар шикор кардам. Онҳоро чун пешина ба сих хаста, кабоб кардам ва назди рафиқон омада нишастаму якеро аз сих берун кашида ба даҳон бурдам. Муроди Чокар лаҳзае чанд ба лабу дастлесиҳои ман нигаристу кафашро сӯи ман дароз кард.

– Ку, якта ба ман ҳам деҳ, – чунон гуфт, ки гӯё марҳамате ба ман ва гунҷишк менамуда бошад. Баъди чанде амаки Маҳрбон низ аз ӯ пайравӣ кард. Дигар то

охири кӯчбандии мо онҳо «ҳамтабақи» ман буданд.

Вақти хирман бод додан ва ба халтаҳо анбоштани гандум ҳам расиду нолишу лобаи Муроди Чокар низ. Соате пас шошидан мерафт. Ҳарчанд дар тан пироҳану шолвор ва дар пой чорухи кӯҳнае дошт ва пеши чашмамон рад мешуд бо дасти холӣ, боз дили амаки Маҳрбон дур рафт ва чун ин навбат ҳам Муроди Чокар шошидан рафт, амаки Маҳрбон маро назди худ хонд ва гуфт:

– Гӯш кун, додарзода, медонӣ, ман чӣ гуфтан мехоҳам: ин гӯрсӯхта дар деҳ шикояте, ҳатто дар фасли сармо, аз гурдаҳояш надошт, ин ҷо, ки бо мо буд, дам ба дам намерафт – боз дар дами офтоб, ки арақ аз тамоми танат мешорад, ҳамаи ин бисёр ғариб менамояд! Дунболашро бигиру бубин, чӣ мекунад!

Ман ҳайрон мондам: аввал ин ки аз паси касе поидан, гузашта аз ин шошидан ё нашошидани ӯро таъйин кардан, ба назарам кори зиште менамуд. Баъд, агар мардакро пешобаш қаба накунад, чаро бояд шошидан биравад. Охир, аз кор гурехтан ё сарпечӣ кардани ӯро ҳеч гоҳ надидаам – ҳарчиро метавон ба гардани ин бор кард, аммо коргурезиро на!

Аммо хоҳиши марди бузургсолеро чун амаки Маҳрбон низ ба замин гузошта

намешуд. Ҳаминки Муроди Чокар боз оҳанги шошидан кард, дунболаш рафтам. Кош намерафтам!

Амаки Мурод ба пастие фуромад, ки аз хирманҷо наменамуд, пушти буттаи танбатанае рафт, duздона ба чор тараф нигарист, ба ҷои он ки шолворашро поён ораду шошад, чоруххҳои пояшро бадар оварду таконд, боз ба по кард, бархост, боз duздона чор тарафро нигаристу баргашт. Ҳаминки аз назар пинҳон шуд, ман худро пушти танбатана гирифтам, ҳеч чиз набуд, осори наме ҳам дида намешуд, хасу хошок буду бас! Бо нӯги по хасҳоро дур кардам ва гарангу пакар мондам – чоҳаки гандум буд!

«Тӯба кардам, худоё! – ҳар гоҳе бобои Баҳром ин қиссаро мекунад, ин ҷумларо дар мавқеъи мазбур ба такрор, бе каму кост мегӯяд, – одам чӣ макрҳое мекунад, ки ақли шайтон аҷз мекашад!»

Ана, барои чӣ вай пойҳоям арақ мекунанд, гуфта пайтоба ба по намепечидааст! Ҳаминки аз деҳ омад, онҳоро аз по берун овард, паҳлӯи ҷомааш гузошт, ки шабҳо чун ҳамаи мо онро чун кӯрпа ба рӯ мекашид – дарзаҳои хаси гандум ба ҷои кӯрпачаамон буданд. Чоруххҳоро ба пои бараҳна мекашиду мерафт аввал ба дарави гандум, баъд ба кӯфтану бод додани хирман. Маълум мешавад, ки ними

ғалберро ба даҳони тубраву ними дигарро ноаён ба даҳони чоруххҳои худ мерехтааст. Чунон ноаён мерехтааст, ки амаки Маҳрбон ҳатто пай набурдааст. Ин баъд рози Муроди Чокар фош гашту ҳуш аз сари амаки Маҳрбон парид.

Аввал хостам, ки раваму ин ҳама дидаро ба амаки Маҳрбон бозгӯ кунам, лек бо ҳамон ақли кӯтоҳе ки доштам, дарёфтам, ки ин кори пастест, ҳар ду ба арбадаву хархаша мегузаранд, кутакзанӣ мекунанд, як мушт ҳақ, як мушт ноҳақ... хабаркаши бадбахт ҳезумкаши ин оташ... гунаҳгор ӯро мешумоpанду бас. Баъд ин бечораи Мурод шаш бача, боз худашу занаш ва модари пираш, ҷамъ нӯҳ хӯранда дорад! Агар яктоӣ нон бихӯранд – як басти танӯр дар як рӯз! Аз ночорӣ ба ин кори нангин даст зада...

Рафтам ва амаки Маҳрбонро гуфтам:

– Мезиду омад.

Амаки Маҳрбон ҳарфе назад ва дигар дар ин бора таҳпурсие нанамуд.

Пас аз бар кашидану ба анбор супоридани ғаллаи Чоштеппа раис моро ба кӯмаки даравгарони даштаки Ялмо роҳӣ кард.

❁ ❁ ❁

Фарози Ялмо мавзеъе буд, ки мардуми деҳи мо ҳамасола он ҷо лалми

худро мекиштанд, баъд вақфи колхоз шуд. Ҳоло мардуми кории деҳ ба истиснои ҷавонмардоне ки ба кандани корез рафта буданд, ин ҷо машғули дарав буданд. Даштаки урёне буд, на дарахте дошт, на буттае. Аз шоху сутунчаву чиғпораҳои аз деҳ оварда се шипангча сохта буданд барои даравгарон. Рӯзона зери онҳо хӯроки бому зӯҳру шоми худро мехӯрданд ва шаб хоб мерафтанд. Раис бо муҳосиби колхоз барои худ чодар зада буданд, ки аз аскарони сурхе буд, ки панҷ сол қабл деҳи моро мақарри худ интихоб карда буданд ва ин чодарро барои намояндаи худ вогузошта рафта буданд. Ин дафъа амаки Муроди Чокар ба мо ва ҳаққи кори мо шарик набуд. Аз ин рӯ на ман, на амаки Маҳрбон ба ӯ коре надоштем, ки ин ҷо ӯ чанд раҳ шошидан меравад.

Машғалаи ман ин ҷо низ чун дар Чоштеппа буд. Танҳо фарқ ин буд, ки ин ҷо ман ду шарик доштам. Яке аз моро «оташбон» мегуфтанду дигарро «дегбон» ва савумро «ҳукмрон», ба ҳазл албатта. Оташбон ғами ҳезуму обро мехӯрд, дегбон ордоба мепухту чой меҷӯшонд, «ҳукмрони» бечора ҳар даравгаре ки «об» ё «чой» гӯён ҷеғ мекашид, филфавр чойҷӯш ва кӯзаро гирифта медавид ва

ҳам бечора чошбониву говчарониро ба ӯҳда дошт.

«Ҳукмрон» ман будам ва кӯзаву чойҷӯшро ҳамеша омода медоштам ва ҳаминки нидои «чой!» ё «об!»-ро мешунидам ба сӯи нидогар медавидам.

Боре вақте ба амаки Маҳрбон чой рехта додам ва онро ба роҳат ҷуръа-ҷуръа нӯшид, чун пиёларо бармегардонд, гуфт:

– Ҳеч аҳамият додӣ, ки Муроди Чокарро вақти дарав пешоб қаба намекунад, лек ҳамин ки ба боддиҳиву хирманкӯбӣ машғул шуд, зуд-зуд медавад?

Мо барои хӯроки даравгарон хирманакеро пеш-пеш мекӯфтем.

Албатта ман инро ба мушоҳида гирифта будам ва ҳам медонистам, чаро чунин мекунад, лек ба амаки Маҳрбон чизе нагуфтам.

– Бо рафиқон дар дарав сабқат дорад, шошидан ба хотираш намерасад ва ҳам шунидаам, ки вақти ҷангу мусобиқа дарду беморӣ канор мехазанд.

Амаки Маҳрбон заҳрханде карду ҳарфе назад. Ман донистам, ки вай аз ин макри Мурод бӯ бурдааст, вале мардона ҳарфе дар ин бора гуфтан намехоҳад.

Гандумро даравиданду ғарамиданду омодаи кӯфтан шуданд.

Раис ҳарчанд медонист, ки бо ду барзагову чор хар хирманкӯбӣ ба дарозо

мекашад, лек чун медонист, ки аз деҳоти ҳамсоя низ барзагов овардан имкон надорад – онҳо низ побанди хирман ҳастанд – аз ин рӯ ба оғози кор амр дод ва ҳатто барои ин кор аз деҳ Бухоризодаи Аввалро оварда буд, ки фотиҳаи ибтидоро бихонад. Мулло ҳам сурае аз Қуръони карим қироат карданду даст ба дуо бардоштанд:

– Худоё, худовандо! Кариму раҳим туӣ, ризқрасони ҷумла муъминон туӣ, умедвори каромату инояти туем, умедворонро ноумед магардон, бевaву сағира, кабираву касира, ҷумла мутаваккиъонро ба нияту орзуяшон бирасон! Омин, Аллоҳу акбар!

Ҳама даст ба рӯ бурданд ва говону харонро ба сӯи хирманҳо кашиданд.

Хирманкӯбӣ оғоз ёфту дарди гурдаҳои амаки Мурод низ.

Амаки Мурод чун пешина боз даҳ-бист дақиқа пас нифаи азорашро ба даст гирифта ба хамии хеле дур аз хирманҷо метохт.

Чуноне ки амаки Маҳрбон ба шубҳа афтода буд, шарикони ӯ, ки се нафар буданд, низ ба шубҳа афтоданд, ба хусус амаки Сардор, бобои ҳамин Холдори Чилдурӯғ, ки марди бадҷаҳлу бадгапе ҳам буд.

Вай махфӣ аз паси Муроди Чокар роҳӣ шуд ва чун «қазои ҳоҷати» ӯро дид, гиребони ӯро гирифт бо ҳазор дашноми қабеҳ, ки хулосааш ин ки «бачаҳои

ту даҳони хӯрандан доранду аз мо надоранд?!»

Амаки Мурод ҳай зораву таваллo мекунад, ки ӯро рӯсиёҳ байни мардум насозад, раисро нагӯяд, вагарна ӯро «душмани халқ» мехонаду ба орган месупорад...

Аммо ин ҳама ба Сардори бадҷаҳл кора намекунад, ҳар ду ба кутак задани ҳамдигар меоғозанд ва Муроди Чокар бехуд калласанге аз замин мебардораду ба сари амаки Сардор мефарорад...

Ин дам буд, ки фарёди ҷонкоҳ ва нолаи «хонаам сӯхт!!!» ҳама даравгаронро ба хамӣ кашид. Вақте ки мо он ҷо расидем чунин манзара пеши назарамон буд: амаки Сардори ба хоку хун оғушта ва сараш дукафон, Мардони Чокари назди ӯ нишаста ва бо ду даст сарашро доштаву ноланда: «хонаам сӯхт! хонаам сӯхт!».

Мо ҳама карахту лол монда будем ва намедонистем чӣ бикунем. Раису муҳосиб низ расида омаданд. Раис вазъро зуд пеши худ барандоз карду ду нафарро ишора кард, ки мақтулро ба шипанг бубаред, худ ба сӯи амаки Мурод омаду бо хашм гуфт:

– Бадбахти худозада, чаро ӯро куштӣ?!

Амаки Мурод сар намебардошт ва ҳамун туре, ки сарашро бо ду кафи даст медошт, менолид: «хонаам сӯхт, хонаам сӯхт!» Раис чун дид, ки бо вай ҳарфе

задан бефоида, назди ҷамоат омад ва гуфт:

– Ду сутунчаи зиёдаро аз шипангҳо биёред, аз халтаҳо чанд дона бардоред ва занбар созед! – баъд ба ман нигаристу афзуд: – Зуд деҳ фаро, муллоро пайдо кун ва моҷароро баён. Бигузор ба хешу пайвандонаш бигӯяд, ки харро наъл задан хосту хар лагад андохт ва маҷрӯҳаш кард, – лаҳзае таҳаммул намуд, ки боз чӣ супориш бидиҳад, лек аз фикраш гашту афзуд: – бирав, мо бо каме таъхир меоем, рафту муллоро наёфтӣ, моро дар даромадгоҳи деҳа мунтазир бош!

❂ ❂ ❂

Мулло Бухоризода дар хона буданд. Ҳарчи рафта буд, иҷмолан эшонро ҳикоят кардам. Эшон лаҳзае чанд ба фикр фурӯ рафтанд, сипас аз ҷо баланд шуданду ба ман ҳарфе назада пеш даромаданд.

Мулло Бухоризода дами дарвозаи амаки Сардор лаҳзае таваққуф карданд, сипас онро кушода, ба ҳота қадам monданд, назди айвони хона омада, овоз доданд:

– Ҳой, касе ҳаст?

Писарбачае дартоз берун омад ва муллоро дидан баробар, дартоз дарун даромад. Лаҳзае баъд аз хона модару зани амаки Сардор берун омаданд,

муллоро салом доданд ва ҳаросон ӯро нигаристанд, чароки ӯро бори аввал дар хонаи худ медиданд, нигаронӣ аз ташрифи хоса доштанд.

– Ин писарак аз дашти Ялмо омад, мегӯяд, ки Сардор харро наъл мезад, ки баногоҳ хар лагад андохт ва ӯро захмӣ кард...

Зани амаки Сардор ҷеғ кашид:

– Захмӣ?! Зинда?!

Модар хомӯш буд ва бо диққат маро менигарист. Ман ба нигоҳи кушандаи ӯ тоб наёвардам, сар хам кардам. Сипас модар лаҳзае чанд ҳамун тур бо диққат муллоро нигарист ва ба сухан даромад.

– Мулло, ман ба ин гап, ки писари ман харро наъл зада бошаду хар ӯро лагад, сахт шубҳа дорам, лагад партофтани аспро шунида будам, аз харро ҳеч гоҳ. Баъд агар вай захмӣ мебуд, худи ин ҷавонак меомаду мегуфт, ҳоҷати шуморо аз хона берун кашидан набуд. Маълум, ки бо касе кордкашӣ кардаасту ба шаҳодат расидааст.

Мулло аз ин заковату ғайбдонии занак ҳайратзада шуданд ва надонистанд чӣ бигӯянд. Зани амаки Сардор чун дид, ки мулло ба суоли хушдоманаш ҷавобе надод, ба нолаву шеван оғозид.

Ин дам аз дарвоза нафароне даромаданд, ки ҷасади Сардорро

ба занбари худсохт гузошта, челаки мақтулро рӯи танаш афканда, бардошта меомаданд.

Занҳо чеғ кашида, мӯву рӯ канда худро ба занбар заданд...

Занбарро бо часад дар саҳни айвон гузоштанд, чароки модар онро ба хона даровардан нагузошт. Занбарбардорон аввал ба раис нигаристанд, ки худ хайратзада буд, баъд ба мулло нигаристанд, мулло бо сар чунбонидан ризоият доданд. Занбарро ба саҳни айвон гузоштанду нигарон монданд.

Модар ба ошхона рафт, аз он чо бо як каф лахчаи нимсӯхтаи бурс баргашт, дохили хона шуд ва аз он чо пас аз панч-шаш дақиқа берун омад, чавонмардҳоро гуфт:

– Даоред, лек занбарро аз зону боло набардоред!

Аввал чавонмардҳо занбарро то зону ҳамл карда дохили хона шуданд, пасон мулло ва раис ва билохир ман.

Намедонам, дигарон шигифт доштанд ё не, вале ҳаминки дохили хона шудам, комам афтод: рӯи гуландоваи девор то эзораи он давродавр бо лахча хат кашида буданд, хатти сиёҳи ғафс...

Ҳаминки мулло нишастанду даст бардоштанду «Инно лиллоҳи ва инно илайҳи рочиъун!» хонданду даст ба рӯ бурданду хестанд ва берун шуданд аз дар,

ман аз пасашон бархостам. Эшонро дами дарвоза дарёб кардам ва пурсидам:

– Амаки мулло, бибӣ чаро гирди хона доира кашид ва ҳам нагузошт занбарро аз зону боло бардоранд?

Мулло лаҳзае ба ман ҳайрон нигаристанд, гӯё бори аввал медида бошанд, баъд оромона гуфтанд:

– Ҳанӯз писарро нодида бо фаросат дарёфта буд, ки ӯро куштаанд ва ба тақдири сахти худу наберагони худ тан дода буд, аз ин рӯ нахост, ки рӯҳи лаббафарёди ҷигарбандаш қоим гардад ва пайвандони худро ба кинхоҳӣ таҳрик диҳад...

# ДОНА ДАР ДАСТОС

Касе ёд надошт, гузашта аз ин худи Мирак ҳам, ё шуморашро гум карда буд, Сабза чанд бор бим дода буд, ки хонаро пушти сар мекунад, бачаҳоро бо худ мебарад, дигар рӯяшонро ба ӯ наменамояд.

Ин дирӯз буд, ки вай ба шикор баромада буд. Қабл аз шикор се нахӯд чакидаро дар пиёлаи чой ҷафида хӯрда буд. Ду харгӯш зада буд ва ба хона оварда буд. Рӯи кати айвон нишаста буд, як харгӯшро пӯст канда, ба тоқчаи айвон гузошта буд. Гурбае омада буд, ба ӯ пӯзханд зада буд, харгӯшро бардошта бурда буд. Харгӯши дувумро пӯст канда буд, пеши худ ниҳода буд, чашм ба раҳи гурба дӯхта буд, гурба ҳам бедиранг ҳозир шуда буд, пӯзханд ҳам зада буд, Мирак хеле сари қаҳр омада буд, харгӯшро бардошта буд, ба калаи пишак афканда буд, гурба маслухро дар ҳаво доштаву рақскунон рафта буд.

Чун Мирак «гурбаро доред!» гӯён доду фиғон бардошта буд, занаш ҳамоно расида, ҳол пурсида буд. Мирак қиссаи гурбаро карда буд. Занак ба сари ӯ ҷеғ

кашида буд, ки аз хона берун наомадаӣ, аз гӯри бобот харгӯш овардаӣ?! Мирак ҳангу манг монда буд, пас гурба чиро бурда буд? Аз ин рӯ чун имрӯз аз хоб бедор шуд, аз манзараи гирду пешаш зуд безор шуд: занаш дар бухорӣ мепухт ордбо, бачаҳо рӯи ҷогаҳ хоб буданд чалипо, хурӯси беҷуфт паиҳам бонг мезаду бузи гурусна маос беибо.

Мирак дуздида занро нигарист, зан песонида ӯро.

Хурӯси беҷуфти тосагирифта, бузи гуруснаи шохзананда, бачаҳои бараҳнаи чалипо хобида, зани абрӯ гиреҳ задаву лабу абрӯ турушида... На, Мирак тоби шикебидани ин ҳамаро надорад дар ин оз боз рӯзи дароз!

Аз хона берун омаду лаби ҷӯй хамбид, ҳарому ҳалол ба сару рӯй об кашид, баргашту ҷома пӯшид, акнун фикри аз дарвоза берун шуданро дошт, ки занаш таркид.

– Чумчаи охирини ордро ба дег андохтам! Агар боз ба хона чизе наорӣ, ё масту бангзада оӣ, биллоҳи азим, дигар на рӯи маро хоҳӣ диду на рӯи бачаҳоро!

Мирак нимароҳ дудила монд, баргашту дар ваҷоҳати зан ҷигарсӯз табе хонд. Занаш пеш ҳам бим медод, лек савганд намехӯрд, пас аламе дилаш бухсидааст. Чанд раҳ вай ин бузро

фурӯхтанӣ шуд, занаш нагузошт, ки шир медиҳад, чанд раҳ вай ин хурӯсро куштанӣ шуд, занаш нагузошт, ки ду мурғ ба орият аз Луда-Палвон меорад, ин хурӯс суд медиҳад, вай аз мурғҳо тухм мегирад...

Чору ночор пеши Раиси Баста - Парвонаи Шопур мебояд рафту пешдод талаб кард.

Аммо Парвонаи Шопур дар идора набуд, ба маркази ноҳия рафта буд.

Димоғи Мирак аз ноомади кор ях баста буду вай дар фикри гарм кардани димоғ афтода.

Рафт пайи суроғи Пирак, ки шояд маблағи рӯзи мабодояш ҳанӯз буда бошад, бардоранду раванд дари мағоза, як шишаи яклитра май бихаранд, ягон гӯшаи хилватро баргузинанд, хурӯси бечуфту бузи шохзану зани бадпилкро, боз даҳҳо ину онро як тин нарх гузошта, чорта дили беғам бизананд...

Пирак дар хона буд, вале пайсаи рӯзи мабодо набуд. Пирак ба сари пайсаи рӯзи мабодо об рехта буду занаш ба сари Пирак. Вай ҳам аламзада менишаст ва наздик ба таркидан буду ба ягон гӯша ламидан.

Ҳароина Пирак аз дидори Мирак шод шуд.

Ҳар ду сар ба сар монданд, болу пари хаёли танграви худро кушоданд,

деҳро хона ба хонаву буна ба буна давр заданд, ки савобчӯе биёбанд, то ба доди ин ду дармонда бирасад. Аммо савобчӯе наёфтанд, магарки Шаҳрон писари амаки Салмон.

Аммо Шаҳрони Салмон ёғӣ буд, мулаққаб ба Абри Осӣ буд, бо ӯ май хӯрдан ба захр хӯрдан мусовӣ буд. Аз бобои валию додои сахиаш бохабар мекард ва як пиёла майро ба як коса захр баробар. Хуру мур! Чунонки аз хони бобову додои ман то ту хӯрдանду мурданд...

Атояшро бар лиқояш бахшиданд.

Чора набуд, бечора ҳам набуданд, рафтанд дари мағоза, ки хоҳ-нохоҳ яке не яке аз аҳли дард он ҷо сар мехалонад ва чору ночор онҳоро ба «домёрӣ» мехонад.

Фурӯшанда марди бад набуд, гоҳу ногоҳ пасодаст медод. Вале пиринтсип дошт мардак, ҳамин ки қарз аз бист рубл афзун мегашт, тормузҳои ҳимматаш ба кор медаромаданд ва агар худро ба дарахти чанори назди мағоза биёвезӣ ҳам, чизе насия намедод.

Қарзи ин ду тан рӯи рақами бисту яку бисту се, аввал аз Пираку дувум аз Мирак мечархид, яъне буксават мекард, на пеш мерафту на қафо ва ҳар ду монда буданд дар лажанзори бало. Ҳаминки яке аз онҳо дохили мағоза мешуду ба

салом даҳон мекушод, фурӯшанда ба ҷои «алейк» аз «Дафтари вом» рақамҳои фурӯзонро нишон медод.

Аз ин рӯ омаданду вориди мағоза нашуданду рӯи хараки зери чанор нишастанд.

Аввалин воқеаи назаррас ин буд, ки мошини пӯшида омад ва аз он Холдори Чилдурӯғ фуромад. Холдор ба аёдати хешаш Бабраки Лӯлӣ рафта буд. Фишанги муқовоӣ дар дасти Бабрак таркида буд ва ду чашмаш осеб дида буд. Бо Холдор Шераки Хол ҳам рафта буд, ки Бабрак тағоияш буд, лек Шерак дар шаҳр монда буд.

Бабрак чавандози забардасти дара буд, Мирак ҳавохоҳи хурофотии ӯ буд, аз ин рӯ аз ҷой ҷасту ба домани Холдор часпид ва бо овози ларзон пурсид:

– Бабрак! Бабрак чӣ тур аст?!

– Бад! – Холдор чунон «бад» гуфт, ки мӯ дар тани Мирак сих шуд.

– Чӣ хел бад? Заҳракаф накуну одам барин гап зан!

– Чӣ гӯям? – Холдор ба Пирак чашмак зад. – Чашмҳо талаф шудаанд, ҷарроҳҳо ду дидаро аз ҳадақа кандаанд, чашми одамӣ дастрас надоштаанд, чашми бузро ба косаи чашм гузоштаанд. Бечора ба кӯмочу маскаву панири мо бурда нигоҳ ҳам накард, ҳаминки Шерак аз тунбон

торону ревочро берун кашид, чанг заду ба даҳон бурд... Хурокаш алафу ҷав... Ҳайронам, ки акнун чӣ ҷӯрӣ бузкашӣ мекарда бошад...

Мирак бемадор рӯи харак нишасту ҳой-ҳой ба гиристан оғозид. Холдор кӯшид, ки ӯро ба навъе аз шӯхиаш огоҳ созад, ки ба мақсад нарасид. Даст афшонду дур шуд.

Мирак ниҳоят ором гирифту бо умед аз Пирак пурсид:

– Рост мегуфт?

– Агар Холдор дурӯғ нагӯяд, дониста бош, ки Холдорро даҳон дӯхтааст.

Онҳо боз ним соати дигар рӯи харак нишаста буданд, лек аз ягон «аҳли дард» нишон наёфта.

Билохир, ки дар фикри бархостану пайи рӯзгори нобасомони худ рафтан доштанд, бахт ба рӯяшон хандид.

Барзуи геолог аз кӯҳи Оҳан фурӯ омада буд, то хорбори тиҳигаштаи анбори дастаашонро такмил диҳад. Ба онҳо салом доду ба мағоза даромад ва ду тубраро аз хӯрданиву нӯшиданӣ анбошт, бо кӯмаки Мираку Пирак онҳоро ба танбуки зин аз чапу аз рост гузошт ва бо банде баст. Пасон лаҷоми аспро аз сутуни айвонча биҳишт, омодаи рафтан шуд ва бо ҳамин фармон ёфтан ин ду танро навишт. Аммо худо ба дилаш

раҳм андохт, ки нигоҳи часпандаи ин ду талбандаро ба худ афканда дид, лаҷомро ба дасти Мирак доду боз дохили мағоза шуд, бо як бутал арақ ва қуттии консерви «Резамоҳӣ» берун омад, онҳоро ба дасти Мирак тапонду лаҷомро аз дасти Пирак раҳонд ва ба роҳ афтод.

Чун бомгӯшаи оғили колхоз дигар моли онҳо набуд – чанд муйсафеди замингир онро соҳиб шуда буданд – ба мавзеъи тоза хушкардаи худ, ба ангатзори лабобаи Кафкрӯд рафтанд.

Пиёла бо худ надоштанд, дар ин тангдастӣ шишаро гулӯкаш карда, ҳаққи ҳамдигарро хӯрданӣ набуданд, бонкаи «Резамоҳӣ»-ро бо чокуи Пирак боз карданд, резамоҳиҳоро рӯи барги азими карафс (куруш) рехтанд, бонкаро дар оби рӯд шустанд ва ба ҷои ҷом истифода бурданд.

– Хӯш, – ба гап оғозид Мирак, – субҳ табъам гирифта буд, ҳаминки чашм аз хоб кушодам, занак ба ман чашм дамонда буд ва дағдаға оғозида буд, ки хонаандар пиёлае орд дар хамба неву чумчае рӯған дар чова. Ман, ки аз тақозои замона силтраро намаку калбузи бибӣ Марямро амак гуфтаам, ҳанӯз ба он поя нарасидаам, ки бачаҳоям гурусна бихобанд. Меравам бегоҳ – ҳоло марказ рафта – назди раиси Баста, ҳарчанд гови

лагадзан аст, лек некшир низ ҳаст, шояд пешдод бидиҳад...

– Қурбон, биё аввал ин табукро, не хато кардам, ин такукро биёшом, баъд аз раису аз саис, аз ҳар касе мехоҳӣ, ҳарф бизан!

– Мон, аввал диламро холӣ кунам!

– Ана ҳамин чиз – ба «такуки» дасти Мирак ишора кард Пирак, – ҳам дилро холӣ мекунаду ҳам сарро!

Мирак лабханде кард, резамоҳие аз «хон» бардошт ва бонкаро ба лаб бурд.

– Гӯр ба сари ин раиси Баста, агар корафтода шавад, «Миракҷон!» хитоб мекунад, агар ҳоҷат ба ӯ барӣ, дағдаға меоғозад: «бангӣ! Бангат тамом шуд? Ман соҳиби ганҷи Қорун наям, бал нигаҳбони моли мардумам. Мехоҳӣ чӣ бигирӣ? Пешдод? Ман коҳпораи туро дар коҳдони колхоз шинохтаам. Агар пешдод мехоҳӣ, бирав пеши Пешдодиён! Ин ҷо кохи Каён не, идораи колхозчиён. Донистӣ? Ман аспамро дар тавилаи Пешдодиён набастаам, хӯша аз порисаи партия чидаам. Ту ҳам бирав, бичин, баста!»

– Ҳарчӣ нагӯӣ, дар гап шайтонро гӯл мезанад, биё барои ҳавай бинӯшем!..

– Барои вай мурдашӯи деҳа Бобокӯчак бинӯшад! Ман барои Барзу барин ҷавонмардҳо менӯшам, агар онҳо набошанд, дар пешони нақб рӯшноӣ намебинӣ...

– Чӣ, чиро намебинӣ?

– Яъне «в конце тоннеля света невидать!»

Ҳар ду дар Русия адои хидмати ҳарбӣ карда буданд, аз ин рӯ русиро каму беш балад. Бо завқ хандиданд.

Баъди «такуки» дуюм чеҳраи ҳар ду шукуфо шуд.

– Медонӣ, девори чиниро барои чӣ сохтаанд? – суол кард Мирак аз Пирак.

– Инро кӯдак ҳам медонад. Барои он ки қавмҳои ваҳшиву нимаваҳшӣ мулкашонро натозанд.

– Дидӣ, намедонӣ! Маро ки шабҳои ҳушёрӣ хоб намебарад, сари бисёр муаммоҳои зиндагӣ андеша мекунам. Муаммои девори Чинро низ шикофидаам.

– Хуб, бигӯ, ки баро чӣ сохтаанд?

– Барои он ки чиниҳо ватанашонро пушти по зада нагурезанд!

– А?! – гуфт Пираку барои пастхам назадан дар назди муаммошикоии Мирак гуфт: – Ман низ шабҳое ки хобам намебарад, ҳар навъ масал бофтанро назди худ хуш дорам, лек ба таассуф рӯз онҳоро фаромӯш мекунам. Хушбахтона, яке дар хотирам чун нақш дар санг мондааст. Сабаб чист, намедонам.

– Ку, қисса кун! – ба шавқ омад Мирак.

– Рӯзе хар мехоҳад бираваду шер, шоҳи ҳайвонотро бо зодрӯзаш табрик бикунад.

Бад-ин хотир тӯҳфаҳои гаронбаҳо мегирад ва меояд ба даргоҳ. Тӯҳфаҳоро медиҳад ва дар радаи дигар ҳайвонҳо гузашта меистад. Чун мебинад, ки гургу кафтору рӯбоҳу… бо тамаллуқ шерро мадҳу сано мегӯянд, ӯ низ мехоҳад чизе гуфта бошад. Пеш мебарояд, як ҳангоси гӯшхарош мезанад ва мегӯяд: «шоҳо! Харкураҳои қавми мо маро муваззаф карданд, то бипурсам, ки шуғли дӯстдоштаи ҷаноби олӣ чист?» «Хӯрдан!!!» -- қоҳ-қоҳ механдад шер ва ба тахтапушти хар меҷаҳад. Мағзи гапро дарёфтӣ?

– О, мо хар нестем-ку! – гуфт Мирак ва ҳар ду қоҳ-қоҳ хандиданд.

Ин ҷавоби Мирак чунон ногаҳонӣ буд, ки Пирак надонист дигар чӣ бигӯяд.

– Ана, шӯравиҳои мо низ аз чиниҳо омӯхтаанд, гирдогирди мо панҷараи оҳанӣ бардоштаанд, то мо гурехта ба мулкҳои обод наравем.

– Рост мегӯӣ, ҳатто дар ҳамин деҳаки исқотӣ бересмон бастаанд. Бошпурт намедиҳанд, то ки сар ба ягон гӯшаи обод бизаниву шиками худ ва бачаҳоятро сер кунӣ ва аз «дафтари воми» мағоза бим набарӣ.

Мирак тоқиро аз сар гирифту ба замин зад.

– Рез оби ҳаётро! Агар ҳамин намебуд, ману ту кайҳо дар ин мотамсаро мағор мебастему мепусидем бесадо.

Шиша холӣ шуду кор аз тардимоғӣ боло нарафт.

Ҳар ду сар ба сар монданд, болу пари хаёли танграви худро кушоданд, деҳро хона ба хонаву буна ба буна давр заданд, савобҷӯе наёфтанд, магарки боз ҳамон Шаҳрон писари амаки Салмон.

Аммо Шаҳрони Салмон ёғӣ буд, мулаққаб ба Абри Осӣ буд, бо ӯ май хӯрдан бо заҳр хӯрдан мусовӣ буд...

Абрӯи ҳар ду боз гиреҳ баста буд.

Ногоҳ чеҳраи яке шукуфо шуд. Ин чеҳраи Пирак буд, ки ба ёд овард, «оби ҳаёт» тамом шуда бошад ҳам, ҳанӯз «дуди барот» боқист. Даст ба ҷайб бурд, анбончаи «пахолро» берун овард, оташ гиронд, бангро ба бонка рехт, қуттиро рӯи оташ гузошт ва аз соқҳои миёнтиҳии карафс ду дудкаш бо чоқу бурид, яке ба Мирак доду дигар ба худ нигаҳ дошт. Ҳар ду дуди аз қуттӣ бароядаро бо ин найчаҳо дарун кашида, «кайф ҷустанд». Билохир баъди панҷ-ҳафт дақиқа кайфро ёфтанду рӯи сабзаҳои соҳил дароз кашида, ба олами орзуҳои бебунёд фурӯ рафтанд.

Қариби бегоҳ ҳар ду баланд аз ҷо шуданд, то пагоҳ худо подшо гӯён аз ҳам ҷудо.

Мирак ба роҳи омадааш бо хаму чам бармегашт. Чун ба масҷид расид, аз он чи дид, хело ҳам тарсид, чароки чун меомад ба идораи колхоз, масҷид дар дасти чап

буд, ҳоло дар дасти рост бовиқор устувор истода буд. Мирак ҳангу манг атрофро нигарист, то аз нафаре сабаб ҷӯяд.

– Ҳой, касе ҳаст?! – садо баланд кард вай.

Манзили бобои Сангин дар канори масҷид воқеъ буд. Вай аз оғози баҳор то поёни поиз дар кафаи айвони болохонааш мехобид. Нимхез шуд, поёнро нигарист, Мираки ширакайфро дид, бо лаҳни мулоиму лабханди намакин пурсид:

– Чӣ шуда, оқои пухолӣ, баъд аз кайфи пахолӣ?

– Масҷид, хуб дар ёд дорам, дар дасти чап буд, ҳоло аз рост намоз хондан дорад. Сабаб чист?

Бобои Сангин ғайри ихтиёр хандид.

– Магар хабар надорӣ, ки масҷид намози аср аз чап ба рост кӯчид? – бобои Сангин зоҳиран хеле ҷиддӣ буд, ҳарчанд дарун-дарун завқ мекард.

– Чӣ ҷӯрӣ кӯчид?! – Мирак аз ин хабар қариб буд ҳушёр шавад.

– Мулло Бухоризода азоим хонду бар масҷид дамид...

– Худоё, тӯба! Аз ин деҳи исқотӣ ҳарчи зудтар мебояд по ба ягон гӯшае кашид!

Ва ӯ боз бо хаму чам ба роҳ афтод.

Ба манзил расид, зану бачаҳоро дар хона надид. Чун сандуқро даҳонбозу

баъзе чизу чораҳоро бардошта дид, ба яқин донист, ки зан таҳдидашро ба ҷо овардааст: ба хонаи модараш рафтааст. Пеши худ гуфт: «оҳанро дар гармиаш мебояд кӯбид!» Ва равон шуд ба хонаи хушдоман.

Дари ҳотаро кӯфту андарун рафт, занаш берун наомад, бачаҳо дар назар натофтанд, ин хушдоман буд, ки аз хона бадар омад, сартопои ӯро бо нигоҳи забунсоз барандоз кард ва бо нафрат, ба ҷониби Мирак туф андохт. Туф ду-се қадам дуртар аз вай ба замин афтод.

Мирак даҳон боз карда чизе гуфтанӣ буд, ки дид туфи хушуяш дамидан дорад.

Туф дамид-дамиду шакли муштро гирифт, боз мушти нарангушт аз байни ангушти ишора ва миёна гузаштаро.

Мирак аз тарс гоме пас ниҳод, мушт ёзиду ба даҳану бинии ӯ зарбе зад. Мирак чапагардон шуд ва ҳамоно сари по шуду гурезон.

Ҳаш-ҳашзанон то суфаи айвон расид, рӯи намадпора нишасту ҳамоно дарвозаро бо чашм мепармосид, ки ана алъон он мушт андарун меояд. «Вай чӣ бало буд?!» Кам-камак ба худ омад. Шерак ҳам шуд, ки пеши худ андешид: «ҳеҷ гап не, чунонки мулло Бухоризода мегӯянд, «пои таҳаммул ба домани сабр мебояд кашид!» Ду-се рӯз

мегузараду ҳам ба дили зан мезанаду ҳам ба дили хушдоман, чаҳор даҳонро хӯрондану чаҳор танро пӯшондан кори саҳле нест, ё зан меояду ба қисмати талхаш тан медиҳад, ё хушдоман меояду зора мекунад: «дар пеши поҳот мурам, домодҷон, қавматро соҳибӣ кун, ки миёнам шикаст!»

Аммо ҳафтае гузашт, моҳе гузашт, на зан омад, ки бор кашад, на хушдоман, ки зор шавад. Мирак ночор монд ва ҳайати шукӯҳманд бо солорони барӯманд барои оштӣ фиристод, лек ҳеч натиҷа надод...

Чора ҷуз ин надид, ки лунгӣ даври камар бубандад, ба назди кампири Осуда равад ва худ сар хам кунаду зора, ки испанду хаси чорраҳаву мӯи ғӯлу косаи дарвешу оинаи лабшикастаатро пеш ор, афсун куну фикру зикри зану хушдоманро дигаргун! Ба дарди танҳоиву афтодаҳолии ман на оби ҳаёт мехӯраду на дуди барот!

Намози шом рафт, то ба чашми ҳамсоягону бомгӯшиён наафтад. Худо кунаду афтад, расвои олам мешавад.

Кампири Осуда ӯро бо диққат гӯш кард, алами дилашро донист, бандчаи испанду хаси чорраҳаву мӯи ғӯлу косаи дарвешу оинаи лабшикастаро берун овард ва аз Мирак чор тор мӯи занашро хостор шуд.

Дархости кампири Осуда дар назари Мирак саҳл тофт, чароки дар хонаи ӯ аз мӯи занаш зиёдтар чизе набуд. Занаш хурофотӣ буд. Мӯи шонаи сарашро намесӯхту намепартофт, ба ҳар роғу чоки девору сутуни айвон метапонд. Аз ин рӯ кампиракро гуфт, ки панҷ дақиқа сабур бошад, вай дартоз мераваду бармегардад.

Аммо чизе ки вай «баъди панҷ дақиқа меорам» гуфта буд ба кампири Осуда, дар ягон роғу чоки девору сутун набуд. Ангор зани бадгумонаш ҷодуеро пешбинӣ карда, онҳоро як-як чида бо худ бурда буд.

Миракро ғам гирифту мотам. «О, ман мӯи сари ӯро дар ин бевақтӣ аз куҷо меёбам? Баъд занак ба кӣ иҷозат медиҳад, ки чанд тор мӯи сарашро биканад ё бибуранд?!»

Коре муҳолу малолу вубол буд, ки Мирак аз оҷизиву забунӣ омад рӯи намадпораи суфаи айвон нишаст. Ин дам бузи гуруснаи оғил баос зад. Мирак осема сари по шуд. «Буз? Мӯй? Чӣ фарқ дорад мӯи бузи ман ё мӯи зулфи зан! Кампири Осуда, ки тафриқа намедиҳад?»

Мирак чокуро аз ғилофи миёнаш берун кашиду ба сӯи оғил давид.

❁ ❁ ❁

Мирак дар хонаи холӣ хоби роҳат надошт, аз ин рӯ шабҳо рӯи суфаи айвон мехобид. Вале ҳоло ба хона кӯч баста буд, ғалақаи дарро низ андохта буд, чароки имшаб кампири Осуда ҷоду мекард ва худо медонист чӣ пеш меоянд.

Нимашаб дари хонаро сахт бо қаҳру дағдаға кӯфтанд. Мирак ҳаросон аз хоб бедор шуд, гӯш дод, дарро чунон мезаданд, ки ангор касе онро шикаста андарун омадан мехост.

– А! – хитобид Мирак, – ба ин занак ҷодуи кампири Осуда чунон асар карда, ки вай пойлучу сарлуч тозон омадааст ва ҳоло чун девона дарро задан дорад!

Мирак аз ғояти лаззату шавқ ҳамон буд, ки бехуд шавад, парида аз ҷойхоб хест ва худро дар зум пеши дар гирифт, ғалақаро бардошт ва дарро боз кард. Дарро боз карду ду гом ба қафо ҷаст.

Пушти дар занро не, бузро дид.

Бузе ки чашмонаш девонавор барқ мезаданд.

# ЗУРАХШ

Духтар набуд, бало буд, як муштвора оташу як пуштора ҷазо буд. Духтар зода шуданаш ҳам хато буд, писар мебуд – ато буд.

Солорони деҳ мегуфтанд, ки худованд ба ҷанини модари Шеда дар фикри ҳукм ба писар додан буда, ки баъд фаромӯш карда. Ва ба дунё омадааст ҳамин Шеда бо феъли мардонаву ба ҷисми занона.

Аз ин рӯ рӯбу чину шусту шӯю пухту пази хонаро намекард. «Хона нарӯфта, Шеда! Дегу табақ нашуста, Шеда! Хӯрок напухта, Шеда! Ҳай рӯят лахча, Шеда!»

Вале бо камоли майл ҳезум мешикаст, алаф медаравид, хишт мерехт, бому бомгӯшаро андоваву дасткорӣ мекард дар тобистон, аз барф пок дар зимистон.

Агар аз ин қабил корҳо пеши чашм намедид, ба лабобаи Кафкрӯд мефуромад ва бо бачаҳо чиликбозиву гуштингирӣ мекард. «Шарм аз худо надорӣ, Шеда!»

Шуғли дӯстдоштааш ин буд, ки мерафт дар ангатзори соҳил махфӣ мешуд ва ҳамин ки писараке барои асп об додан ба соҳили рӯд мефуромад, Шеда аз камингоҳи худ берун меҷаст, оҳумоно ба

савор мерасид, уқобосо писаракро аз зин ба замин мекашид, сабук по ба узангу мезаду чобук худро рӯи зин мегирифт ва аспро чорхез медавонид. «Эҳтиёт кун, Шеда! Аспро насӯзон, Шеда!»

Падари Шеда буд мусаммо ба номи кампайдо, яъне Хубоншо.

Марди баору номус буд Хубоншо, кам-камак нозу нуз ҳам дошт таги пӯсташ. Аз ин рӯ чун бо хаму чам роҳ мерафт, ангор рӯи хошок мерафт ва шарфоки пояш замзама мекард: «хонаам коза бошад, дилакам тоза бошад!» Аз ин рӯ аз оянддаи духтараш бимнок буд. «Пирдухтар мемонӣ, Шеда! Нохоста мемонӣ, духтари беқайду беандеша, Шеда!»

Деҳ ҳамон деҳ буд, мардум ҳамон мардум, танҳо Шеда дигар буд, дарбеҳи махмалӣ ба кӯрпачаи карбос, ки Сармаддеҳ ном дошт. Пеш аз ҳама назарнамо буд, боиси ҳасрати пайвастагону ҳайрати бегонагон.

Ана имрӯз чун ҳама рӯз Хубоншо аз хоб хест, атрофу акнофро нигарист: занаш бемор, фишори хунаш боз паст шуда буд, ҷомаро ба худ печида буд, тарсону ларзон шавҳарашро нигоҳ мекард, ки чаро фаттону ғазбон гирду пешро менигарад.

– Ба хайр аст? – суол кард ӯ.

Шавҳараш ҷавоб надод. Аз ҷо баланд шуд, чанд раҳ ин сӯ, он сӯ рафту дар

баробари зан ба тафт истод ва суолаш ин буд:

– Духтарат ба чанд даромад?

– Ба нуздаҳ. – Зира, зани Хубоншо пайомади хуберо чашмдор набуд аз ин пурсиши шавҳараш.

Хубоншо боз чанд раҳи дигар даври хона чархид, аз баландин ба замин хамбид ва хашмин гуфт:

– Духтарат ба чанд даромад?

– Ба нуздаҳ! – заҳраи Зира таркид.

Хубоншо чанд раҳи дигар гирди худ чархид ва олуда ба заҳр хандид:

– Агар нуздаҳандар шарм дар ӯ намешавад падид, пас дар ҳафтод низ гирди сараш нахоҳад чархид!

Инро гуфту ба сӯи дари ҳавлӣ рафт, онро бо нӯки по лагад зад ва аз паси худ бо пушти по барбаст. Зарба дузарбаву сахт буд, ки андоваи гирди дарвоза ба замин фурӯ рехт…

Мадори пойҳои Зира хушк шуд, беҳол ба замин нишаст ва пушт ба сутуни айвон бубаст. «Мемурӣ нахуст субҳона таҳия кунӣ ва пасон гум шавӣ, Шеда! Ба боди зиштномӣ гирифтор мешавӣ, Шеда! Аз иззи гаронию ҳукми қадрдонӣ бенасиб мондаӣ, Шеда! Пайомади ин ҳама пушаймонӣ, Шеда!»

Аммо ин овоз набуд, сояи овоз буд.

Овоз ин буд, ки ногоҳ аз ҳезуми тари дилаш шӯъла бархост. «О, ин духтар ин қадар зуд берун намерафт! Магарам чӣ шуда? Хонае оташ гирифта ё касе мурда?!»

Зира нафасро дар гулӯ зиндонӣ карду гӯш фаро кушод, то бидонад, ки дар деҳ чӣ рух дод. Деҳ деҳи хурдак буд, агар дар Гузари Боло шевани «вой!» баланд мешуд, ҳароина дар Гузари Поён бонги «ҳой?» шунида. Зан на шевани «вой!»-ро шуниду на бонги «ҳой?»-ро. Лобуд оромида, на хонае сӯхта, на касе мурда, на дузд чизе бурда. «Пас Шеда мурғ аз хоб нахеста, аз хоб хеста, агар хеста, берун чаро рафта, куҷо рафта?!»

Зира дар фикри худро аз ҷой баркандан, то дами дарвоза рафтан ва суроғи Шедаро аз роҳгузарон гирифтан буд, ки худи Шеда аз дарвоза андарун омад.

Шеда модарро надид ё надида ангошт, пурсишҳои ӯро: «куҷо будӣ? чӣ кардӣ? куҷо рафтан дорӣ?» нашнид ё нашнида ангошт ва рафт рост ба дари анбор. Пас аз тарақотуруқи афзун, Шеда шуд аз анбор берун. Дар чашмаш дурахш, дар даст афсору ҷулу зини рахш. Асп панҷ сол пеш мурда буд ва ин абзор дар анбор бекор хобида буд. Шеда саворӣ дар пушти ҳамон фақид озмуда буд.

Модари фурӯмонда ба духтари аламшанга хомӯш менигарист ва пайомади нохушеро фурӯ медид, ниҳоят таркид:

– Шеда, ин қадар гӯш мехорӣ? Бигӯ, чӣ шуда?

– Сабр, модарҷон, сабр! Бузургон аз сабр ёфтаанд…

– Фақирон аз қабр.

– Уф! – Шеда омаду бағали модараш нишаст. – Хӯш, гӯш бидиҳеду дағдаға наоғозед. Шаб хоб дидам, дами субҳ дидам, чароки мулло Бухоризода ҳанӯз азон ба самъи хуфтагон нарасонида буд. Хоб дидам, ки аспе якрон дар фарози Ялмо шиҳа мекашад, безину афсор, бесоҳибу абгор, имдод мехоҳад, соҳиб мечӯяд, аз ин рӯ ба хоби ман даромада… Ман аз хоб бедор шудам, дамидани бомро хостор шудам, лек тоқати ман тоқ шуда буд, ба роҳ афтодам. Чоки рӯз ба Ялмо расидам ва вайро бо ду чашми сар дидам, пиндор, модар, ки ман ҳамасола гумҷӯӣ мекардаму инак гумкардаи худро ёфтам… Аз ман натурид, гузашта аз ин бар ман гароид ва рӯбарӯи ман намоз гузорид…

Модар тарсону ҳайрон ӯро менигарист: «аз рӯи ҳақиқат мегӯяд ё бо факоҳат ӯро гӯл мезанад?»

– Аспи кадоме аз деҳоти атроф рам хӯрда ё кишан гусаста, ба мулки мо омада?

– На, модарҷон, ман ҳамаи аспҳои давру пешро шиносоям, ин рақам аспро набишносам, вай бесоҳиб аст ва соҳибаш манам! Чароки ба хоби ман даромада ва аз вуҷуди хеш маро суроғ дода!

Шеда ҷулу ҷиҳози аспро бардошт ва ба сӯи дарвоза равон шуд. Модар тарсону ларзон аз ҷо баланд шуд.

– Ба Фарози Ялмо меравӣ?!

– На, пушти дарвоза. Чун ёлашро гирифтаму ба роҳ афтодам, вай баробари ман гом бардошт ва инак пушти дарвоза нигарони ман аст, то дар зери ронҳои ман чорхез бизанад!

Модар низ аз паси ӯ роҳ сар кард.

Аммо пушти дарвоза аспноме набуд.

Шеда ҳайрон ба тангкӯчаи холӣ менигарист: «худоё, аспаки ман куҷо равона шуд?» Модар тарсон ҷигарбандашро чашмбарандоз мекард: «худоё, магар ин духтар девона шуд?»

❁ ❁ ❁

Аз он рӯз ба баъд модар ҳамвора ҳаросон ба духтар менигаристу падар ғазбон. Модар ҳаросон, ки нури чашмаш париёр шудаву падар ғазбон, ки ёвакор. Аз ин рӯ модар рафт, аз мулло Бухоризода

чашмпаном овард, то ҷигарбандашро дар амон дорад. Падар дар фикри ёфтани домоди тунукмағзи сабуксабз афтод, то ҳанӯз ки афсори бадномӣ ба сару гарданаш назадаанд, хотирҷамъ бошад.

На таъвизи мулло Бухоризода кора шуд ва на фикри домоди тунукмағз пиёда. Шеда ҳамон ки буд, буд.

Он рӯзи ёдшуда Шеда ҳама ёнаву ёлаҳои давру пешро кофт, лек аз он хинг нишоне наёфт. Андӯҳгин шуд, чароки ҳатто Муроди Чӯпонак, ки ҳеҷ чорпое аз нигоҳи зарабинаш пинҳон намемонд, ҷондори бегонае, боз асперо надида буд.

Муроди Чӯпонак дӯстдори хурофотии бузкашӣ буд. Ҳаминки хабари бузкаширо дар суре ё ҷашне мешунид, аз чарогоҳ, хоҳ дар Кӯҳи Оҳан бошад, хоҳ дар дараи Барзан, рамаро раҳо мекарду ба шарикаш риё ва ба деҳ мехамбид.

Пас агар Муроди Чӯпонак бехабар аст, дунболагири ҷустуҷӯи асп хар аст. Шеда ҳам ғазбон шуду ҳам тапон. Ғазбон аз ин ки чизи ӯ дида, кӯрмол не, дастмол карда, ба ногоҳ беному бенишон ғайб зада, тапон аз ин ки рафту он якронро надида, лек бовар карда, ки дида, пас «бо туи бечора чӣ шуда, Шеда?»

Шеда чун ба деҳ расид, нахустин чизе ки диққати ӯро ҷазби худ кард, ин писараке буд, ки дар лабобаи Кафкрӯд

асп об медод. Шеда оҳумоно худро ба ӯ расонид, уқобосо саворро аз зин ба замин кашид, чобук рӯи зин ҷаҳид ва аспро чорхез давонид. «Эҳтиёт кун, Шеда! Аспро насӯзон, Шеда!»

Вақте ӯ ба хона баргашт, модарро дид дар ҷогаҳ ғунуда, паҳлӯи ӯ падар ба абрӯ гиреҳ зада, чароки модар чанде пеш хоби ӯ дида ва пайомади онро ба ӯ кушода. Саг паҳлӯи суфа дароз кашида буд. Ва бепарво аз одаму олам хамёза мекашид.

Хамёзаи ҳудаву беҳудаи саг ҳамеша Шедаро олуғда мекард, аз ин рӯ вай чун одат ба сари бечора ниҳеб зад. Саг як ба Шеда нигаристу як ба ду нафари рӯи суфа, баъд норизо – касе ӯро пуштвон нашуд – бар дасту по шуд, рагу пояшро дамёза дод ва дур шуд. «Аз дасти ту рӯз нест, Шеда!»

– Куҷо будӣ, бачем?

Пиндорӣ падар инро басе ором гуфт, лек Шеда медонист, ки падар оташи оромсӯз аст. Аммо вай ба падар дурӯғ гуфта наметавонист. Ба ин хотир нармшонаву гунаҳгорона гуфт:

– Ба ҷустуҷӯи якрон рафта будам…

Падар лаҳзае чанд беҳарф ӯро нигарист. «Мардгазоиат бас набуд, ки боз ҳарзабину ёвагӯй шудаӣ, Шеда?» Хубоншо ба по шуд ва ба сӯи дарвоза

рафт, лек дами дарвоза чизе ба ёдаш омад, ки баргашту ба духтар гуфт:

– Ҷелакам бенамоз шуд, бигиру бишӯ, модарат нотоб, ту бош хабардор, дигар гӯш ба ман фаро дор, худо туро зан офарида, на мард, фикри занонаро хур, васвасаи аспу харро бигузор аз сар ба дур!

❂ ❂ ❂

Падар рафту Шеда шустани ҷелакро пасандоз карда, омад сари палаки харбуза. Харбузаро вай ҳафтае пеш кошта буду худро Мичурини охирзамон ангошта. Ҳарчанд тухми онро аз муаллим Озар оварда буд ва муаллим Озарро бар гӯшаш аз деҳқонии худ воҳимаҳо парварда буд. Муаллим Озар бо дарахтони борвару зироати хушбар озмоиш карданро хуш дошт. Ҳар навъ пайвандро медонист: лӯлапайванд, шикампайванд, искинапайванд, баргпайванд... ва худ пайванде падид оварда буд – меҳрпайванд, яъне ду дарахт ё ду гул, ё ду зироатро паҳлӯи ҳам мекошт, ки ҳамдигарро такмил диҳанд. Аз ҳамин пайванди ихтироъкардаи ӯ харбузае рӯида буд, ки мислашро касе надида буд. Ҳам гуворо, ҳам хушоро, ҳам хӯро.

Шеда ба палаки харбуза нарасида дуд аз димоғаш танӯра зад, чароки дид обмӯриро

беқавора. Хорбуттае ки вай ҳамеша ба даҳони обмӯрӣ мемонд, ин раҳ буд ҳавора, пайомадаш буд доду зора. Чароғи тухмҳо рӯшан шуда буд, аммо мурғҳои ҳамсоя аз обмӯрӣ гузашта, палаки харбузаро расонда буданд ба шарора.

Шедаро ғазаб чунон ҷӯшида буд, ки мехост бираваду мурғҳои ҳамсояро якяк сар биканад ва соҳибашро мӯ. Вале лаҳзае пас пеши худ иқрор кард, ки гуноҳи худаш аст – хорбуттаро фаромӯш карда, ки ба даҳони обмӯрӣ бигузорад. Акнун назди муаллим Озар рафтану тухмҳои дигар талабидан мебояд. Палакро аз нав побел кард ва рафт хонаи муаллим Озар, ки биёрад тухмирову дар ҷӯяҳо бикунад фард.

❁ ❁ ❁

Шеда нимароҳ писари чавандози машҳури деҳ Баҳром, Каюмарсро дид, ки ба хинги магасӣ савор, бовиқор рӯбарӯи ӯ меояд. Бо дидани асп дили Шеда таҳ зад, барфавр якрони хоб дидаву аз Фарози Ялмо овардаи худро шинохт.

Шедаро дидан замон Каюмарс бехобу бетоб шуд. «Аз тую аз хори дӯза раҳоӣ нест, Шеда»! Каюмарс чун яқини комил дошт, ки ҳоло Шеда ӯро аз зин ба замин мекашаду аспро дар тоз меандозад, аз дур ӯро ҳушдор дод:

– Аспи Ноёбшои Агмаддарӣ, падарам харид, хомтоз аст ҳанӯз, ҳушёр бош, то хомсӯзаш накунӣ!

Шеда нимароҳ шигифтзадаву гирифтор монд. «Магар девона шудаӣ, Шеда?» Аммо гоҳе пас раги хуфтааш ба ҷӯш омад, дили хуфтааш ба хурӯш. Оҳумоно давид, уқобосо Каюмарсро аз зин ба замин кашид, по ба узангу ниҳоду бар зин ҷаҳид ва тезтакро тозонид.

Шеда чун рӯи зин нишаст, ҳам тухмакро фаромӯш кард, ҳам палакро, ҳам мурғакро, ҳам ҷелакро. Чароки ин хинг бо ангезаи мукӣ тохтану бо ҳавои лигом чамиданҳош ҳуш аз тозанда рабуда буд.

Каюмарс ба ваҳм афтода буд, чароки аз дур чунин менамуд, ки савор аспро чунон ба тоз андохта, ки пояш ба замин намерасад. «Аспро месӯзонӣ, Шеда! Падарам ба рӯи туву ман мемолад сиёҳӣ, Шеда!»

Муроди Чӯпонак, ки аз чарогоҳ ба бошишгоҳ мехамбид, мафтуну маҷзуб ба манзараи рӯъёмонои пеши чашмаш менигарист. Вақте тозанда този аспашро суст карду ба ӯ баробар шуд, пурсид:

– Аспат чӣ ном дорад, Шеда?!

– Зурахш, яъне барқ! – Шеда ин номро ба якрони худ ҳанӯз вақте онро аз Фарози Ялмо ядак карда меовард, монда буд.

Муроди Чӯпонак сар ҷунбонду гуфт:

– Ту ҳам барқу ин ҳам барқ, худо пайомадашро ба хайр гардонад!

❁ ❁ ❁

Ин дам Хубоншо ба хона баргашта буд ва суроғи ҷелак мекард. Зани ранҷураш гӯшаи хона кулча шуда буд ва аз асари дард паст-паст менолид. Бо дидани ин вазъ хашми Хубоншо даҳчанд гардид.

– Шеда ку?!

– Палаки харбузаро побел мекард, – сар набардошта посух дод занаш.

– На дар палак ҳасту на дар чалаку на дар фалак! – ба оташи оромсӯзи Хубоншо тундбод зада буд. – Гӯш дор, занак! Агар раваму духтаратро боз аспсавор бубинам, ба номи худои азизу ҷалил қасам, дар бузкашии аввалин – хатнасури касе бошад! – солин мемонамаш! Бигузор ягон човандоз бой бараду дур, хоҳ турк бошаду хоҳ тоҷик…

Хубоншо марди худотарсе буд. Ин қасамро ба забон оварду худро ба камон. Зани бемораш нимхез шуда буду бо чашмони ваҳшатзада ӯро менигарист. Хубоншо ба нигоҳи вай тоб наёвард, аз дар берун шуд, кафаи айвон лаҳзае чанд дудила истод.

Аммо тир аз камон ҷаставу боз аз қафас раста буд, ночор ба сӯи дарвоза гом бардошт.

Ин дам Шеда ба аспи оҳутак савор буду на доду ҳойи Каюмарсро мешунид: «Аспро мекушӣ нимдевонаи худо, Шеда!» – на оҳу войи модарашро: «Ба худ доғи бадномӣ задӣ, Шеда!»

❂ ❂ ❂

Амаки Салмон дар тадоруки хатнасури писари аршадаш буд. Ҳанӯз писари хурдиаш ба дунё наомада буд. Дар деҳ мегуфтанд, ки агар ба олами рӯшан намеомад, боз хубтар мебуд. Чароки ба олами рӯшан омаду ёғиву боғиву тоғӣ шуд, мулаққаб ба «Абри Осӣ» шуд ва «олами рӯшанро» ба ҳамагон доғӣ кард.

Амаки Салмон аз зани аввал фарзанд наёфта буд, зани дигаре гирифта буд, ин зан, шукр ба худо, хушзо дар омада буд. Худи амаки Салмон овоза бар ҳар дарвоза буд, чароки гули хӯрокҳоро мехӯрду орзуи шоҳи Сарандеб шудан мекард – вақте ки банг мезад – ки худованд ҳазрати Одамро аз биҳишт ба он ҷо бадарға карда буд.

Ҳама ҳадс мезаданд, ки амаки Салмон сурро чунину чунон хоҳад кард, ҳеч бошад хотирмон. Ҳамин тур ҳам шуд.

Амаки Салмон бузкашӣ ҳам фароҳам овардани буд, дили бечора Шеда наздик ба таркидани буд, чароки модар аз қасами падар ӯро ҳушдор дода буд. Шеда

ҳарчанд ин савгандро ҷиддӣ нагирифта буд, лек як гӯшаи дилашро сиёҳӣ гирифта буд. Худотарс буд падари ӯ, Шеда инро ошкоро дидаву шинохта буд.

Шеда дар ҷое хонда буд, ки амири худотарси араб ҳангоми борубанди шаҳри Кирмон аз санги фалахмон, ки ба чашми чапаш бархӯрда буд, якчашма шуда буд. Аз сари қаҳру ғазаб савганд хӯрда буд: «агар шаҳрро фатҳ карда будам, мардуми онро як-як сар бурида будам, хунашонро ба ҷӯйи осиёб равон карда будам, осиёро бо он хун гардон карда будам, гандумро орд намуда, аз он орд нон пухта хӯрда будам!»

Аз қазо шаҳрро фатҳ мекунад. Фармон медиҳад, ки асиронро лаби ҷӯй биоранду як-як сар бибуранд. Аммо хун лаҳзае пас лахт мешуду равон намешуд.

Яке аз асирон амирро гуфт: «агар аҳли ҷаҳонро сар бизанӣ, осиёро гардон натвонӣ кард, чӣ табиати хун чунин аст – лаҳзае пас шах мешавад. Ту ба ҷӯй об бикушо, об хунро бо худ бубарад ва осиёро гардон кунад, гандумро орд созад ва амир аз он орд нон пухта бихӯрад, то қасамзада набошад».

Амири «худотарс» низ чунон кард.

Хубоншои худотарс ҳам чунин хоҳад кард. Духтари ягона, каме ё шояд хеле девонаи худро дар бузкашӣ солин хоҳад

монд, то қасамзада набошад, инро Шеда рӯз пайи рӯз бармало медид. Падар бо ӯ ҳарфе радду бадал намекард, агар рафту рӯбарӯ меомаданд, рӯ метофту мегузашт. Пас насиби ӯ солин шудан аст!

❁ ❁ ❁

Дар деҳ касе аз савганди Хубоншо огоҳ набуд, аз ин рӯ авҷи бузкашӣ вақте ки ӯ ба пойгоҳ бағали ҷоркаш баромад, ӯро ишораи забонгир дод ва солини худро эълом дошт, ангор ҳама ях бастанд. Каснадиду гӯшношунид буд ин амал, ки падар фарзанд, боз фарзанди ягонаашро солин монда бошад! Азбас Хубоншо марди ҷиддие буду ҳазлу шӯхиро хуш надошт, ҳамагон ҳангу манг монда буданд, ҳатто амаки Салмон ҳам.

Тозандаҳои аз дуру наздик омада, аз буду шуди деҳ огоҳ нашуда, ба соҳиби маърака менигаристанд, то бидонанд, ки дар бузкашӣ ҳузур доранд ё дар дилхушӣ.

Амаки Салмон сангин аз ҷо баланд шуд ва хашмгин ба Хубоншо рӯ овард:

– Ин чӣ найрангест, Хубон?! Таб дорӣ, саръ дорӣ, маро коре нест. Аз пойгаҳ поён биё, мон мардум бозиро давом диҳанд!

– Салмон, бародар! Ман қасам хӯрдаам ва бигузор мурдакаш маслухро бурда ба майдон афканад!

Амаки Салмон лаҳзае сукут варзид, баъд даст афшонд ва ба сӯи мурдакаш ғурид:

– Гӯри модараш, бубар ба майдон афкан!

Тамошоиёни зиёде аз марду зан, пиру ҷавон аз дуру наздик омада буданд, ки то ин лаҳза ғолмағолу ҳоёҳуй доштанд, баъди ин ориза яксара мӯҳри хомӯшӣ ба лаб зада буданд. Ҳатто пас аз он ки мурдакаш маслухро бурда ба майдон андохт, нидое баланд нагашт.

Дар ин миён касе пай набурд, ки чӣ тавр Шеда ба по шуд ва дур. «Пайомади нофармонӣ ҳамин аст, Шеда!»

Сармаддеҳиён дар ҳама бузкашиҳо ҷиҳати солини баргузида ва тозандаи варзида як аспи тезтаку сафдарро барои соати мабодо дар пардаи хафо мастур нигаҳ медоштанд. Аҷиб ин ки дар ҳамҳамаи бало вуҷуди онро ба оғӯши фано супурда буданд. Ин навбат Зурахш байни ангатзори лабобаи Кафкрӯд, аз бетобӣ пои бемаҳакӣ ба замин мезад…

Тозандаҳо маслухро гирд гирифта буданд, аспҳо, ки аз дур ҳамсару ҳампар менамуданд – танҳо асппарвари хибраӣ саманду нила, тавсану бӯрабраш, курангу чарма…-ро тафриқа медоду бас – тан ба тану кала ба кала мезаданд. Шояд буданд байни саворон шахсоне ки хинги зери ронашонро аз фарзандашон бештар дӯст медоштанд, лек ин соат ғайр аз маслухи буз ҳама оламро фаромӯш карда буданд,

бераҳмона ва ҳатто бемуҳобо ваҳшиёна аспангезу тозиёнаро ба кор мебурданд…

Ин гиру дор то чанд идома меёфт, худо надонад, бандааш намедонад, агар ногаҳон тамошобинон ба ғиреви осмонкаф сари по намешуданд.

Аспе ба сӯи давра чорхез мезад, ки рӯи зини он савори ба бештари тамошоиён ошно нишаста буд. Саворе ки аспро аз хафо берун оварда буд, чорхез занонда буд, айни този асп тозиёнаро аз дасти мурдакаши даҳонво рабуда буд!

Хинги магасӣ ба сару гардани зебо, андоми шарифу дилрабо, соқҳои зарифу бебаҳо метохт оҳумоно. Рӯи зини вай саворе бо қомати расо, дар либосҳои чусти камбаҳо нишаста буд уқобосо – зурахше зурахши дигарро зин зада буд гӯё.

Ҳама тамошоиён ба ваҷд омада буданд, ҳатто пирамардони бенаво, ки беасо сари по намебуданд, асоҳоро ба боди фано дода буданд. Писарбачаҳо саворро аз ҷинси худ шинохта буданд, дар васваса афтода буданд. «Очаи зорашонро нишон деҳ, Шеда! Титу питашонро барор, Шеда! Мо туро ба касе намедиҳем, Шеда!»

Воридони давра, ки аз ин ҳама доду фарёд каме суст шуда буданд ва гардан тофта боиси валваларо дониста

буданд, лаҳзае чанд бӯҳтзада монда буданд. Барқе ба барқе савор дар аспрез барои саворони ҷавлонгоҳ ҳароина буд ваҳмангез. Ин баъд буд, ки Холдори Чилдурӯғ дар ин амр зиёдаравӣ мекард: «мӯйҳои сарашон аз тарс сих шуда буду тунбони ронашон рих!» Асли гап ин буд, ки бечора тозандаҳо зани савор, боз ба идаои бузкашӣ на дида буданд на шунида. Ин буд, ки Зурахш ба осонӣ сафро дарид, ба маслух расид, Шеда онро бардошту байни камар ва кӯҳаи зин тапонид, аспро бо ҳамон суҳулат аз давра берун ҷаҳонид.

Аз човандозони давра касе аз паси Шеда асп натозонд, танҳо чанд ҳаваскор, ки берун аз давра буданд, чун кафтор тамаъи лоша доштанд, ҳавои аз паси духтар асп тозондан карданд, лек зуд фаҳмиданд, ки расвои олам мешаванд, ҷилавҳоро кашиданд.

Зурахш намедавид, бал мепарид, савор рӯи зин набуд, бал уқобе буд, чароки ҷомаи беостини Шеда аз боди тоз чун ду боли кушода буд.

«Уқоб» маслухро бурда афканд ба пилаҷо ва «парвозкунон» дур шуд аз ин масво.

Духтар набуд, бало буд, як муштвора оташу як пуштора ҷазо буд. Духтар зода шуданаш ҳам хато буд, писар мебуд – ато буд.

# ЧИЛДУРӮҒ ДАР ТАНӮР

– А-а-а! Ба дастам афтодӣ, шайтони бедуму бесум! – хитобид Шераки Хол дӯсташ Холдори Чилдурӯғро дар танӯри ошхонаи худ дида, – акнун қандата хӯру дурӯғбозӣ кун: «агар дурӯғ гӯям, санг шавам кулӯх шавам!» Ҳа-ҳа-ҳа!

Холдор, ки аз сару рӯяш арақ мешорид, ҳарфе намезад. Ин ҳафтумин танӯри деҳа буд, ки вай худро дар он табобат мекард.

Бист сол бо сардоя зиста, ҳамвора аз ӯ бадгумон буд, ки нозост. Ана духтурон санҷиданду хуну пешобашро таҳлил карданд, баъзе узвҳояшро рентген намуда, гуфтанд, ки худи ӯ бемор аст. Нагуфтанд, балки як силӣ ба рӯяш заданд, ба рӯиросташ заданд, чунон заданд, ки аз зарби он бурути пушти лаби чапаш париду афтод. Худро зишту паст ёфт, ба деҳ омаду пай бурд, ки дигар ба чашмони занаш нигоҳ наметавонад карду ба сари ун бечора овоз баланд. Чароки ғолмағоли чанд сол қабл ба роҳ мондааш ҳамоно пеши назараш хоҳад омад.

Он вақт дар кадом хатнасури деҳ ба ҷамъияти арақхӯрон афтода буд. Чун

ҳама медонистанд, ки ӯ арақ намехӯрад, дарди сараш нашуданд. Аммо вайро гӯё кадом як бало зада бошад, нишаст-нишасту баногоҳ ба соқӣ гуфт: «ба ман ҳам як пиёла рез!» Ҳама аҳли давра баякбор «о-о-о!» гуфтанд, чанд тан «муборак шавад» ҳам гуфтанд. Шояд алами дарунаш рӯ задан дошту мехост, ки ин «оби маразкоҳ» онро бозпас ба ниҳонҳонаи ҷисмаш бубарад. Аммо ним соат бозпас мебурдасту баъд онро даҳчанд берун меафкандааст. Ана барои чӣ вай ним соат худро дар осмони ҳафтум, аз дарду ғам дур ҳис кард ва ҳатто мастона чеғ кашид, ки хона қариб аз қаҳ-қаҳи мастон таркида буд.

– Агар арақаш чунин кайф медода бошад, биллоҳи азим, дигар ҳар рӯз мехӯрам!!!

Пиёлаи дуюмро нагирифт, «боз дар ҷару ҷӯй афтода намонам, ки расвои олам гардам!» Калавида-калавида хона омад. Занашро ки дарвозаи ҳавлиро ба пешбози ӯ кушода буд, бо пушти даст аз сари роҳаш дур кард. Омаду ба курсии айвон нишаст ва амр дод:

– Мӯзаҳоямро бикаш!

Сардоя хомӯш мӯзаҳояшро кашид.

– Офтоба ва тағора биёру пойҳоямро бишӯ!

Сардоя бечуну чаро ин амрро низ иҷро карданӣ буд, агар пай намебурд, ки шавҳараш сархуш аст. Ин на ба ақл мегунҷиду на ба тарозу – Холдори ӯ арақ хӯрдааст!

– Боз чӣ ҷинат зад, ки касабаи Шоҳони писари Майсабибиро пайгир шудаӣ!

– Ба ҳамаш ту гунаҳгорӣ, дояи безурёт!

Сардоя хам шуда буд, ки мӯзаҳоро бардорад ва ба ҷои ҳамешаашон токчаи даҳлез бурда гузорад, бо шунидани ин ҳарфҳо қоматашро рост кард, дасташро ба миён камон сохт ва гуфт:

– Ҳанӯз кӣ гунаҳгор аст, пайдо нест! Чанд раҳ хоҳиш кардамат, ки маро назди духтур бар, «имрӯз-пагоҳ» кардиву набурдӣ. Модари раҳматиам мегуфт, ки «агар дар замини шудгор шошидиву пешобат кафк кард, ба яқин дон, ки базурётӣ». Пешоби ман кафк чӣ, дуд мекунад!

– Дуд мекунад?!

– Ҳа, дуд мекунад!

Холдор баякбор ҳушёр шуд, аммо надонист чӣ бигӯяд. Ҳароина занаш рост мегӯяд. Чаро ӯро духтур набурд? Ҳо, ҳеч намехост, ки бубарад. Худо нокарда, ӯро зоянда донанд, расвои олам мешавад ва пеши зан забонкӯтоҳу музтару пакар... хулоса, як латтаи дегпокун мешаваду мемонад. Аз ин рӯ

ҳанӯз ки қайла аз мазза нагузаштааст, духтури шиносу розпӯше мебояд ёфт, то аввал ӯро бисанҷад, агар сиҳат ёфт, он гоҳ бо қомати афрохта биёяду ин дояи аблаҳро пешандоз созад.

Духтури розпӯш ҳам ёфт, худро ташхис ҳам кард ва забонкӯтоҳ, музтар, пакар... омаду дигар ба чашмони занаш нигоҳ карда наметавонист.

Доруву давои духтури ошно додаву фармуда коргар наёмад. Чилёсини Бухоризода ва шогирдонаш низ – Холдор дар деҳа овозаи миёндард, яъне радикулит ба роҳ монда буд: «рози мардон пӯшида беҳ!»

Чору ночор омад назди кампири Осуда. Вай аз алоқамандони сахти кампири Осуда буд ва имонаш қавӣ буд, ки кампири рамузфаҳм рози ӯро ба касе ифшо нахоҳад кард.

Ана ҳамин кампир буд, ки ӯро ба табобати каснодиду гӯшношунид гирифтор кард. «Пас аз он ки занат нонро пухта мегирад, хокистару лахчаҳоро берун кашу худро дар он ҷо кун, даҳ-понздаҳ рӯз!»

Сардоя ҳафтае як раҳ танӯр метасфонд, даҳ-понздаҳ нон мепухту мегирифт, хӯранда набуд, ду тан ҳамин қадар мехӯрад, боз охири ҳафта се-чаҳор нон дар нонсабад боқӣ мемонд.

Агар рафту ҳамин тур даҳ-понздаҳ рӯз пайиҳам танӯр тафсонад, магарам зимистон аз хунукиву гушнагӣ рақс карда бароянд, чароки Холдори мо, ба қавли Шераки Хол, «забонро шермард машқ дода буду дасту бозуро не!» Ҳамин қадар аз кӯҳу пушта ҳезум мефуровард, ки сардоя, ба қавли худаш, «бо ҳазор найрангу экунум» то охири зимистон мерасонд.

Холдори Чилдурӯғ як субҳ аз бистари хоб «ё Алӣ, шери худо, мадад!» гӯён бархосту сардояро супориш дод, раваду рӯзу соати нонбандии аҳли деҳро ошкор сохта оянд. Баъд аз рӯи баёноти занаш, ба қавли Шераки Хол, «ҷадвали проседури танӯрии худро тартиб дод».

Рӯзи нонбандии сардоя – одами одӣ набуд, роддоми сайёри деҳ буд, ӯ намуна нишон надиҳад, кӣ диҳад! – тамоми занҳои деҳ ҷамъ шуданд, то раванди «проседури танӯрӣ»-ро бо чашми сар бубинанд ва омодагӣ бигиранд. Кампири Осуда низ омада буд – тагу болои ин амалро ӯ надонад, кӣ донад!

Чун сардоя нонро пухта гирифт, кампирак бифармуд, ки танӯрро аз лахчаву хокистар тоза кунанд, бо ҷорӯб бирӯбанд, таги танӯр намадпорае густурданд – боз куни бемор насӯзад! – Холдорро бо либоси таҳпӯш то гардан

дар он ҷо кунанд, даҳони танӯрро бо халтаву бо латта анборанд.

Холдор мардона панҷ дақиқа тоқат кард, баъд зӯр зада, аз танӯр худро берун гирифтан хост, бо амри кампири Осуда занҳо нагузоштанд, «мемуриву ним соат тоқат мекунӣ!»

Аз сару рӯи Холдор арақ ба чакидан оғозид, сардоя ҳар дам бо дастмол онро тоза мекард, бечора Холдор ҳар дам чой ё оби хунук металабид, лек сардухтур – кампири Осуда манъ карда буд, ки занҳо намедоданд. «Чанд дарди дигарро ба ин анбори бепосбон – танатро мегӯям, ҷо кардан мехоҳӣ?!»

Вақте бечораро баъди ним соат аз танӯр кашида баровcovarданд, ба қавли Оростаи Сиёҳ, «мардак бедаму дуд буд!» Баъд кампири Осуда сардояро фармуд, ки зуд либосҳои тари шавҳарашро иваз кунад ва тани нимҷони ӯро зери кӯрпа кашад...

Табобати Холдор дар деҳ рангу бӯи таҳрикангез гирифта буд. Мардҳо бетоқатона навбати танӯри худро мепоиданд, то як раҳ Холдори танӯриро бо чашми сар бубинанд.

– Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, – мегуфт Шераки Хол, – агар дурӯғ гӯям, санг шавам, кулӯх шавам, занҳо

Холдорро либ-луч карда, бо навбат дар танӯрҳояшон пухта гирифтан доранд!

– Ҳайфо, ки танӯри ман дар навбат набудааст, – сар меҷунбонд Фармони Мурод, – вагарна ман як соати дароз қасди худро аз ӯ меситондам!

– Ба шахси бемор хандидан ё ӯро масхара кардан ҳаром аст, – ӯро накӯҳиш намуд бобои Сангин, – худо накунаду ту ҳам миёндард бишавӣ, мӯҳтоҷи танӯри ӯ гардӣ, баъд чӣ?

– Баъд, – бо истеҳзо мегӯяд Яздони Орзу, – танӯри Холдор ҳам дар сарашу ҳам дар ошхонааш баробар метафсад.

Рӯзи дигар навбати танӯри Оростаи Сиёҳ буд. Ороста аз Яздони Орзу ҷудо шуда буд, аламаш, ки ба фалак анқо шуда буд, ҳоло ба замин якто шуда буд, ҳавлиро об зада рӯфта буд, ошхонаро низ чанд раҳ ҷорӯб кашида буд, испанд ҳам давру пеш дуд дода буд.

Ӯ ҳам, сардоя ҳам, ҳатто кампири Осуда ҳам ин нуктаро ба назар нагирифта буданд, ки беморро чун аз танӯр берун кашиданд, куҷо мехобонанд. Нашавад, ки бечораи беҳол, арақшорро хонааш бифиристанд, сармо бизанад, як дардаш сад дард бишавад.

– Ҳеч гап не, – мегуфт зани Шераки Хол, – агар Холдор соатаке дар хонаи

Ороста бихобад, осмон ба замин намечаспад.

– Аҳа, – мегуфт зани Фармони Мурод, ки танӯраш дар навбат набуд, лек ҳама ҷо ҳозиру нозир будан мехост, – агар Шерак соате мехобид, намедонам, ту қабри ӯро дар куҷо мекандӣ!

– Беваҳои беҳуш, – ба гап ҳамроҳ мешавад зани усто Шоҳаки Ранда, – магар сардояро фаромӯш кардед, ки ҳама ҷо паҳлӯи шавҳараш аст?

Оростаи Сиёҳ, ки пеши хурду калон бепардаву пурзарда ҳарф мезад, ҳоло хомӯш танӯрро тоза кард, таги он намадпора партофт, халтаву латтаҳои зиёд ба дасти сардоя доду пайи кораш рафт, чанде пас баргашту Холдори сару рӯ арақшор ва бинии обчаконнашро диду ба сардоя рӯ овард:

– Ба пиндор мегирӣ, ки ман дар ҷавонӣ ба ҳамин хунуки худо ошиқ будаам ва аз сари девор роҳашро мепоидаам?

– Ту ҳам ба пиндор мегирӣ, ки ман ҳам дар ҷавонӣ ба Яздони Орзу ошиқ будаам ва аз сари девор роҳашро мепоидаам?!

Сардоя ба абрӯ гиреҳ андохта буд, то боло гирифтани ғазабашро нанамояд. Ороста аноӣ набуд, ки инро пай набарад ва бозиашро идома надиҳад.

– Ту донӣ, худо! Чӣ мазҳакае мешуд, агар ту Яздонро мегирифтиву ман Холдорро...

– Чаро мазҳака мешуд? Киро мегирӣ, чаро мегирӣ, аз мо напурсидаанд. Сардаргумии мо низ ҳамин аст, аз беақлии мост ё аз қазои худост, намедонам...

– Ҳой беваҳои беҳаё, магар вуҷуди маро фаромӯш кардед, ки таги гӯшаму пеши чашмам байтбарак доред?!

– Ваҳ! – гуфт сардоя. – О, аз арақ чашмони ин бечора қариб аст кӯр шаванд...

Сардоя дастмолашро пеш бурду сару рӯи шавҳарашро бо дилсӯзӣ хушк кард. Ороста ба Холдор чашмак заду гуфт:

– Мардона бигӯ, Холдор, тафси танӯри ман чӣ ҷӯр аст?

– Зӯр аст.

– Тафси танӯри танам ҳам ҳамин ҷӯр буд, лек Яздони худозада ба ҳамсоя ошиқ шуду оташашро қӯр кард!

Холдор надонист чӣ бигӯяд. Агар гӯяд, ки гуноҳи даҳони бефаровезат буд, дар бало мемонад, агар гӯяд, ки Яздон сабуксарӣ кард, ки чунин ҷононаро аз даст дод, дурӯғи тобандае мешавад, аз ин рӯ ҳарфе назад...

Рӯзи дигар ӯро дар танӯри зани усто Шоҳаки Ранда ҷо карданд. Бачаи

калонии усто Шоҳаки Ранда дар шаҳр мехонд, ҳоло ба таътил омада буд. Бародари усто чун Холдор бебача буд ва усто писари худ ба ӯ дода буд, то доғи бефарзандиро камтар эҳсос бикунад. Бачаи шаҳрӣ буд, «табобати танӯрии» ин деҳотиҳои нотарошида ҳай ҳисси кунҷковияшро ҷунбонда буд, ки ҳар замон ба ошхона сар мехалонд ва Холдорро алағда мекард. Шоҳак, ба қавле, «як шахси мундуқ, қадаш баробари сандуқ» буд, аммо ин бача баландболо ва қариб ду метр қад дошт. Холдор ҳароина ӯро надида буд, агар дида буд, аҳамият надода буд.

– Ҳой бача, писари кӣ мешавӣ?

– Бачаи усто Шоҳак.

– Ваҳ, бачаи ҳамин мундуқ?! О, ман гумон кардам, бачаи сафедорӣ!

Хуҷаста, зани усто Шоҳаки Ранда, ки он ҷо ҳозир буд, бо қаҳр гуфт:

– Ҳоло сабр хоҳем кард, ки сардоя аз сафедор мезояд ё аз вағнич!

– О, – гуфт Холдори Чилдурӯғ, – боз мегӯянд, ки мусичаро бубину Хуҷастаро, ҳарду яке. О, ту шайтона дарс медиҳӣ-ку!

– Муаллимат Холдор, ки шуд... агар дурӯғ гӯям, санг шавам, кулӯх шавам, шайтона дарс медиҳӣ...

– Ҳой, занак, – сар тофт Холдор ҷониби сардоя, – ҷадвалатро бубин,

пагоҳ навбати кист! Агар мусичааш ҳамин бошад, зоғу каргасаш чӣ сон бошад?

Сардоя бе он, ки ба ҷадвалаш нигоҳ кунад, ҷавоб дод:

– Навбати танӯри Фарангбону, зани Раиси Баста...

– Бало зад кора! Курсиашро чун ҳамеша беруни дарвоза намегузораду равандаву ояндаро бозпурсиш намекунад, ки куҷо меравад, чаро меравад, аз куҷо меояд, чӣ меорад... бал меораду пеши танӯр мешинад ва рӯзи дароз маро бозпурсиш мекунад...

Занҳо баробар хандиданд, чароки чунин шуданаш яқин буд.

– Хӯш, – гуфт Раиси Баста, курсиро назди танӯр гузошта, худ бароҳат ба он нишаста, – назди духтур рафта будӣ?

– Ҳо, – гуфт Холдор, ки тоза дар танӯр ҷо гирифта буд ва худо мегуфт, ки раис курсиашро бардошта наояд, ки омад ва ба он нишасту суоли болоро дод.

– Дардат дар забони тиб чӣ ном доштааст?

– Радикулит.

– Радикулит? Аҳа. Пас кадом аҳмақ ба ту гуфт, ки радикулитро бо танӯри тафсон табобат мекунанд?

Холдор фикр кард, ки гӯяд-нагӯяд, чун дид, ки роҳи гурез нест, ночор гуфт:

– Кампири Осуда.

– Тӯба кардам, худоё! – раис чун одат ба атроф нигарист, ки ба худо рӯ овардани ӯро касе шунид ё нашунид, аммо дар ошхона ғайр аз ӯву Холдор касе набуд, ҳатто сардоя аз раис ибо карда, назди Фарангбону рафта буд, – Коммунизмро насохтем, лек ин маънои онро надорад, ки ба феодализм баргардем. Ҳоло духтурон саратон – ракро табобат мекунанд. Ин аз пеши духтур – коммунизм рост ба пеши Осуда – феодализм рафтааст!

– Охир...

– Баста! Охир-похиратро мон! Агар радикулит ба ҳар гуна танӯру чанӯр табобат мешуд, духтурҳо ба ҳар гуна доруву даво сарашонро гаранг карда намегаштанд. Танӯрҳоро қатор мекарданду рас-два, рас-два... чунонки занҳо хамирро зада, нонро берун меоранд, инҳо низ касолатҳоро ҷо карда, саломатҳоро берун меоварданд. Так что ба умеди давоҳои дақёнусӣ як дардатро сад дард мекуниву баста!

Агар Холдор то гулӯ дар танӯр намебуд, аз шарм сар хам мекард, ҳоло гунаҳгорона ба раис менигаристу бас.

– Хуб, сип-сиҳат чун Холи Девзӯр будиву, ба қавле, кӯҳа занӣ, талқон мешуд, баногоҳ миёндард шудӣ, чаро?

– Худам ҳам намедонам, шояд беақлӣ карда, ягон бори миёншиканро бардошта бошам...

– Худоё, тӯба кардам! – раис боз чун одат ба атроф нигарист, ки ба худо рӯ овардани ӯро касе шунид ё нашунид. – О, чӣ тур забонат мегардад, ки «шояд» мегӯӣ. Шумо деҳотиҳо, – раис худро ҳеҷ гоҳ деҳотӣ намешумурд, – баъзан чунон билибердаҳое мегӯед, ки... Бори «миёншикан» бардоштанашро ёд надоштааст... Зидес что-то не тову баста!

Холдор имдодталаб ба дари ошхона менигарист. Араќи сару рӯяш чашмонашро месӯзонду аз биниаш мечакид. Аммо раис инро намедид, агар бинад ҳам, ақлаш намерасид, ки рӯймолчаи сардоя паси намакоб мондаро гираду пок кунад, ё сардояро фарёд: «Худаш дар сад сол пок намекунад, аз аспи раисӣ пиёда шуда бошад ҳам, ҳанӯз по дар узангу дорад!»

– Фарз кардем, ки ана бори миёншиканро бардоштиву нафаҳмидӣ, пас чаро нишонаҳои аввали дардро дида, ба духтур рӯ наовардӣ?

Холдор гунаҳгорона гуфт:

– Гумон доштам, ки мегузарад...

– Хайр, дидӣ, ки намегузарад, чаро нарафтӣ?

Холдор боз чӣ ҷавоб доданашро надониста, хомӯш монд. Танӯри раис чунон тафсаш баланд буд, ки гумон мерафт, агар бозпурсишаш дунбола гирад, вай зинда ба зинда дар он кабоб хоҳад шуд. «Бало занад, танӯраш ҳам аз танӯри дигарҳо фарқ мекунад!»

– Як чиза аз ту пурсиданӣ будам, доим фаромӯш мекунам, чун Холи Девзӯрро ном бурдам, бозёдам шуд. О, ҳамин Шераки Хол – ба бачаи ҳалолии Холи Девзӯр будани ӯ сахт шубҳа дорам, деҳ кучҷову дарахтон кучо! – туву ӯ ду фалаки чапагардон, лек бе ҳамдигар нафас гиред, нафасгардон мешавед, чаро?

Холдор дар ин бора ҳеч фикр накарда буд, табиист, ки ҳеч посухе низ надошт, лек ба ин хира агар ҷавоб надиҳӣ, ба сарат чормағз мешиканад. «Худоё, кадом шайтони лаин Холдори дар чанд обрав машҳурро аз роҳ зад, ки ба танӯри ошхонаву зулми раис тан дод. Як рӯз прагул мекардам, табобати танӯрии маро бало намезад!»

– Шояд ситораамон рост омада бошад...

Раис аз таҳи дил хандид, ҳатто аз ҷайб рӯймолча бароварда, ашки чашмонашро пок кард.

– Чанд соли ахир касе маро ин қадар хушҳол накарда буд! Ман туро як одами

бафаҳм пиндошта, сахт хато карда будаам. О, ситораи туву ӯ агар дар гӯр рост наояд, дар осмон ҳеч гоҳ! Ин чигилро низ, мебинам, чун дарди миёнат аз куҷо пайдо шуд, намедонӣ...

Ин дам сардояи даҳонаш бо зани раис тафсида ва баногоҳ шавҳари худро ба ёд оварда «ваҳ, шӯрам хушк, ун бечораро фаромӯш кардаам» гуфта, осема ба ошхона омада, ҷони Холдори «дар чанд обрав машҳурро» харид. Чароки Холдори бечора як дасташро берун оварда буд, бо латтакӯҳнаҳои даври гарданаш сару рӯи арақшорашро пок карда буд ва акнун фикри онро дошт, ки тамоми ҷулҳои даври гарданашро дур бизанад, тани нимсӯхтаашро берун бикашад ва ҳарду танӯрро – танӯри ошхона ва зулми раисро дидорашонро ба Бобокӯчаки мурдашӯ вогузошта, ҷониби хона битозад.

❂ ❂ ❂

Рӯзи дигар навбати танӯри Шераки Хол буд. Ҳарчанд Холдор пас аз танӯри Раиси Баста дигар ба безурётӣ тан дода буд, аз баҳри табобати танӯрӣ бебозгашт даст шуста буд, чун номи Шераки Холро шунид, боз дудила шуд. «Хайр, – гуфт пеши худ, – ба хӯрдан-ку хӯрдем, чаро аз лесиданаш тарсем?»

Вақте ӯро дар танӯри Шераки Хол ҷо карданд, Холдорро чунин намуд, ки дар ин танӯр чандин сол аст, ки оташ наафрӯхтаанд. «Ё шояд баъди ун танӯри доғи раис ба назарам чунин намояд?» Дирӯз пӯсти арғавонии ӯро дида, сардоя ба ваҳм омада, ба ҳар эҳтиёт – «боз обила накунад» – ба тани ӯ равғани доғношудаи пунба молида буд.

Аммо танӯри Шераки Хол чун худаш мулоимхунук будаасту бас. Чанд дақиқа пас чунон ба тафсидан оғозид, ки Холдор, агар аз занҳои давру пеш – сардоя ва зани дуюми Шераки Хол – ибо намекард, ба ҳафт пушти Шераки Хол сахтона роҳӣ мекард. Ана, чӣ мегӯед, ки номаша гиру гӯшаша каш, худи Шераки Хол бо пӯсту гӯшташ аз дари ошхона андарун омад ва Холдори хушномро дар ун сурату ҳол дида, аз хушҳолӣ таркид:

– А-а-а, ба дастам афтодӣ, шайтони бедуму бесум! Акнун қандата хӯру дурӯғбозӣ кун: «агар дурӯғ гӯям, санг шавам, кулӯх шавам!» Ҳа-ҳа-ҳа!

Холдор ҳайратзада ӯро менигарист: «аз чӣ ин қадар завқ дорад?» Шерак аз ҷайбаш рӯймолчае берун овард ва обҳои чашмашро пок кард ва пай бурд, ки хандаҳои ӯ дӯсташро хуш наёмадааст, гунаҳгорона гуфт:

– Мехостам дар оғози табобати ту ин ҷо бошам, лек ин занаки аҳмақ – ба занаш ишора кард – борхалта ба дастам тапонду мағозаи деҳ роҳӣ кард, ки дӯсти дардмандат имрӯз меҳмони мост, бираву ину он харида биё, хуб гуфтаму рафтам. Аз куҷо донам, ки ту ин қадар барвақт меоӣ...

Шераки Хол чун дид, ки арақ аз бинии дӯсташ ба чак-чак оғозид, боз худро нигаҳ дошта натавонист.

– Ҳайфо, ки дар оғози табобати танӯриат набудам... Акнун чӣ тур ман метавонам пеши мардум бираваму бигӯям: «агар дурӯғ гӯям, санг шавам, кулӯх шавам», Холдорро кунлуч карданд занакову дар танӯр хастанд... Ҳа-ҳа-ҳа!

Холдор дирӯз баъди он ки раис нисбати дӯстии ӯву Шерак шакку шубҳаи худро эълом дошт, имрӯз чунин пазироии ғайричашмдоштро дида, ба дили худаш низ зоғи шубҳа минқор зад. «Тӯба, як сухани бегона метавонистааст ба рӯи дӯстии бистсола соя бияфканад!»

– Ҳа, чаро ба даҳон об гирифтӣ? О, пештар лаҷоми гапро ба дигаре намедодӣ. Ё дар ҳақиқат дарди миёнат ин қадар сахт аст, ки забонатро аз гардиш боздоштааст?

Холдор ҳамоно мӯҳри хомӯшӣ ба лаб задаву чашми шак ба дӯсти

мулоимхунукаш дӯхта буд. «Бигузор дилашро холӣ кунад!»

– Ҳо, мардак, ман ба ту ҳарф мезанам ё ба танӯри сарднафас?!

– Бо ман, – тоқати Холдор тоқ шуд, – бисёр мехостам туро чун ман дар танӯри тафсон ҷо бикунанд, то гарданат латтаву халта анборанд, то ту бидонӣ, ки дар ин вазъ ҳарф задан чӣ кайфияте дорад...

– О, мегӯянд, ки дар дигар танӯрҳо ҳай чархҳои осиёи сарат дар гардиш буд?!

– Кӣ мегӯяд?

– Ҳоло дар тамоми деҳ ғайр аз табобати танӯрии ту дигар гапе нест.

Холдор лаҳзае чанд гаранг бимонд. «Чӣ, ин мардум дигар кореву ҳарфе надоранд, ки табобати танӯрии ӯро бо ин қадар кунҷковӣ мавриди баҳс қарор додаанд? Ё он духтури «розпӯш» дарди ӯро ошкор кардааст?!»

– Чиҳо мегӯянд?

– Ба мисол бачаи Хуҷастаро аз Шоҳак неву аз сафедор гуфтани туро мегӯянду механданд. Усто низ арраҳои даҳонашро тез карда гаштааст ва афсӯс мехӯрад, ки он рӯз дар хона набудааст...

– Боз чӣ мегӯянд?

– Боз дар ҷавонӣ ба ту ошиқ будани Оростаро мегӯянд. Яздони Орзу ба тақдири пешониаш лаънат мехонад, ки чаро дар он Ороста навишта шуда будаасту сардоя не! Вагарна вай аз ҳазор

бало мерасту ба ин ҳама гирдобҳо гир намеафтод!

– Хуб, ахиран чӣ мегӯянд?

Холдор мехост, ки бидонад аз моҷарои танӯри раис чӣ мегӯянд. «Агар аз ин моҷаро ба осонӣ растам, баъд ба масъалаи Яздони Орзу машғул хоҳам шуд».

– Ахиран мардум мегӯянд, ки ба падари Холдор раҳмат, ки ҳарчанд як рӯз ҳам бошад, онҳоро аз бозпурсиши дами дарвозаи раис раҳонид...

– Ҳамин?

– Боз чӣ мехостӣ бигӯянд?

– Ҳеч...

– Воқеан фаромӯш кардам бигӯямат, ки пагоҳ навбати танӯри мулло Бухоризода бо кампири Марям иваз мешавад.

– Ба ман, ки фарқе надорад...

– Ба ту надорад, вале ба онҳо дорад. Мулло ба деҳи ҳамсоя ба солгардиши падари волидаашон мераванд.

– Хуб, бошад. Ҳама танӯрҳои олам акнун нишоне аз дӯзаханд. Боре Бухоризода гуфта буданд, ки «дар ҳадисе хондаам, камгуноҳтарин дӯзахӣ кафше дар по хоҳад дошт, ки аз гармии он мағзи сараш хоҳад ҷӯшид!» Ҳар гоҳе дар танӯрҳо тани худро ҷо медиҳам, ҳамвора ин ҳадис ба хотирам меояд ва мӯй дар танам сих мешавад... Худованд гуноҳҳои моро биёмурзад, ки мо тобу тоқати саҳлтарин ҷазои дӯзахро надорем...

Холдор дид, ки Шерак рӯи кундаи гӯштпоракунӣ менишинад, ҳайратзада пурсид:

– Ба хайр аст?

– Ҳар гоҳе аз дӯзах ҳарф мезананд, мадори пойҳоям хушк мешавад. Мо, ки худ дар дӯзахем, худованд боз чаро дӯзах сохтааст, боз бо ин ҳама ҳайбату даҳшат?

– Инро аз мулло Бухоризода пурс, ки ақли ман ба умқи чизҳои одӣ намерасад, чӣ ҷои муаммоҳои малакутӣ!

Баъд пеши худ гуфт: «ин аблаҳро низ ақлу фаросат намерасад, ки латтае бардораду араќи сару рӯи маро пок кунад. Ун мӯдарози ақлкӯтоҳи ман дастмолро – гуё пари Ҳумо бошад! – боз бо худ бурдааст».

Аммо Шераки Холро магарам ҳуҷайраҳои хуфтаи пояш бедор шуданд, ки чун сар бардошту ба Холдор нигарист, осема аз ҷой ҷаст, пасу пешро нигарист, чизи меҷустаашро наёфт, ки даст ба ҷайб бурд, рӯймолчаашро берун овард ва бо ҳавсала сару рӯи Холдорро аз арақ пок кард. Баъд бозпас омаду рӯи кунда нишаст. Ин дафъа латтапорае рӯи он густурда.

Ин дам сардоя ба ошхона сар хаст, аз шавҳараш ҳол пурсид ва афзуд, ки агар ба ӯ коре надоранд, раваду ба арӯс кӯмак намояд, чароки онҳо ошхонаро банд кардаанд, мебояд дар берун сепоя гузошт ва палав пухт.

– Бирав, – гуфт Шераки Хол ба ҷои дӯсташ, – агар араќи сару рӯи ӯро пок

кардан вазифаи ту бошад, аз дасти ман ҳам меояд.

Сардоя рафту онҳо хомӯш шуданд, гӯё ҳарфи дигари мегуфта надоштанд.

– Медонӣ, чӣ гуфтан мехоҳам, – баногоҳ гуфт Шераки Хол, – агар рафту ин табобат туро судбахш омад, маро огоҳ намо...

– Ваҳ, магар ту ҳам миёндардӣ?!

– Не, – ором гуфт Шераки Хол, – мехоҳам ба оташи дӯзах худро омода созам. Агар ӯро – ба осмон ишора кард, – ин оташ, – ба танӯр ишора кард, – ва ҳам ин оташ, ангушти ишора давру пеш чархонд, – кифоя набошад, пас мебояд...

Вай ҳарфашро нотамом, Холдорро ҳайрон монду аз ошхона бадар рафт ва дигар барнагашт. Ба ҷои ӯ чанде пас сардоя омад ва ба суоли Холдор, ки суроғи Шеракро мегирифт, бепарво ҷавоб дод:

– Масчит намозхонӣ рафт.

Ҳарчанд Холдор медонист, ки Шерак то бад-ин рӯз намоз нахондааст, лек аз ин посухи занаш тааҷҷуб нанамуд.

Рӯзи дигар чун сардоя хост, ки шавҳарашро ба хонаи Марямбибӣ бубарад, вай оромона гуфт, ки дард миёнашро во гузошта, ба миёни Шераки Хол часпидааст, акнун ҳамроҳи Шерак намоз мехонад.

# ГИРДБОД

Ин воқеа дар замоне рух дода буд, ки Парвонаи Шопур, мулаққаб ба Раиси Баста халтаи коҳро ба шифти коҳдони колхоз овехта буду «танса» машқ мекард. Яъне халтаи коҳро оғӯш гирифта буду пасу пеш мерафт, ҳар замон ба замин менигарист, мабодо пои ҳамрақси худро зер кунад.

Муҳосиби идораи колхоз Вағнич рӯи боми коҳдон буду ба ҳар нафаре ки ба ҷониби коҳдон тоб мехӯрд, дастакзанон кафашро ба даҳон карнай карда, рамзомез, бо ҳамин чӣ қадар муҳим будани хабарашро таъкид карда, мегуфт: «қафо гард, комиссия!»

Парвонаи Шопур ҳафтаи гузашта ба шаҳр рафта буд, то дар ҷамъомад, пасон дар зиёфати ҷамъбасти нимсола ширкат варзад. Ҷамъомад бо кафкӯбиҳои бардавом поён ёфт, чизи хотирмоне надошт. Ана зиёфат…

Ҳама паси мизи таъом нишаста буданд, ки тӯлу арзаш дар хотири Парвонаи Шопур намонда буд. Гурӯҳе рӯи саҳна мерақсиданд, албатта бо хонумҳои рус, ки дар идораҳо кор мекарданд ва

шояд онҳоро ба ҳамин мақсад даъват карда буданд. Баъд валс садо дод, «кош забонгир мешуд» – баъдҳо мегуфт Раиси Баста. Ҳамин ки валс садо дод, дасте рӯи китфи Парвонаи Шопур нишаст. Раис чунон бо иштиҳо мехӯрд, ки пай ҳам набурд. Рафиқи дар паҳлӯ нишаста бо зону ӯро ҳушдор доду бо гӯшаи чашм ишора ба болои сараш кард.

Парвонаи Шопур сар боло карду ранги рӯяш канд, зани муншии дувум болои сараш меистод! «Патансуем?» – гуфт бо табассуми малеҳе зани муншӣ.

Парвонаи Шопур як ҷавонмарди хушбуруту хушнамуде буд. Зани муншӣ зудсайр ба ӯ баҳои занона дода буд. Вале раиси бечораи «Сармаддара» боре ҳам дар умри сари хеш, ба қавли кампиракҳои Сармаддеҳ, «дум наҷунбонида буд».

Аз ҷо осема хесту оҷизона ба атроф нигарист, ки шояд нафаре, омӯхтаи рақсе ба имдодаш бихезад. Мутаассифона, ҳамаончунон машғули хӯрдан буданд, ки барояшон на рақс вуҷуд дошту на муншии дувум.

Раиси бечора ҷониби раққосон нигарист ва дид, ки мардҳо аз камари занҳо доштаанду мавзун пасу пеш мераванду бас, пеши худ гуфт: «наход ҳаминро ҳам ман надонам!». Аз ин рӯ ба зан нимтаъзиме карду даст сӯи раққосон

бурда гуфт: «бифармоед!». Ва мунтазир истод, ки зан пеш дарояду вай аз пас равад. Аммо зан дасти ӯро гирифту бо ишваи занона ӯро аз дунбол бурд.

Ҳар ду ба анҷумани раққосон даромаданд. Парвонаи Шопур бо эҳтиёт – ҳар чи ҳам нагӯӣ, зани муншии дувум! – аз камари зан дошт ва ба ҳавои мусиқӣ ду-се раҳ ҳар ду пасу пеш рафтанд, ки ба ногоҳ фиғони зан баромад. Раиси бадбахт пои ӯро магарам сахт зер карда буд, ки чунин дод зада буд ва баъд зани муншӣ бо нидои «вандал проклатый!» як кашидаи обдор ҳам фуроварда буд.

Раис ҳам «зуд нигару дер мапо» аз он манзил худро берун кашида буд.

Аммо субҳ дари ҳуҷраи меҳмонхонае ки ӯ мехобид, кӯфта шуд. Нафаре ба ӯ хабар расонд, ки муншии аввал ӯро филфавр диданист. Ин каме равшанӣ ба дили ӯ андохт, чаро ки муншии аввал бо ӯ дӯстнамо буд ва гоҳу ногоҳ барои буду боши колхози «Сармаддара»-ро дидан меҳмони ӯ мешуд.

Парвонаи Шопур баъди иҷозаи котиба дари дафтари муншии аввалро бо тарсу ларз кушоду хост ба салом лаб кушояд, ки овози омир гуфт: «молчать! Ба ту як моҳ мӯҳлат, то рақсро биомӯзӣ, вагарна аз вазифа сабукдӯшӣ. Тепер марш ба Сармаддеҳ!»

Ҳамин сабаб буд, ки раиси бечора халтаи коҳро дар болори коҳдон биовезад ва зери обу арақ монда, «танса» машқ кунад.

Аммо дар ин вақт дар лабобаи Кафкрӯд ду нафар шаст ба рӯд андохта моҳӣ медоштанд, яке Шопури Моҳигир буду дигаре Барзуи Озарпур, донишҷӯи факултаи таърихи донишгоҳ, ки мехост моҳигириро биомӯзад ва ҳам аз Шопури Моҳигир ақоид ва русуми мардумро вобаста ба рӯд ва лабоба ёддошт бикунад, чароки этнограф шуданӣ буд ва дар ин бора мақолае навиштанӣ буд. Қаблан аз Шопури Моҳигир дар бораи «обсуворон», яъне гупсарбозон, анвоъи гупсару кадуву саночу боз даҳҳо васоили дигари убури рӯд дар фаслҳои сол, дар обхезиву сел нақлҳои зиёде шунидаву расмҳо гирифтаву харитаҳо кашида буд. Хеле хушнуд буд, ки барои як мақолаи ҷиддӣ мавод фароҳам оварда дар ҷомадон гузоштааст.

Соли гузашта вай рағзабофӣ, намадмолӣ, куппизанӣ ва боз чанд ҳунари дигари деҳотиёнро расм гирифтаву раванди корашонро аз оғоз то анҷом ёддошт карда, ба раҳбари кори дипломияш нишон дода буд ва аз ӯ ба шахси худ офарину аҳсант шунида буд,

ки имсол низ таътилро ба саёҳату шикор не, бал ба илм бахшиданӣ буд.

Этнографи оянда пайиҳам аз рӯд моҳӣ кашидани шарикаш ва ҳамеша холӣ баромадани чангаки худро дида, пеши худ иқрор мекард, ки моҳигирӣ низ илм будааст у вай бехабар. Вагарна бубинед, шастҳо як хел, чангакҳо як хел, кирмакҳо як хел, – Барзу ба гумони беҳии ҷой чанд раҳ бо моҳигир шастгаҳ иваз карда буд, – лек ӯ ҳар раҳ шастро бо моҳӣ берун меорад, аммо вай хип-холӣ!

Аз дилтангӣ Барзуи Озарпур ба гирду атроф нигарист. Чизи тозае ки ӯ медид, ин хонаяке, оғилаке ва ошхонаяки он сӯи соҳил буд, ки соли гузашта низ буд. Ба қавли Шопури Моҳигир ин ҳамаро мардум барои Луда-Палвон, ки ба шаҳр баргаштан нахост ва ба ташвиқи мулло Бухоризода мусалмон шуд – ҳарчанд гоҳу ногоҳ ба ҷои даст ба рӯ бурдан салиб мекашид ба андомаш ва занҳои Сармаддеҳро ба даҳшат меовард – сохта буданд, занак дар як муддати кӯтоҳ чунон пешқадам дар домпарварӣ шуд, ки ҳама ба ҳунараш аҳсан мехонданд. Шумори мурғҳояш аз шаш ба чилу ду расид, ду бузи дӯшоияш ҳоло ҳашт буз шудааст, шумори харгӯшҳояшро на худаш медонад, на каси дигар, чароки

занак ба онҳо дар кодоки се ғӯт хона сохтаву чапара-дарбача шинонда буд.

Аммо харгӯшҳо аз чаҳор тараф барои худ «роҳҳои рӯзи мабодо» канда буданд, ки занаки бечора намедонист, чанд харгӯши худӣ, чанд ваҳшӣ дар «кодокҳо» хуфтухез доранд.

Аммо мурғҳоро Луда-Палвон субҳ аз катак берун меоварду шом онҳоро пешандоз карда худ ба катак медаровард. Агар рафту ба коре банд бошад, ин амалро саги майдаҳаки русӣ бо номи Барсик иҷро мекард. Ҳаминки Луда-Палвон «Барсик, иди!» мегуфт, ин ҷонвари бафаҳм, ак-акзанон аз зери буттаву аз зери ғӯту санг мурғҳоро пайдо мекарду ба сӯи катак пешандоз.

Вақте ки хукхона сӯхту Раиси Баста аз бозсозии он даст кашид – ин айём Н.С.Хурущёвро аз подшоҳӣ маъзул карда буданд ва ҷонишини ӯ на ба хукҳо меҳре дошту на ба шоҳи зироат – ҷуворӣ, раис изҳори ақида намуд, ки агар Людмила Павловна хоҳиши дар деҳ мондан дошта бошад, бифармояд, тамоми деҳ ба ихтиёраш: хоҳад дар кадом меҳмонхонае – ҳамчун хонаандари худаш хуфту хез бикунад, хоҳад аз ҳар гӯшаи деҳ барои ӯ замин ҷудо мекунанд ва ҳашар ба роҳ мемонанд, барояш сарпаноҳ месозанду медиҳанд. Аммо Людмила Павловна

танҳо ҳамин пораи замини он сӯи Кафкрӯдро хуш карду бас ва раис ночор монд, ки ҳашар эълом дораду ин ҷо барои ӯ хонаву оғилу ошхона бисозад. «Бубинед ва сабақ гиред! Зани бечора роҳату фароғати шаҳрро пушти по зада дар деҳи худозадаи мо зистанист! Пас мо чӣ бояд кунем? Агар дар паҳлӯи ӯ бошем, дӯсти ӯ ва тарафдори даъватҳои хуби ҳизбамонем, агар аз ӯ дурӣ ҷӯем, пас мо ҳаводори тарғиби душманон ҳастем, ки мегӯянд: «оқибат ин муназзами сохта ба хаос мубаддал мегардад!». «Мо ҳама дар ҳайратем, – мегуфт Шопури Моҳигир, – тани танҳо – хонаи Яздони Маҳрбон аз ӯ хеле дур аст – дар ун хилватгоҳ, шабҳои пурвоҳима чӣ тур ором мехобида бошад?»

Ин дам диққати моҳигиронро гирбодҳои баногоҳ дар соҳили муқобил пайдошуда ба худ кашид. Гирдбод чандто буд. Даставвал онҳо хурд-хурд пайдо шуданд мисли дуди мӯриҳои деҳ. Ин гирдбодҳо дар тарафи чапи пули Кафкрӯд буданд.

Баногоҳ як гирдбоди дигар дар лабобаи рӯбарӯ ба гардиш даромад ва пеши нигоҳи шигифтзадаи ин ду моҳигир ба дамидан оғозид ва рӯ-рӯи замин чархзанон то ба назди чашмаи Марво рафт ва ба ҳаво танӯра кашида ғайб зад.

Лодмила Павловна магарам аз гирдбодҳо тарсида буд, ки мурғҳоро ҷамъ карда, ба сӯи катак меронд. Ин баъд мегуфтанд, ки агар ин корро намекард хубтар мебуд. Беҳуда Барсик ин қадар давру пеши занак гирд гашта, ак-ак намекардааст, бечора саг занакро ҳушдор медодааст. Инро низ баъд фаҳмиданд.

Аммо гирдбоди дигаре, ки наздики чашма пайдо шуд, шишаи азими чароғро мемонд. «Гирдбодҳои ташна! – хандида ба Шопур гуфт Барзу, – яке дар соҳили Кафкрӯд, дигар дар наздики чашма пайдо шуд...»

Аммо ҳамоно ваҳоҳаташ ҷиддӣ шуд – гирдбоди лабоба танӯразанон рост ба ҷониби Луда-Палвон ва мурғонаш мерафт.

Занро пушт ба гирдбод буд ва онро намедид. Барсик худро куҷое пинҳон карда буд. Гирдбод, ки акнун чун шишаи фонуси азим дамида буд, ба Луда-Палвон ва мурғон расид...

Шопури Моҳигир ва Барзуро ваҳм гирифт, онҳо баробар ба додзаниву дастафшонӣ оғозиданд, аммо шав-шуви рӯд овозашонро пахш мекард ва зан намешунид, чун ба онҳову гирдбод пушт гардонда буд, дастафшониашонро низ намедид...

Лаҳзае пас ин ду моҳигирро даҳшат гирифт, чароки медиданд, чӣ тур мурғҳо

ва матоъи сурх – Люда-Палвон! – даруни «шишаи фонус» давр мезананд. Баъд гирдбод ба ҳаво хест ва нопадид шуд...

Ду моҳигир кам-кам ба худ омаданд, зеро Людмила Павловнаро зинда пеши чашм медиданд, ҳарчанд бараҳна бо синабанду тунбонча. Пироҳани занакро бо мурғҳо гирдбод бурда буд.

❁ ❁ ❁

Ду моҳигир бе он ки ба ҳам чизе гуфта бошанд, баякбор ҷониби пули Кафкрӯд давиданд, то бубинанд ба зани мусофир чи кӯмаке метавонанд бикунанд.

Онҳо пули ларзонро гузаштанд, ҳарчанд ҳоло ин пул «ларзон» набуд, на меларзид, на меҷунбид, парчҳояш аз бетону шаҳтирҳояш аз мисрон буд, лек мардум чун одати пешина «Пули ларзон»-аш мегуфтанд. Моҳигирҳо пулро гузаштанду ғавғое пушти сари худ шуниданд, баргашта нигоҳ карданд ва даҳонво монданд – ними мардуми деҳ аз пушти сари онҳо меомад!

– Шоҳид танҳо мо набудаем, – бо таассуф гуфт Барзу.

– Сармаддеҳро аз ягон мӯъҷиза дар ғафлат монда намешавад, – хандид Шопур ва суръати гашташро суст кард.

– Чаро диранг кардед? – ҳайрон шуд Барзу.

– Бигузор бечора занак ягон курта ёфта пӯшад, вагарна бараҳна бубинем, як аламаш сад алам мешавад.

– Рост мегӯед! Ин ҷамоатро низ нигоҳ мебояд дошт.

Вақте ки онҳо ба чашмаи Марво расиданд, Луда-Палвон пироҳан пӯшида, рӯи кундаи назди хонааш нишаста буд, бо дидани ҷамъияти зиёд, ки ба яқин дилбардорӣ меомаданд, беихтиёр ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуд.

– Господи! Ин чӣ бало буд?

– Девбод, – гуфт яке.

– Шайтанвихр, – русидониашро намудан хост дигаре.

– Гоҳу ногоҳ зоҳир мешуд, аммо ин турашро бори аввал мебинем, - гуфт савум.

Ҷамоати занҳо ҳам расида омаданд ва Луда-Палвонро аз гарду авҳом тоза кардан пардохтанд. Мардҳо давру пешро менигаристанд ва ягон мурғро надида мешигифтанд, ки наход девбод ягон мурғро дар амон намонда бошад! Гӯё Людмила Павловна фикри онҳоро пай бурда буд, ки ба занҳои давру пешаш мегуфт:

– Гуноҳи худам, худам онҳоро сарҷамъ кардам, худам ба коми ин бало супурдам. Агар парешон буданд яке, дуеро мебурду бас!

– Худоро шукр гӯ, ки худатро набурдааст! – мегуфт кампири Осуда, – танҳо куртаатро бурдаасту бас! Мурғҳо тухми анқо нестанд, меравӣ аз бозор мехарӣ. Ҳозир ман ба ту сиёҳии дег меорам, бо оби сарди чашма мехӯрӣ, се рӯз аз хӯроки равғанӣ парҳез, варна зарпарвин мешавӣ, тарсат саҳл набуд, ки бепарво гардӣ. Имшаб ман ҳатман наздат мемонам ба ҳар эҳтиёт.

– Ғами мурғҳоро хӯрдааст бадбахту лек ғами худро не, аз ин рӯ хавфро пай набурдаасту натарсидааст, вагарна дар ҷои ӯ дигаре мебуд, дар ҷояш мемезид. – Ин Оростаи Сиёҳ буд, ки дар ҳар фурсат неш заданро фаромӯш намекард.

Кампири Осуда ба ӯ тунд нигаристу Ороста забонашро банд зад. Ин дам аз кучаое Раиси Баста бо муҳосиб расида омад. Ин вай буд, ки Людмила Павловнаро барои хукбонӣ аз шаҳр гирифта омада буд бо сад ваъда, хукхона сӯхту занак дар деҳ монд ва ҳоло Парвонаи Шопур ба каму кости рӯзгори ӯ худро масъул мешумурд. «Худоро шукр, – мегуфт кампири Майса, – ки ақаллан ба чизе худро масъул медонад, вагарна нисфи деҳро сел шуста барад, бурутащ хам намехӯрад».

– Чӣ гап шуд?! – ҳанӯз ҳам нафас рост карда наметавонист раис, – Ман аз идора

ин издиҳомро дида, заҳракаф шудам... гумон бурдам, ки бо Людмила Павловна ягон воқеа рух додааст. Худоро шукр, ки тансиҳату бегазанд мебинам! – Раис афзуд: «чун моро хабар карданд, ҳарчанд машғули корҳои муҳими давлатӣ будам, онро вопас гузошта, ба ин ҷо шитофтам», – раис гоҳу ногоҳ иборaву вожаҳои тозаеро ки аз муаллимон мешунид, дар нутқаш кор бурданро хуш дошт.

Людмила Павловна даст афшонд.

– Бо ман ҳеч чиз нашудааст, лек ин шайтанвихр мурғҳо, чилу ду торо, як то нагузошта бардошту бурд... ҳайфи мурғаком, якта ҳам намонд-а!

– Кӣ бардошту бурд?!

– Гирдбод!! – ба як овоз гуфтанд атрофиён.

Раис бемадор пахлӯи Людмила Павловна рӯи кунда нишасту монд. Вай ҳеч гоҳ надидаву нашнида буд, ки гирдбод чизеро, боз ба ин миқдор бардошта бурда бошад. Не, дида буд, саҳеҳтараш пайомадашро дида буд. Вай кӯдак буд. Баногоҳ осмон тира шуду аз осмон борони хунӣ борид... аз новдонҳо хун мерехт... халқи олам ба даҳшат омад... танҳо мулло Бухоризодаи Аввал орому ботамкин буданд ва вақти намози пешин дар масҷид, мардумро огоҳ карданд, ки ин ҳеч гуна хун нест, балки

хоки Сурхкӯтал аст, гирдбод ба ҳаво бардошта, ба борон омехтааст. Мардум оромиданд. Аммо чанд рӯз пас ҷанги ҷаҳон сар шуду мардум бар ин ақида устувор шуданд, ки ҳароина хун будаасту мулло барои таскини мардум чунон гуфтаанд.

Раис рӯймолчаашро аз ҷайб баровarду араќи пешониашро пок кард, «хуб, гуфтем, ки он гирдбод ишора ба ҷанг буд, ин гирдбод ишора ба чист?» Раис атрофиёнро нигарист, ангор ба суоли пеши худ гуфта аз онҳо ҷавоб мехост.

Шераки Хол, ки ба раис банди хешӣ ҳам дошт – хоҳараш Фарангбону зани раис буд – аз ин рӯ фикрҳои аз назари худаш рангинро гоҳу ногоҳ беибо ба ӯ мегуфт, чароки агар зудандоз намегуфту дар дилаш маҳфуз медошт, ба қавли дӯсташ Холдори Чилдурӯғ: «ғамбемор» мешуд.

– Модари раҳматиам мегуфтанд, ки агар шамол ё гирдбод пироҳани занро бубарад, фоли нек аст, агар, худо нокарда, поҷомаашро бубарад, бадбахтие чашмчор мебояд шуд...

Мардҳо лабханд заданд, чанд зан остин ба даҳон бурда пиқ-пиқ хандиданд. Бачаҳо ба чизе сарфаҳм нарафта, ҳайрон бузургсолонро менигаристанд, чароки воқеаи мӯҷиби лабханду ханда шуда, пеш аз зода шудани онҳо рух дода буд.

Шераки Хол зани аввали худро бо найранге гирифта буд – худо ҷоша ҷаннат кунад, зани хушзабону меҳрубоне буд. Чанд раҳ ба хонаи духтардор хостгор фиристода, ҷавоби рад гирифта буд. Духтар магарам дилкашолӣ ба дигаре дошт, ки ду поро ба як мӯза хаста буду «не!» мегуфту бас.

Шераки Хол дилу гурдаи худро канор заду дилу гурдаи падари шукӯҳманди худ Холи Девзӯрро ба орият гирифта, шабона рафту поҷомаи духтарро, ки бегоҳ шуста, аз назарҳо дур дар торе овехта буд, дуздиду омад. Ин амри нангине буд, ки поҷомаи дӯшизаро номаҳраме бубинад ва сад чанд гаронтар буд, агар бидуздад. Аз ин рӯ падару модари духтар ночор монданд, ки ин хиҷлат рӯшоди дӯсту душман нагашта, ҳарчи зудтар ба ин довталаби хира духтарашонро бароранду бидиҳанд.

Ин буд, ки раис пас аз жож лоидани додарарӯсаш ӯро тунд нигарист ва бо қаҳр гуфт:

–Ту ҳеч аз фачгӯӣ намондӣ! Бо ҳарзаҳои бобокӯчакӣ сари мардумро гаранг макун. Забонгир шаву гӯш фаро дор, ки ҷаҳондидагону доноён чӣ мегӯянд. Баста!

Бобокӯчак – мурдашӯи Сармаддеҳ буд ва ба содалавҳиву бепоягӯӣ зарбулмасал

шуда буд. Бо «ҷаҳондидагону доноён» раис ба шахси худ ишора дошт. Аз ин рӯ Шераки бечора баякбор забонгир шуду дигар то охири ин «ҳамоиши гирдбодӣ» ҳарфе назад.

Ҳарчанд раис он раиси пешина набуд, ки бо шиорҳои ваҳмангезаш, бо шаш қуттии телефонаш, ки яке рост бо Кремлу дигар бо Сибир пайваст буд, мардумро дар каманди таҳлука нигаҳ дорад, лек бало занад, чунон сиёсаташро ба мағзу ҷони онҳо нишонда буд, ки ҳоло низ аз ӯ ибо мекарданду амрашро бечуну чаро иҷро.

–Ана, боз як абулвоҳимаи дигар омадан дорад, – гуфт раис ва ҳама сарҳо ба сӯи пули Кафкрӯд тоб хӯрданд, Холдори Чилдурӯғро диданд, ки осема меояд.

Ин аҷиб буд, ки Холдор дар байни онҳо набуд, одатан вай ҳар ҷо бӯи ҳангомаву валвала мехест, шоҳиду нозири аввал буд. Ҳоло ҷамъомадагон кунҷковона ӯро менигаристанд, ки боиси диранги ӯ дар чунин як воқеаи «каснадиду гӯшношунид», ки метавонад дар китоби ҷилдфарбеҳи ӯ «Таърих ёд надорад» мақоми арзанда дошта бошад, чӣ буда?

Хол пеш омад, аввал Людмила Павловнаро дилбардорӣ дод, баъд бо

раис дудаста салом кард, дигаронро бо ҳавои сар дуруд фиристоду «уф-уф» гӯён рӯи кунда аз ҷониби дигари Людмила Павловна нишаст ва рӯймолчаро аз ҷайб берун оварда, араҷи сару рӯяшро пок кард. Баъд нигоҳи ҳамаро ба худ дӯхта дида, дарёфт, ки чӣ мехоҳанд, худро ҷамъ карду гуфт:

– Ба шумо дурӯғу ба халқи олам рост, коре шуд, ки таърих ёд надорад, – Холдор чун дид, ки ҳама лаб ба табассум кушоданд, салоҳ дид беҳтараш қасами маъруфашро ба забон наорад, – ношито мешикастам, ки ба ногоҳ аз оғил шиҳаи асп баланд шуд – мо асп надорем, хар дорем – ҳайратзада дохили оғил шудам ва дидам хар ҳаст, аспноме нест, ҳанӯз ба чизе сарфаҳм нарафта будам, ки мияв-мияви гурбаро аз саҳни ҳавлӣ шунидам – мо гурба надорем, саг дорем – сагро дидам офтобаке ёфта, сар рӯи дастон гузошта хобидаасту гурбаноме нест…

– Сар кард шаҳбоз! – бо зарда гуфт раис ва Холдор ночор буд ҳикояташро мухтасар намояд.

– Ба шумо дурӯғу ба халқи олам рост, зуд дарёфтам, ки имрӯз рӯзи одие нест, чизе рух хоҳад дод, ки халқи олам ҳайрон мемонад, чароки ин дам аз катаки мурғон ғуд-ғуди филмурғон баланд гашт – мо филмурғ надорем, мурғ дорем ...

– Тафси танатро насанҷида ин қадар сафсата мехонӣ! – раис ҳароина олуғда шуда буд, ӯро чунин менамуд, ки Холдор ин дафъа аз ҳад зиёд масхарабозӣ дорад, ҳамаро, аз ҷумла ӯро, як одами номдори ин обравро аҳмақ мепиндорад. – Бемор бошӣ, бемористон бифиристамат, девона бошӣ, темористон.

Холдор аламзада шуд, ки «ба инҳо дурӯғ гӯӣ, филфар бовар мекунанд, гапи ҳақро гӯӣ, беморат мешуморанд!»

Чашми раис ба байтори колхоз афтоду ӯро пеш хонд:

– Сомоншо, ин чилдурӯғро як тафси танашро бисанҷ, ба фикрам таблარзаи сафедаш гирифта...

– О, ин наменӯшад-ку!

– Чӣ тур наменӯшад? Дар хатнасури писари Яздони Маҳрбон ин не, ман нӯшида будам? Магар ин набуд, ки гуфта будааст: «агар арақаш чунин ҷонона чиз бошад, биллоҳи азим, ҳар рӯз менӯшам!»

– Ҳамону ҳамон дигар қатрае ба даҳон набурдаам...

Раис ҳамоно ба абрӯяш гиреҳ зада буд ва ошкор буд, вай «сайди тозаёфтаашро» ба осонӣ аз даст раҳо карданӣ нест. Холдор боз руймолча аз ҷайб берун овард ва араќи сару рӯяш, ин дафъа аз кӯфти фарозу нишеб не, балки аз неши забони раис заҳида буд, пок кард ва

имдодталабона ба Шераки Хол нигарист: «о, маро аз дасти почои худозадаат раҳо бикун!» Харчанд Шерак пеши худ қавл дода буд, ки ҳарфе дигар ба забон намеорад, ба дӯсташ дилаш сӯхт.

– Раисҷон! – вай Парвонаи Шопурро ҳеч гоҳ «почо» намегуфт, – магар рост аст, ки занак ба кайҳон паридааст?

Раис лаҳзае чанд ба хешбачааш хира монд. Навбати аз ҷайб руймолча бароварда, араќи сару рӯ пок кардан ба вай расид, чароки медонист, акнун раис «политикаашро» ба гардани ӯ бор мекунад. Ҳамин тур ҳам шуд.

– О, ту Шерак - намедонам кадом аҳмақ ин номро ба ту дода бошад – «Харгӯшак» чӣ номи мувофиқе будӣ, – о, ту Харгӯшак, ки бо даҳонат шавла мепазӣ ва дар маъракаҳо касеро гап намедиҳӣ, мемурӣ маҷаллаву рӯзнома бихонӣ, радио гӯш бикунӣ, дар кӯча пеши мардум часпак, хона пеши зани ҷавонат хапак...

Ду-се нафар ҳозирин аз ҷой бархостанд ва ҷониби пули ларзон равон шуданд. Ин ба раис нафорид, онҳоро садо кард.

– Ҳой фалону фалону фалон! Ин ҷо барои тамошо омада будед? Ҳамдардӣ? Хуб, ҳамдардиро кардед, акнун ёрмандӣ кунед, ки ин мусофири бечора хасароти зиёд дидааст, бе кӯмаки мову шумо онро ҷуброн карданаш муҳол аст.

Бигузор Сомоншо мурғдорҳоро як-як бо шумори мурғашон рӯихат намояд ва ҳар нафар аз даҳ мурғ зиёд дошта бошад, як сар мурғ биёраду бидиҳад, ман аз ҳисоби колхоз ду мокиёну як хурӯс ва аз ҳисоби худам як мокиёну як хурӯс медиҳам.

Дар деҳ ғайр аз мулло Бухоризода ҳама мурғ доштанд. Мулло як бор филмурғ парвариданро ба роҳ мондан хостанд, лек комёб нашуданд, чароки ин ҷонварҳои пурхӯр ини туву ини манро намедонистанд, ба полизу анборҳои атрофу акноф ҳуҷум меоварданд, дудро аз димоғи ҳамсояҳо мебароварданд. Мулло ночор монданду онҳоро бозпас ба шаҳр фиристоданд.

Байтори колхоз бо кӯмаки атрофиён шумурду баромад, ки дар деҳ шумори аз даҳ мурғ зиёд доштагон бисту ду нафар будааст. Ин рақам раисро хеле хушҳол кард.

– Бисту ду мурғ! Плюс се аз колхоз, ду аз ман, ин мешавад бисту ҳафт. Охӣ, мо бачаи гург нестем, бачаи одамем, беҳуда шиори давлати мо як кас барои ҳама, ҳама барои як кас нест. Баста!

Ин дам Шопури Моҳигир, ки ба даҳон об гирифта менишаст, изҳори норизоӣ намуд.

– Аз рӯи инсоф нест!

Қариб буд, ки гирдбоди ҳайрат кулоҳи лабадори раисро ба ҳаво барад.

– Чӣ, чӣ? – раис то ба таки фуки Шопур омад, – Магар моҳӣ ҳам ҳарф мезанад?!

Шопур аз камбизоатони деҳ буд, рӯзгорашро базӯр сару дум ёфта ба ҳам мепайваст, аз ин рӯ нишаст-нишасту маддаашро кафонд. Чун раис таги фукаш нафас-нафас мезад, ин бечора ҳам рӯймолча бароварда, араҷи пешониашро пок кард ва худро аз раис каме дур кашида гуфт:

– Масалан, ман даҳ сар мурғ дорам, бояд якеро бидиҳам, Сомоншо, байтори колхоз сӣ мурғ дорад, ӯ ҳам бояд якто бидиҳад, раиси колхоз...

– Шуд, шуд, баста! Фаҳмидам чӣ гуфтан мехоҳӣ, – раис баргашту ба байтори колхоз нигарист, байтор аз вай нигоҳашро гурезонд. Раис чун одат пасу пеш қадам задан гирифт. «Ҷин занад ин Моҳигири дамдуздро! Масъалаи ҳал шударо боз чигилтар кард, магарам даҳ мурғи колхозро акти мурданашонро нависему ба зани мусофир диҳем...»

Ин дам писараке бо даҳшат дод зад:

– Бубинед! Бубинед!

Ҳама ба тепаи Сумиганҷ, ки писарак ишора мекард, нигаристанд.

Онҳое ки нишаста буданд, ғайриихтиёр бархостанд, онҳое ба по истода буданд, бемадор ба замин нишастанд.

Аз тепаи Сумиганҷ чилу ду мурғ ба сӯи катаки худ «қут-қут»-кунон поён мехамбиданд, ки дар тани худ як паре надоштанд.

# ОБСУВОР

Шопури Моҳигир рӯи бом баромаду ба Кафкрӯд нигарист. Он чи дар хоб дида буд, ҳоло рӯшод, бо чашми сар медид. Кафкрӯд ба худ мепечид, ба боло медамид ва чун уштури маст кафк дар даҳон ба пеш медавид. Кафкрӯдро дар обхез хоб дида буд ва ҳоло дар бедорӣ медид.

Обхез ду-се пули сароби Сармаддарароро шуста бурда буд, инро онҳое ки аз деҳоти сароби дара омада буданд, мунтазири мошини пӯшида (почта) рӯи боми оғили колхоз нишаста буданд, баъд ба Шопур ҳикоят карданд. Мошини пӯшида аз пули Тангӣ мегузашт, пули мустаҳкаме буд, парчҳояш аз битону шаҳтирҳояш аз мисрон. Аз пул, ки гузаштед роҳ ду қисм мешуд, шоҳроҳ ба ҷойҳои маъмуриву ободӣ мебурд, роҳи борике ки ба чап, ба кӯҳи Шанобурз тоб мехӯрд, ба гӯристони Мардони Мард ва чарогоҳи Гулбасарон.

Аз ин рӯ мардуми Сармаддеҳу болооби Сармаддара каме дилгарм буданд, ки ба ҳар ҳол аз оламу одам канда намешаванд, Сармаддеҳ ҳарчанд кӯррӯда бошад ҳам, дар тани одам мемонад. Боз кӣ медонад, кӯррӯдае ки узви зиёда медонанд, барои

василае офарида шудаасту мо намедонем. Охир, ҳамин кампири Осуда, табиби ҳозиру нозири деҳ бар ин ақида аст, кӯррӯда бодҳое ки дар шикам пайдо мешаванду одам дар ҳузури ҳамнавъи худ онро берун омадан монеъ мешавад, аз шарм албатта, дар кӯррӯда ҷо мешаванд, то вазъи мулоиме фароҳам ояду соҳиббод онҳоро раҳо кунад...

Обхез аз болои пули ларзони Сумиганҷ мегузашт, шакке набуд, ки инро ҳам рӯфта мебарад.

Аз ун лабоба Людмила Павловна, бобои Маҳрбон ва занаш рӯи ғӯти азиме баромада буданд ва ҳар яке бо умед ба пул менигаристанд, ба худои худ зора мекарданд, ки пулро бегазанд нигаҳ дорад, вагарна обхез бардораду барад, онҳо як-ду моҳ дар гӯшаи узлати худ аз олами рӯшан ҷудо мемонанд.

Аксари сармаддеҳиён дар ун соҳил мазрааҳои худро доштанд ва замини обии колхоз ҳам ҳамон ҷо буд. Зуд аз пайи бозсозии пул мешаванд ва чун ҳамеша бо ину он сабаб барқарор кардани он як моҳ-ду моҳ ба дарозо мекашад...

Ин дам Нӯшинаи париёр, ки айёми гул дарди хуфтааш бедор мешуд, ба бомраҳа мерафту даф мезад, бо овози ҳазин замзама мекард:

*Даф мезанам, даф мезанам,*
*Бар доира каф мезанам.*
*Рӯзе қатори мурдагон,*
*Дар он макон саф мезанам.*
*Рӯзе, вале имрӯз не,*
*Имрӯзи рамзомӯз не,*
*Ҷуз осмон дар хокдон,*
*Як чашми ашкафрӯз не...*

Шопури Моҳигир ба ун се тани болои ғӯт менигаристу худ низ ғайри ихтиёр муноҷот ба худо мекард, ки пулро сел набарад ва ӯ ба гупсарсаворӣ ночор намонад.

Шопури Моҳигир пир шуда буд, рӯҳан, чароки ҳанӯз ба қавси шаст наафтода буд, лек медид, ки дасту бозуяш сол пайи сол заиф мешаванд, дилхушиву ҳарорате ки ба моҳигириву гупсарбозӣ дошт, кам-кам аз байн рафтан дорад.

Нӯшина аз бомраҳа ба рӯи боми ошхонааш баромада буду дар як гӯшаи он қоим истода даф мезаду замзама мекард, овозаш ҳоло матину расин шуда буд:

*Даф мезанам, даф мезанам,*
*Бар доира каф мезанам.*
*Бо ҳукми шоҳи охират,*
*Бар хобгоҳи охират,*
*Рафтанду ман ҳам меравам,*
*Рӯзе ба роҳи охират.*

Шопури Моҳигир таконе хӯрд, агар мушоҳиде мебуд, гумон мебурд, асари пурсадо шикастану ба коми селоб фурӯ рафтани пули ларзон аст, вале ин тур набуд. Шопури Моҳигир ин манзараро бори аввал намедид, ҳатто дар деҳ набошад ҳам, вай тӯъмаи обхез шудани пули ларзонро ҳамоно дарк мекард. Ҳоло ӯро замзамаи Нӯшина, бадурустӣ мазмуни байтҳои ӯ такон дода буд. Ва аз шунидани ин байтҳо ҳамоно хоби шаб дидааш ба ёдаш омаду такон хӯрд. Хоби кобус дида буд. Дар хобаш Кафкрӯд ҳай бадвоҳима талотум карда буд. Гӯё рӯд набуд, баҳр буд. Рӯд ҷӯшидаву тӯфон хеста буд. Баъд тӯфон фурӯ нишаст, рӯди ниммаст, чун море ки ғукро балъидаасту он оҳиста-оҳиста аз гулӯ ба сӯи дум меравад, пуфасзанон ғирев кашида буд:

–Вақт расид, Шопури Гупсарбоз нарасид!!!

Шопур ваҳшатзада аз хоб бедор шуда буд ва лаҳзаҳое чанд нимхез рӯи ҷогаҳ ҳангу манг нишаста буд. Аз хоб фоли бад гирифта буд ва ҳоло сари ҳол набуд. Вай лаҳзае чанд ба Нӯшина хира монду баъд аз бом ба зер омад.

Соате пас дари хонаи ӯро кӯфтанд, дарро боз кард, кампири Осударо дид. Кампирак ба ӯ ишора кард, ки бо ман биё ва роҳ афтод, ҳар ду аз бомраҳа рӯи бом баромаданд.

– Мебинӣ коҳдудро? – ба он сӯи рӯд ишора кард пирзан.

Аввалин чизе ки Шопур ба мушоҳида гирифта буд, набудани Нӯшина рӯи боми ошхонааш буд, чун ба ҷониби лабобаи дигари рӯд нигарист, рӯи ғӯтро холӣ аз он се тан дид, ошкор буд, ки онҳо ба коми сел рафтани пулро дида, ноумед баргаштаанд.

– Мебинӣ коҳдудро! – суолашро такрор кард кампираку Шопурро ба ваъзи воқеӣ овард.

Моҳигир дид, ки аз ҳотаи Людмила Павловна дуди ғализе чун дуди чӯби тар аз кӯра танӯра мезанад.

– Ба балое гирифтор омада, ки чунин кӯрдуд ба роҳ мондааст, медонад, ки фарёдраси рӯзи мусибаташ ҷуз ман касе нест, гупсарҳоятро ба оби ҷӯш тар кун, то зудтар мулоим шаванду дам задан бароят осон гардад.

Дар деҳ ҳама ӯро Шопури Моҳигир меномиданд, имшаб дар хоб рӯд ӯро «Шопури Гупсарбоз» хитобид, ин ҳам аз пайомади нохуше дарак медод. Чароки моҳигирон ба ихтиёри худанд, обсуворон ба ихтиёри рӯданд. Ҳоло ки рӯд осиву хунталаб шуда буд, ба яқин қурбониашро пайдо карда буд, ки шаб дар хоб суроғаш дошт. Медонад хунхор, ки дигар дасту пои ӯ он гирумонро надоранд, ки қаблан соҳиб

буданд ва шушаш низ наметавонад ба он тарангии пешин саночҳоро бидамад...

–Гӯш ба ман дорӣ ё на? – кампири Осуда, ки осудагӣ дар динаш ҳаром буд, ӯро ба худ овард.

–Ба хайр аст, рангат кандаву вазъат беҷост?!

Шопури Моҳигир дар бораи хоби дидааш ҳарфе назад, лоқайд ҷавоб дод:

–Шаб хобам набурд, ҳоло сардард шудаам.

–Меравам, бароят дору меорам, барои Луда ҳам баъзе чизҳоро мегирам, гумон меравад, ки ё касалии қадимааш хуруҷ карда, ё ягон балое ба сараш омада, вагарна дар ин обхез маро фаросӯи худ намехонд...

Кампири Осуда кафи дасташро рӯи чашмонаш соябон карда афзуд:

– Мебинӣ, обхез нишастан дорад, то ту омода мешавиву ман бармегардам, худо хоҳад, гузашт аз рӯд бехавф мегардад.

– Магар шумо бо ман рӯдро убур карданиед? – ҳайратзада пурсид Шопур.

– Баъд чӣ, магар ту ба дарди Луда-Палвон сарфаҳм меравӣ? Не? Дуруст. Агар ягон мусибате ба сараш омада бошад, роҳи халосӣ меёбӣ? Не? Дуруст. Пас чорае ҷуз бо ҳам рафтан дигар надорем!

Шопури Моҳигир дар шигифт монд, надонист, ки чӣ гӯяд. Кампирак магарам вақти ӯро гӯш кардан надошт,

ки баргашту рафт то барои дарди сари моҳигир даво биёрад ва ҳам ғами Людмила Павловнаро бихӯрад.

Шопури Моҳигир рӯи бом лаҳзае чанд андешаманд истод ва як гот хост пирзанро садо кунад ва аз хоби дидааш огоҳ, вале зуд аз фикраш гашт. Гумон буд, ки бо чунин хоби барои ӯ номафҳум, кампири хирургро аз раъяш баргардонӣ, чун қисмати дугонаи наздикаш дар миён буд, боз Людмила Павловнаро дар деҳ ҳама ғарибу ба ғамхории умум мӯҳтоҷ меҳисобиданд, ба тақдираш бепарво буда наметавонистанд, бепарвоиву канорҷӯиро аз ӯ айбу гуноҳ мешумориданд.

Шопури Моҳигир аввал ба ғӯт нигаристу пеши худ тасаввур кард, ки чӣ тавр он се тан пулро шикастану бурдани селро дида, умед канда, вазнин аз ҷой мехезанд, бобои Маҳрбон бо кампираш, Людмила Павловна сари танҳо хомӯш ба сӯи хонаҳояшон равон мешаванд. Бобои Маҳрбон, ки пеш-пеши кампираш гом мебардорад, гоҳ-гоҳе меистаду ба ҷониби Кафкрӯд менигарад, дар асл вай оғили назди мағозаро менигарад, ки инак зиёда аз се сол аст, ки меравад, ҳар бомдод он ҷо бомгӯшаро бо ду-се пирмарди дигар, ки як-як меоянд, иҷора мегирад ва рӯзи дароз он ҷо менишинад, рӯзро кӯр мекунад...

Акнун бечораи пирмардро кораш ҳамин мешавад, ки меояд рӯи ҳамин ғӯт, асояшро паҳлӯяш мегузорад, равандаву ояндаи он соҳилро менигарад. Рафту аз фарзандҳои дар марказ муқимшудааш номае бирасад, – хушбахтона, мошини пӯшида ҳар рӯз меояду меравад, – Шопури Моҳигир обсувор меояду ба ӯ медиҳад ва пирмард ӯро ба ҷону ҳолаш намонда хона мекашад, то аз оламу одам тозахабаре бишнавад. Ба Людмила Павловна ҳеч хату хабаре намеояд, бечора касе надорад, агар дошта бошад ҳам, дер аст, ки ӯро фаромӯш кардаанд. Аз ин рӯ кампири бобои Маҳрбон рӯзе як раҳ ӯро хабаргирӣ меравад, агар ба кори мазраа банд шуда монад, худи Людмила Павловна ӯро хабаргирӣ меояд, сагчааш Барсикро ба ҷои худ посбони мурғу харгӯшон гузошта.

Ин се тан ангор дар ун лабоба худро бад ҳис намекарданд, агар чунин обхезиву пулшӯӣ рух надиҳад.

Шопури Моҳигир ҳанӯз ҳам дар бомгӯшаи хонааш чун ҳайкали мунҷамид истода буду намедонист гирифтории имрӯзаи худро чӣ гуна дид занад. «Тарси рӯд дар дилам ҷо шудан дорад. Шояд ман ӯро бо чи пиндору гуфтору рафтори бади худ озурда бошам? Охир, ман ҳар гоҳе оҳанги убуру моҳигирӣ мекардам, аз рӯд иҷоза мехостам, ниёиши обро менамудам, баъд

ба ин ду амал даст мезадам. Пас чаро ҳоло мехоҳад шармандаи ду олам гардонад?!»

Рӯи мавҷҳои балохези Кафкрӯд кӯробае пайдо шуду зиндагии якрангу якмароми ӯ пеши чашмаш чун навори филми беовоз чархидан гирифт... моҳигирӣ, оббурӣ, ба ҷуз ду-се воқеае ки аз ин маҷмӯъ истисно буданд, чун ҳалқаҳои набоястӣ, ки ба ҳалқае овезонанд, вале дар силсила наянд. Ба мисол ҳамин қазияе ки шаш сол қабл рух дода буд. Писари бузурги бобои Маҳрбон, Боғбон ба мураххасӣ омада буд бо зану бачаҳояш. Чун мураххасиаш поён ёфту омодаи бозгашт шуд, обхез пули ларзонро бардошту бурд. Писари бобои Маҳрбон дар лабоба бузург шуда буд, шиноро хуб балад буд, ҳамин ки тафси дили рӯд паст шуд, онро шино карду гузашт, ҳарчанд падару модар инро ҷилавгир шуданд. Аммо вай ночор буд. Рӯдро гузашту аз Шопур хоҳиш кард, ки саночҳояшро тар кунад...

Шопур ду писараку духтаракро бемушкила гузаронд. Онҳо бо навбат ба пушташ савор шуданд, дастҳоро ба гарданаш чанбар заданд, Шопур ба ҳар эҳтиёт бо яккабанди худ ҳар якеро ба камари худ баст. Чун ду бародараш рӯдро бебок гузаштанд, духтарак ҳам ҷасур шуд. Ҳамин ки навбат ба зани Боғбон расид, як мушкилаи зудхез дерхусп шуд. Вай намехост ба пушти Шопур

савор шавад, гузашта аз ин дастонашро ба гардани ӯ ҳалқа занад. Хоназоди як шаҳрӣ буд, аммо ноз оварданаш шаҳбонуро рам медод. Ҳарчанд хусуру хушу мегуфтаанд, ки обхезро маҳраму номаҳрам якест, сар намефуровард.

Бечора Шопур дид, ки ҳарчанд ҷои бим аст, ночор аст, ки занаки якравро ядак (буксир) бигирад, бо умед ба атроф чашм бардамонд, дари ошхонаро дид, пеш рафту дарро аз ошиқмаъшуқ берун овард, дастаашро санҷид, устувор нишаста буд, банду басти тахтаҳо низ нақши дасти устои ҳалолкор буд – ошкор, ки усто Шоҳаки Ранда! Шопури Моҳигир хушнуд дарро бардошту лабоба фуромад.

Занак боз ба дағдаға оғозид, ки ман бо ин дар рӯдро намегузарам! Хоб рафта? Ҳеч гоҳ! Агар меҳмон намебуд, агар фарзанди ҳамин деҳ мебуд, Шопури Моҳигир ду-се ҳарфи баҷоӣ мезаду пайи кораш мерафт. Аммо меҳмон буд, гузашта аз ин арӯси деҳ буд, мебоист ба ин бадбахт хушомад занӣ, ки ин рӯд кӯли Камсамол ва ин дар завраќи даҳпар нест, ки чорзону нишиниву онро гузарӣ... Магар ин мавҷҳои балохезу кафкҳои даҳони уштури мастро намебинӣ? Як латмаи мавҷ кифоя аст, ки ту шаҳбонуи рӯи тахт, яъне ҳамин дар нишастаро ба коми обхез супорад...

Билохир бадбахтро моил карданд, ки ба ин «таҳқир» тан диҳад.

Шопури Моҳигир занакро ки рӯи дар дароз кашид, бо чилбури бобои Маҳрбон оварда баст, баъд худоро шукр кард, ки ӯро баст, гарданбанди гупсарро ба китф гирифту дарро ба рӯд кашид. То ними рӯд ҳамвор шино карду пеш рафт, ногоҳ мавҷе рӯ-рӯи об пеш омаду Шопур хост худ ва ядакашро аз он дур гирад, аммо дастаи дар канда шуду мавҷ дарро канор заду бо худ бурд. Аз соҳили чап фиғони шавҳару бачаҳо баланд шуду аз соҳили рост фиғони хусуру хушдоман.

Шопур чун дид, ки зан ҷонхурӯш кӯшиши аз банд раҳо шудан карду ба сӯе лағжид ва ҳамроҳи дар чапагардон гашт, гупсарро раҳо намуду бо суръат оббурон ба сӯи дар рафт. Ҳаминки ба дар расиду ба зери он даст бурд, ба чангаш чизе наёмад. Зан бо талвосаи ҷон худро аз банд раҳо карда буд. Одамони ду соҳил занро медиданд ва ба вай ишораҳо мекарданд, лек Шопур вақти онҳоро нигаристан ҳам надошту дар ин растохези рӯд ғиревашонро ҳам намешунид. Билохир вай ҳам занро дид, ки мавҷ ӯро ба сӯи парчи селбурда мекашад. Ҳарчи нерӯе дар тан дошт, оббурӣ карду ба вай расиду ӯро аз рӯд берун овард.

Аз ун рӯзу сол ба пасон зану бачаҳои Боғбон дигар ба деҳ намеомаданд, вале Боғбон соле се-чор рӯз меомаду мерафт...

Шопури Моҳигир то бад-ин рӯз намедонад ба ин ҳама ӯ гунаҳгор аст ё зани сояпарвардаи Боғбон. Баъди он воқеа моҳигир гоҳу ногоҳ хоби кобус мебинад, ки чӣ тавр сел модари ғарикро мебараду фарзандони нотавон дар соҳил нолаву шеван мекунанд...

Шопури Моҳигир аз бомраҳа ба роҳи борики деҳ фуромад, то аз ҳамсояҳои пасу пеш барои мулоим кардани гупсарҳояш оби ҷӯш, ҳеч бошад оби гарм талабад. Ба поин фуромаду сари роҳ Нӯшинаи париёрро дид, ки бо чи ҷазбае рост истода буд. Моҳигир аз паҳлуи ӯ хомӯш гузашта рафтанӣ буд, ки Нӯшина ба дафзанӣ оғозид.

*Даф мезанам, даф мезанам,*
*Бар доира каф мезанам.*
*Эй, зинда дар дунёи роз,*
*Дар ҳирс печидиву оз.*
*Некӣ накардӣ бар касе*
*Дар роҳи кӯтоҳу дароз.*
*Даф мезанам, даф мезанам,*
*Бар доира каф мезанам.*
*Ман омадам, ман меравам,*
*Аз кӯю барзан меравам.*
*Дар лаб дуову фотиҳа,*
*Чун шамъи равшан меравам.*

Шопури Моҳигир, ки ҳангу манг дар ҷояш мехкӯб шуда буд, бо шунидани ин

тарона дилаш аз қафаси сина канда шуда ба тахтапушташ часпид.

Шопури Моҳигир ду писар дошт, ҳар ду ба Русия рафтанду бедарак шуданд. Аз онҳо на хат буду на хабар. Солиёни зиёд интизор буду умедвор, ки як рӯз не, як рӯз ё худашон аз дар медароянд ё хаташонро мошини пӯшида меорад, на ин шуду на он. Занаш ки як ҷавонзани сархаму камгап буд, якбора ба пирзан мубаддал шуду аз гап монд.

Кори Шопур ҳамин буд, ки хурӯсбонг ба лабоба мефуромад ва то омадани мошини пӯшида ё як, ё ним сатил моҳӣ медошт бо шасту бо сабадак, баъд онро ба ягон мусофир медод, то ба шаҳр бараду ба дасти чойсолори чойхонаи «Агмаддара» супорад. Чойсолор ҳам ҳамоно пули моҳиро медоду сатили холиро бармегардонд.

Шопури Моҳигир ҳеч ба шаҳр намерафт – ба ҳар ҳол ягон сармаддеҳӣ инро ёд надошт – ҳама бодрӯзаи худро аз мағозаи деҳ мехарид.

Ва баногоҳ занаш ба дарде гирифтор шуд – ҳама мегуфтанд, ки – сил! – ва замингир гашт. Парастори ӯ Шопур буд. Бечора ҳафтае хона рӯшан карду Шопурро дилгарм, аммо як бомдод бо ишора Шопурро наздаш хонд, чизе гуфтанӣ шуд, забонаш нагашт, дасти Шопурро ба даст гирифту ҷон дод. Баъди ин миёни Шопур

хам зад. Дигар ҳафтае як раҳ моҳидорӣ мефуромад. Намозхонӣ намерафт. Мулло Бухоризода мегуфтанд, ки ба ҷои ӯ, агар ҳар касе мебуд, ё аз масҷид намебаромад, ё ба он наздик намешуд.

Ана ҳозир Шопури Моҳигир чаҳор гупсарро дамида, даҳон ба даҳон баста, мунтазири кампири Осуда нишаста буд, ки кампирак аз пушти дар ӯро садо кард. Шопури Моҳигир саночҳоро ба китф гирифта аз дар баромад ва хомӯш равон шуд. Кампири Осуда як ба чеҳраи ӯ нигаристу дар он нақши панҷаи маргро диду таконе хӯрду беҳарф дунболи ӯ гирифт.

Аммо осудагӣ дар дини кампири Осуда ҳаром буд. Баъди ду-се хонаро гузаштан ба гап даромад.

– Лударо даруни синаҳояш ғадуд пайдо шудаву ғамаш медиҳад. Гумон дорад, ки гирифтори саратон шудааст, зеро кам-кам ин ғадудҳо бузург шудан доранд. Метарсад ба духтур намояд. Рафту фикри дар гумон андохтааш ҳақ бароядь, яъне ҳароина саратон бошад? Аммо ман, ки медонам ин дарди қадимаро! Давояшро низ. Ин ғадудҳоро момоҳои мо «ширхоя» мегуфтанд. Бештар занҳои нозову аз зоиш мондаву мардинаро надида гирифтор мешаванд. Давои беҳтаринаш – зок! Ҳо, ҳамин маъдани назарногир, ки ба қавле дар вартаи Дӯзахак саг бӯ намекунад, ҷавоби сад доруи инзамонаро медиҳад.

Шопури Моҳигир бо ҳайрат ба кампири Осуда нигарист. Инак лаҳзае чанд буд, вай аз олами кобусҳои худ берун ояд ва ба кампирак, ки заминро аз зери пои ӯ кашида буд, гӯш фаро дорад.

–Ҳамин сангро меканиву мехӯрӣ?

–Сода! Зокро мегириву дар шир мечӯшонӣ, ҳаминки шир бурид, онро гарм-гарм мехӯрӣ...

–Агар набурад?

–Набурида рӯз надорад...

–Барои чӣ?

–Табиаташ чунин аст, ки ширро мебураду марҳам месозад.

Кампир лаб фурӯ баст, Шопур таконе хӯрду гумон бурд сар то пояш сард шуд. Аз лабоба садои дафи Нӯшина меомад, ки бо таронахониаш ҷӯр буд.

*Даф мезанам, даф мезанам,*
*Бар доира каф мезанам.*
*Пайдо шудам, пинҳон шудам,*
*Дармондаи ҳиҷрон шудам.*
*Бо ин паридории худ*
*Ҷӯяндаи инсон шудам...*

–Бечора! – гуфт кампири Осудаву дигар ҳарфе наафзуд...

Шопури Моҳигир кампири Осударо ба ду гупсари дасти рости худ баст, халтачаи доруву давояшро худ гирифт,

ки боз кампир аз тарс онро раҳо накунад, ё агар раҳо накунад, тар карданаш яқин буд. Шопури Моҳигир дар шигифт монда буд, ки кампири Осударо ҳаросе на дар ваҷоҳаташ, на дар ҳаракатҳои дасту поҳояш дида намешуд. Вай ӯро дар дил таҳсин карду ба оббурӣ даромад. Рӯдро бе ягон ҳодиса убур карданд. Чун ба сари Луда-Палвон расиданд, ӯро рӯи пӯстак хобидаву ҳазёнгӯ ёфтанд.

Кампири Осуда косаи назди Людмила Павловна сарнагунро диду онро бардошта канор гузоштанӣ шуд, лек зуд ба ҷояш гузошт.

– Ӯро каждум газидааст!–хабар дод Шопури Моҳигирро ба косаи сарнагун ишора карда.

Баъд зуд халтачаашро аз дасти Шопур гирифту даҳонашро боз кард. Шишачаеро байни анбончаҳо диду оҳи сабук кашид.

– Хайрият, ки гирифтаам!

– Ин чист?

– Подзаҳр, – ором гуфт ӯ ва аз сатил дӯлчае об гирифту аз он шишача қатрае чанд чаконд ва Шопурро гуфт, – сари ӯро бардор!

Обро ба лаби Людмила Павловна бурд ва дар ҳоле ки ними об аз даҳони зан берун мезаҳид, оби дӯлчаро ба

ҳалқи ӯ рехт. Пасон бо кӯрпаи нимдошт тани занро пӯшонида, ба ҷустуҷӯи чизе даромад. Аз даруни соғуи тоқча дирафш ёфта омад, косаи сарнагунро бардошт, неши дирафшро ба пушти каждум хаст, бардошт, бурду ба қаламчаи тоқча зад, гӯш фаросӯи каждум бурд, баъди чанде қаноатмандона гуфт:

– Сар кард!

Шопури Моҳигир ҳайратзада ӯро менигарист. Тоқат наёварду пурсид:

– Чиро сар кард? Кӣ?

– Аввалаш «кӣ» не, «чӣ». Баъдаш, каждум сар кард зораву таваллоро. – Кампири Осуда мармуз ба Шопур нигарист, ки ин дам аз ҳайрат комаш афтода буд. Кампирак ба ӯ раҳм карду шарҳ дод:

– Худоро зора дорад, ки заҳрамро бидеҳу ҷонамро гир ва маро аз азоби дӯзах раҳо бахш, ки тоқати азоби неши дирафшро надорам.

– Аҳа, – гуфт кампири Осуда ба Шопури Моҳигир рӯ оварда, – донистӣ? Ба неши беозори дирафш тоб намеораду неши пурдоғи худро ба чапу ба рост бепарво мекушояд, – ин дам кампири Осуда ба Людмила Павловна нигаристу нидо кард: – худоро шукр, хобаш бурд!

Людмила Павловна пас аз ним соат чашм кушод, аввал чашмаш ба Шопури Моҳигир, баъд ба кампири Осуда афтод.

– Ман медонистам, ки ту меоӣ, ту на аз об метарсиву на аз оташ. Ту, Асия, одами заминӣ нестӣ, намедонам кистӣ, ҳаминки пулро сел бурд, рӯи пӯстаки кампири Майса бахшида дароз кашиданам ҳамон буду аз дарди ҷонкоҳ наъра кашиданам ҳамон, дидам, ки ин палидак аз зери поям берун омад, ҳамоно косаро ба рӯяш чапа кардам, аз куштанаш тарсидам, баъд дар гармогармии дард халтаи коҳро рехтам ба саҳни ҳотаву оташ задам, медонам омадаму рӯи ин пӯстак дароз кашидам ва аз ҳуш рафтам, магар аз зарби дард, дигар чизе дар хотир надорам...

– Ту дуои ҷони Шопурро кун, ки бе ҳеч диранг маро гирифту овард.

Шопури Моҳигир боз ба олами кобусҳояш фурӯ рафта буд, ки онҳоро намешуниду намедид. Ду зан ба ӯ лаҳзае чанд ҳайратзада хира монданд. Баъд боз ба сӯҳбати занонаи худ дунбола доданд.

Ва баногоҳ миёни сӯҳбати онҳоро нидои Шопури Моҳигир шикаст.

–Ба дилам зад!

–Чӣ?! – ба як овоз пурсиданд ду зан.

– Зиндагӣ, – инро вай чунон ором гуфт, ки мӯ дар бадани он ду сих зад.

Людмила Павловна бо суол ба кампири Осуда нигарист – оё ту чизе мефаҳмӣ? Кампири Осуда ангушти ишорат ба лаб бурду пас ба Шопур рӯ овард.

– Додарак, ман ин ҷо назди Луда ду-се рӯз мемонам, ту пайи корат шав. Беҳтар мешуд, агар бобои Маҳрбон ва кампири ӯро як хабар мегирифтӣ.

Шопури Моҳигир ҳарфе назад, вазнин аз ҷо баланд шуд, гупсарҳоро бардошт, ба чи андешае ду гупсарро ҷудо карду ба гӯшаи хона гузошт ва аз дар берун шуд.

– Ба хайр аст? – пурсид Людмила Павловна аз кампири Осуда.

– Зиндагӣ тангаш гирифтааст мегӯям, ки аз субҳ ба худ бегона аст.

– Ба худ бегона? – чизе нафаҳмид Людмила Павловна.

– Гоҳу ногоҳ бо ҳар кас рух мезанад, баногоҳ ҳис мекунӣ кӯррӯдае дар тани ҷомеаӣ.

– Ман ҳам гоҳу ногоҳ чунин фикр мекунам, – бо андӯҳ гуфт Людмила Павловна.

❁ ❁ ❁

Ҷасади Шопури Моҳигирро дар поёноби Кафкрӯд мавҷи об ба соҳил афканда буд. Онро аз мошини пӯшида дида, гирифта ба деҳ оварданд. Сармаддеҳиён вокунише ба ин қазия нишон надоданд.

Бобои Маҳрбон, ки ӯро бори охир дида буд, ҳикоят мекард: то ними рӯд гупсарсавор

рафт, баъд гупсарҳоро раҳо карду худро ба ихтиёри мавҷҳои балохези Кафкрӯд гузошт, шино намекард, чароки дасту по намезад, то парчҳои пули селбурда ҳамин тур рафт, баъд аз назарҳо пинҳон шуд.

Рӯзи дигар ки гӯрканҳо дар гӯристони Мардони Мард қабр меканданд, ба ногоҳ Нӯшина дафзанон пайдо шуд. Гирди гӯрҳо мегашту тарона мехонд:

*Даф мезанам, даф мезанам,*
*Бар доира каф мезанам.*
*Аз гӯрҳо, бар гӯрҳо,*
*Даф мезанам бо шӯрҳо.*
*Дар пеши поям мехазанд,*
*Ҳам морҳо, ҳам мӯрҳо.*
*Даф мезанам, даф мезанам,*
*Бар доира каф мезанам.*
*Чӯкида чун чашми аҷуз,*
*Бетаҳ, даҳанво, пушт куз,*
*Ҳар гӯр мегӯяд ба мо:*
*«Охир намефаҳмед рамуз?!»*

Аммо ин ҳамаро Шопури Моҳигир дигар намедиду намешунид.

# ХОЛДОРИ САЙЁД

Ба шумо дурӯғу ба халқи олам рост, бо ман қазияе иттифоқ афтод, ки таърих ёд надорад. Рафтам ба шикор, ба гарданаи кӯҳи Шеданзо. Он ҷо бо дурбини Навбахт як рӯз пеш рамаи оҳувонро дида будам. Пеши худ гуфтам, як такка мезанаму бас, фикри шумо, насли ояндаро ҳам мебояд кард.

Ба гардана расидаму донистам, ки тирҳоро бо худ нагирифтаам. Бо донаки вағнич оҳуро ки сайд карда нашавад!

Зери бурсе нишастаму кулаҳро аз сар гирифтаму фикр кардам, тирро аз ёд баровардӣ, осиёи пичингу тамасхури душманон гардон мешавад. Оби рӯ оби осиё нест, ки бандиву кушоӣ. Ман, сар кафид зери тоқӣ, намепӯкам. Кадом ҳушманд дидаву дониста худро фармуки писханду ришханд қарор медиҳад? Аммо ин сардоя, занамро мегӯям, зан, ки ҳаст, сирри мардон пӯшида беҳро вожгуна мефаҳмад, ҳароина мепӯкад, чароки бегоҳ дида буд, ки ман як қуттӣ тирро рӯи тахтонаи тиреза гузошта – субҳ фаромӯш накунам гуфта – сина дамонда, эълом доштам, ки бомдод пеш аз азони

мулло Бухоризода, ба шикор меравам, ба сӯи офтоббаро, яъне ба кӯҳи Шеданзо ишора карда.

Ҳамин сардоя, ки вақти аз хона баромадани ман хоб буд, бо шунидани азони мулло аз хоб парида мехезад, то таҳорат кунаду намози бомдод гузорад, аз рӯи одат назди тиреза меояд, гӯш фаросӯи масҷид медорад, ки ҳароина азонро шунидааст ё гӯшаш чун гоҳу ногоҳ садо додааст. Ва нахустин чизе ки чашмаш ба он меафтад, ҳамин қуттии тири рӯи тахтона, ки мани фарнос бегоҳ гузоштаву ӯро огоҳонида будам...

Бо ин андешаҳои нохуш зери бурс нишаста будам, ки баногоҳ фариштае болои сарам бол заду фикри арзандае ба сарам ҷо кард. Туфангро ба як ҷойи дилпур паноҳондаму ҷомаро байни шаппаҳои бурсе, ки зераш менишастам, тапонидам, то ба чашми бегона нанамояд, пеши худ гуфтам, ки пагоҳ ё фардо меояму мебарам.

Дидед, фаришта, ки болои сарам бол заду фикри арзандае ба мағзам ҷо кард, яқин буд, ки бозтоб мегардад. Чун сайёди асил як қабза шаппаи тар гирифтаму ба зери кашу гардан ва дигар ҷойҳои аракҷӯши танам молидам, то бӯяш берун назанад. Баъд рафтаму пушти харсанге

ки пахлӯяш ягона пайрахаи оҳугузар буд, камин гирифтам.

Ба шумо дурӯғу ба халқи олам рост, қариб се соат дар камин будам, ки ниҳоят рамаи оҳу пайдо шуд. Аз чакочаки сангчаҳо, ки аз зери сумашон меҷастанд, ба ҷарӣ сарозер мешуданд, пай бурдам, наздик шудан доранд. Каме ба пеш хазидам. Донистед, ки чаро? Қурбони аҳли фаҳм, вагарна чизеро дидаву коре ҳам карда наметавонистам. Ҳанӯз ки нури чашмонам дидаҳоямро ранги бобои Сангин тарк накардаанд, ҳанӯз ки «дурру марҷонам» ба қавли бобои Рӯдакӣ насудаву нарехтаанд, ҳанӯз ки мисли бобои Маллаву Маҳрбон асо ба даст нагирифтаам, шумо, бачаҳо, будани маро ғанимат шуморед, ин қиссаро дар ёд нигаҳ доред ва ба фарзандони худ қисса кунед: ана, чӣ шаҳбозе буд Холдори Ҳамадони мо!

Дар интизори рамаи оҳувон ду дақиқа ба назарам ду сол намуд. Билохира пайдо шуд, аввал шохаш, баъд сараш ва ними танаш – сархайли рама! – вай ҳамеша пеш-пеши гала меояд – бебок, бовиқору ҳушёр... «Ё мазори Мардони Мард, мадад!» – гуфтаму ба тахтапушташ ҷастаму ду шохи бузургашро чун фармони (рули) дучарха бо ду даст сахт доштам...

Беҳуда механдед! Ҳарчанд ба ман лақаби «Чилдурӯғ» додаанд, ноҳақ, каме

муболиға карданро хуш дорам, ки дар назари мардуми ноошно дурӯғ метобад. Ҳоло як қазияи бепероярo мегӯям, агар дурӯғ гӯям, санг шавам, кулӯх шавам...

Оҳуи бечора талхакаф шуд, гумон бурд паланге бар пушташ парид, ҳароина ман он вақт палангро мемондам ё шерро. Оҳу ҷасте заду ба пеш тохт. Азбаски шохҳояш дар дасти ман буданд, ғайр аз итоат ба фармони дасти ман дигар чора надошт.

Ман ҳам ӯро аз пайраҳа ба бероҳа гаштан намемондам, чароки ин пайраҳа, агар ба чапу рост нагардӣ, рост ба деҳ мебурд. Чанд карат дур набуд, ки чун гулӯлаи тӯп аз пушташ парам, вале рӯҳи пирони мазори Мардони Мард мададгорам шуданд, побарҷо мондам...

Ана ба деҳ ҳам расидем, шигифт доштам, деҳе ки рӯзона ҳамвора рӯи бому пушти девор таневу сареро медидӣ, ту гӯӣ, матрук буд! Ва ягона дари кушода дари оғили Фармони Мурод буд. «Рулро» ба ҳамон сӯ тофтам ва ҳаминки оҳу худро дар байни чордевори сарпӯш дид, чароғпоя шуду шохи худу сари маро ба сақфи шохпӯш заду баъд бо чор пои худ тарсону ларзону ҳайрон рӯи фарши саргинӣ қарор гирифт.

Ман ҳам фурсатро ғанимат дониста, аз пушти ӯ ҷаста, худро берун гирифта,

дарро бастам. Дилам ором наёфт, ба пушти дар танба ҳам задам. Ва рафтам хона, ки хару ресмон орам ва ҳам аз ҳамсояамон Навбахт туфангашро ба орият гирам, вагарна ин кӯҳпораро, яъне оҳуи ҳузарброро чӣ гуна аз по меафтонӣ? Бо кӯмаки Фармони Мурод? Аввал ин ки чашмзахм мезанад, гӯшт ё пирзада мебарояд ё бирзада! Баъдаш аз ҳасад месӯзаду мегӯяд: «молу маноли маро накбатзада магардон, ба хонаат бару куш!»

То рафтам туфангро ба орият гирифтам, харро интизор шудам – сардоя ӯро ядак гирифта обхӯри бурда буд Кафкрӯд, – то бозгаштам, хелеяк ҳам вақт гузашта буд.

Омадаму чиро дидам мегӯед? Дар сад сол намеёбед. Ба шумо дурӯғу ба халқи олам рост, Фармони Муродро ки оҳуи маро бо кӯмаки ҳамсоя сар буридаву пӯст кандаву ба шохи дарахт овехтаву шикамашро чок кардаву машғули берун овардани дарунмояаш буд!

Ними барфҳои теғаи Шеданзоро ангор ба тораки сарам рехтанд.

Ҳангу манг назди дарвозаи ба пушт бози Фармони Мурод истода будаму намедонистам чӣ кунаму чӣ гӯям. Вай ҳаромзода ҳам чун маро бо туфангу ресмону хар дид, ҳамоно пай бурд, ки соҳиби оҳу

кист, лек худро ба гӯлӣ заду ранги ғар пешхезӣ карду сина дамонда гуфт:

– Худо диҳад, намепурсад, ки бачаи кистӣ. Нигоҳ кун, Холдор, худ ба пои худ омадаву ба оғили ман даромадааст. Захмӣ ҳам набуд. Шояд саръӣ буд, ба кучо афтоданашро то сар буриданам, намефаҳмид, акнун дигар намефаҳмад. Азбаски мағзаш осебдор аст, ба каллашӯрбо ба кор намеояд, аз он хӯса месозам. Ин шоххоро нигар! Ба як дӯсти шаҳриам, мудири база тӯҳфа мебарам, ана он вақт ҳар чи хоҳам, хоҳ чиниву хоҳ финӣ, ёфта медиҳад.

Ба ин гурсӯхта чӣ ҳам мегуфтам? Агар мегуфтам, ки таккаро ман зин зада, ин ҷо овардам, аввал аз ханда ба замин ғел мезад, баъд нимхез шуда, ангушти ишора ба лаб бурда мегуфт: «оҳиста, боз касе нашунавад, ки расвои олам мешавӣ! Охир, ҳеч шунидаву дидаӣ, ки касе оҳуро зин зада ба деҳ оварда бошад?!»

Аз ин рӯ мӯҳр ба лаб задаму «муборак шавад!» – гуфтам ва дар дил афзудам: «заҳри баданат ҳам!»

Бачаҳои азиз, ин буд як шикори бобарори бебарори ман. Бовар кардед–кардед, агар на, ихтиёратон. Афсӯс, ки Фармони Муродро барқ заду кушт, агар ӯ зинда буд, амруляқин будани ин қазияро тасдиқ мекард... боз худо медонад.

# «РАДНОМА»

Гови Оростаи Сиёҳ айёми ширдӯшӣ лагадзан шуд. Баъд пок аз шир монд. Ин гов сармояи Ороста буд. Шир медӯшид, ҷурғот мехобонд, чака мегирифт, хомак меғундошт... гӯсолаашро яксола мекарду мефурӯхт. Аз ин рӯ ҳар гоҳе Холдори Чилдурӯғ Оростаро медид, «говат чӣ тур?» – намегуфт, бал «бонки той-тоят чӣ тур?» – гӯён суол медод.

Ороста як порча замин ҳам дошт, ки сабзаҷот мекишту барои хорбори худ дар лалми доманкӯҳи бағали ҳаёташ гандуму нахӯду наск. Барои худу барои гов ба коҳдони зимистон аз кӯҳу пушта ҳезуму алаф меовард.

Аммо гов, ба қавли Холдор ин «бонки той-той», қуввати миёнаш буд. Акнун барои гӯсола аз кӣ шир металабӣ? Бе маскаву чака зимистонро чӣ тур пушти сар мекунӣ? Аз дарду аз ғам Ороста омода буд, ки чун гӯсолаи гурусна «баъ-баъ» занад.

Боз сол-соли хушк, лалми ӯ билкул вағида буд.

Пиразани ҳамсоя маслиҳат дод, ки говро ё чашмзахм расида, ё ноҷинсе ҳамроҳ шуда ширашро ноаён мемакад, аз ин рӯ ӯ бояд

аз мулло Бухоризода раднома бигирад, ба шохи гов бибандад, чашмзахмро мебардораду ноҷинсро мефурорад.

Аммо мулло Бухоризода дар ҷавонӣ камтар хурофотӣ буда бошанд ҳам – гарму хунук мекарданд, раднома менавиштанд, ҳатто бо илми Кашмир ҷодуҳо месохтанд, акнун ба қавли худашон «хомӣ дигар намекунанд, аз тоату ибодат по каҷ намениҳанд». Кампири Осуда дар ин гуна мушкилакушоӣ мумтоз буд, аммо Ороста бо вай ногап.

–Агар масъала ин аст, – гуфт пирзани ҳамсоя, – аз нафари босаводе, ки пояш аз масҷид канда нест ва рӯзе панҷ навбат намоз мегузорад, раднома бигир.

Тафаҳҳус карданду ба ҳайрат афтоданд, чунин одам дар деҳ фақат ду нафар будаанд, яке бобои Сангину дигаре Шераки Хол!

Номзадии бобои Сангинро ҳамоно канор заданд, чароки савод надошт, ба ин сабаб Ороста ночор буд, роҳи хонаи Шераки Холро пеш гирад.

Шераки Хол бо диққат Оростаро гӯш кард, хушҳол шуд – мо ҳам саҳл одам нестем! – ба ҷустуҷӯи қалам афтод, билохира нӯкчақаламе ёфта омаду боз норизо аз худ сар ҷунбонд ва пайи пайдо кардани чизе шуд. Ниҳоят коғазпорае ёфта омад, рӯи сандалӣ гузошту бо

хатҳои каҷу килеб ба навиштани раднома машғул шуд. Дар кӯдакӣ бо исрори падар муддате дар назди Бухоризодаи Аввал дарси хат гирифта буд.

Шераки Хол коғази навиштаашро ба шакли секунҷа тарҳу ҷамъ кард ва ба Ороста доду гуфт:

–Инро бубару пӯша зану ба шохи говат овез, худо агар хоҳад, баъд аз се рӯз ба шир додан сар мекунад.

Ҳароина баъд аз се рӯз гови Ороста ба шир додан оғозид ва ҳам лагад заданро ба хари Шераки Хол супорид.

Ин «мӯъҷиза» зуд вирди забонҳо шуд. Ба ёд оварданд, ки падари Шераки Хол паҳлавони беназир буду ҷаддаш китобхону ҳамадон.

Мулло Бухоризода аз ин воҳима хеле тааҷҷуб намуданд ва хоҳиши он радномаро хондан карданд. Чун радномаро оварданд, он кас кӯки пӯшаро боз карда, навиштаи «таъвизро» хонданд, хеле бо завқ хандиданд. Оростаи Сиёҳ аз гузари ба ном Ҷевачӣ буд. Мегӯянд, замоне дар он ҷо гевагаре мезиста, аз ин рӯ бо ҳамин ном маъруф шуда.

Шераки Хол дар «раднома» бо хатти каҷу килеби худ навишта буд:

*«Гови зарди, рихи Ҷевачӣ,*
*Шир метӣ-наметӣ, ба мо чӣ?»*

# ДОҒИ ЯХ

Хона нимарӯшан буд. Чароғи мумсик чунон месӯхт, ки ангор нур намеафканд, ҷон меканд.

Ҷомаро ба тан печида буд Ниёз. Аз ҷома барои худ қалъа сохта буд, қалъаи Аламут, ҳарчанд Ҳасани Саббоҳ набуд, ҳарчанд кеши тозаеро ҷонибдорӣ намекард, пайраву пайгире ҳам надошт. Як марди одии бечорае буд, ки лак-лак меоянду мераванд, пурармон, бенишон.

Аз будану набуданашон суде нест.

Ба синни муборакн панҷоҳ расида буд ва ягона писарашро зан дода буд. Писараш шубон буд, Муроди Чӯпонак мегуфтандаш, ду-се моҳ як раҳ меомад, ҳафтае меистоду мерафт. Маълум набуд, Ниёз синҳорбон буд ё синҳор хусурбон.

Қабл аз арӯсии фарзанд Ниёз аз хонаи асосӣ, ки иборат аз як ҳафтболор ва як даҳлез буд, ба меҳмонҳона кӯч баст. Меҳмонхона дуртар аз хонаи асосӣ, назди дарвоза буд, як хоначаи панҷболор буд, ба ҷои даҳлез як шипангчаи кафшкан дошт. Синҳор хӯрду хӯри ӯро ҳамин ҷо меовард. Арӯс ҳеҷ гоҳ бо хусур сари як дастархон наменишаст.

Синҳор рӯзи дароз як лаҳза ором набуд. Чӣ ҷумбуҷӯл мекард, барои падаршӯ торик буд. Хоҷагиашон хурд буд. Моли парвоӣ ва дӯшоии зиёд ҳам надоштанд. Ҷамъ ба ду-се соат кор буд ҳама рӯз. Аммо синҳор аз каллаи субҳ то пои шом ҷумбуҷӯлу такопӯ дошт, ангор як ферма ё як корхона ба зиммааш бошад.

Соле пеш зани Ниёз аз дорулфано ба дорулбақо рахт баста буд. Дардманд буд, орзуяш ҳамин буд, ки ягона фарзандашро соҳибдор бубинаду баъд бигузорад рӯҳи лаббафарёд ҷисми пуразобашро тарк бигӯяд. Дар сарнавишти талху шӯраш сатре дар ин бора мундариҷ набуд магар, рӯзе аз по афтоду дигар барнахост.

Ҳама бар ин буданд, ки Ниёз аввал зани мувофиқи соли худ биёбад ва он гоҳ барои фарзанд ҷуфт биҷӯяд.

Аммо ҳанӯз Ниёз ба хулосае наомада, писараш арӯсаке хуш намуд, бетоқатӣ зоҳир кард, «ночор пеш омаду хуш омад» гӯён синҳор овард ба хона.

Арӯсу домод чиларо гузаронданд, домод пайи кораш рафт, ду-се моҳ буд назди рама ва ҳафтае хона меомад.

Ниёз бо сари қоқаш танҳо монд. Ва ҳоло маълум набуд, хусур синҳорбон аст ё синҳор хусурбон.

Танҳо дар хона менишаст, танҳо нон мехӯрд, танҳо хуфтухез мекард. Соҳиби хона

не, сояи хона шуд, ангор ангушти шашум буд: буданаш безарар аст, набуданаш хуштар аст. Ин буд, ки рӯзи дароз як нони танӯриро ба миён мебаст, субҳи барвақт аз хона мебаромад, киштзор мерафт, то тафси офтоб кор мекард, баъд нонро дар Кафкрӯд тар мекарду мехӯрд, ба сояи бед дароз мекашиду хоб мерафт, ду-се соат хоб мерафт, баъд то офтобшин боз машғули кор мешуд, шом ба хона бармегашт, шомиёнаи синҳор омодасохтаро мехӯрду сар ба ҷогаҳ мениҳод.

Ҷогаҳ сард буд, сардии онро ҳар рӯз бештар эҳсос мекард, набудани ҳамсӯҳбат ҳар рӯз бештар дарк мешуд, хона дар назараш ҳар рӯз тангтару тангтар мегашт, нафас рост кардан намемонд, харнояшро меҷафид, ҷисму танашро чанг мезад, мефушурд, мебалъид, баъд ӯро дар сурати як лахт палтармаи хоидаву макида қай мекард. Ва ӯ ҳар субҳ худро ҷамъ месохт, зара-зара, порча-порча худро ба сурати Ниёзи занмурдаву дилсӯхтаву дар тафсгашти хуршеди умраш сардмонда медаровард, ноне ба миён мебаст, сари киштзорҳо мерафт.

Бешитоб, боҳавсала, покиза кор мекард. Ин ҳамон айём буд, ки мардум базла мезаданд: Ниёз марзаи аспистро чунон оҳиставу покиза мисли Яздони Малла медаравад, ки то ба охири марза расидани

ӯ асписти пушти сараш боз даравӣ мешавад. Ва рӯзгори ӯ ба ҳамин минвол ба дарозо мекашид, то он рӯз, ки манзараи шигифтангезу шаҳватхезеро дид ва гуноҳи кабира содир кард, хайёлан содир кард.

Аммо чӣ гуноҳе!

Пайомадаш ҳамин шуд, ки омаду ҷомаро ба тан қалъаи Аламут сохт. Ҳолаш ба вазъи ҳамин чароғи мумсик буд, ки чунон месӯхт, ангор нур намеафканд, бал ҷон меканд.

Он рӯз ҳам сари субҳ ба киштзор омад. То қиёми офтоб заҳмат кашид. Арақшор шуд. Нафас рост кард, бо дилтангӣ ба ёд овард, ки аз рӯзи синҳор овардан то бадин рӯз боре ҳам тан нашустааст.

Қаблан ҳафтае як раҳ дар ташноби даҳлези хонаи асосӣ тан мешуст. Як гӯшаи даҳлезро деворак гирифта, дарбача зада, ҳаммомаке сохта буд. Ҳоло ки хонаи асосӣ аз ӯ набуд, ҳаммомак низ. Кафкрӯд бо тунукобае ки назди деҳ дошт, чун даст метофт, моли бачагон буд. Ҳатто ҷавонони навхат аз пеши чашми мардум тан шустан ибо мекарданд. Қонуни нонавишта буд. Касе маҳкум намекард, кордор ҳам шояд намешуд, аммо Ниёз ёд надошт, духтарбачае ё ҷавонмарду солоре дар тунукоба обтанӣ карда бошанд.

Ба ногоҳ чеҳрааш шукуфон шуд, шаршари чашмаи Муғон ба ёдаш омад.

Оби чашмаи Муғон аз фарози Буздавак поён меомад, дар расидан ба Кафкрӯд маҷро шаршаре сохта буд, баланд набуд, як қади одам буд, анбӯҳи ангату муша онро аз чашмҳо пинҳон медошт, азбаски обаш хеле сард буд, он ҷо касе обтанӣ намекард.

Аммо ин тур набудааст, нафаре ӯро пешдастӣ карда буд. Даставвал макони мақсудро ишғол дида, бозгаштан хост, чун дар оббоз гесуҳои дарозро мушоҳида кард, дилаш таҳ хӯрд: «зан!». Пояш суст шуд, бемадор ба замин нишаст, заработи қалбаш афзуд, ба худ коре наметавонист бикунад, ғайри ихтиёр пеш хазид, дар масофаи начандон дур аз зан қарор гирифт, паси анбӯҳи буттаҳо буд, касе ӯро ташхис дода наметавонист.

Зан сар хам карда буд, пушт ба пармоси роҳатбахшу сард гузошта буд, гесувонаш рӯяшро пӯшида, аз гардан поён ду қисм шуда буд, аз роғи онҳо синаҳои таранги норпистон ва шиками булӯрин метофт, аз камар поён танҳо об, ки рӯи пӯсти сафеду ронҳои ғафсаш мешорид, поҷома шуда буду бас.

Ниёз, ки ҳатто тани зани худро бараҳна надида буд – раҳматӣ хеҷ гоҳ намегузошт, ки пироҳани шабпӯшашро аз тан бикашӣ – ба ин мӯъҷизаи пеши чашмонаш лолу мабҳут менигарист... Лаҳзае пас пай бурд, ки вай аз ин дурӣ

пайкари булӯрини лағжонро мечафад, меламсад, мебӯсад, мегазад... ҳис мекард, ки ба таҳрики шайтон меравад, гуноҳ мекунад, аммо бо худ коре наметавонист кард... Ва ба ногоҳ карахту ваҳшатзада шуд, анқариб фарёди ҷонхароше аз харнояш берун ҷаҳида буд. Зан сар бардошта буд ва вай синҳори худро шинохта буд…

Ва ҳоло хусур гӯшаи хонаи нимарӯшанро иҷора гирифта буд, ҷомаро барои худ қалъаи Аламут сохта буд.

Аз ун макон то бад-ин макон чӣ гуна омада буд, ёд надошт. Ҳамин қадар медонист, ки аввал дар таб месӯхт, баъд варачаааш гирифт, арақи сард аз сару рӯяш мезаҳид, ба замин мечакид, ҷӯяк мекашид, роҳ мечусту роҳ мерафт,  ҷониби шаршари чашмаи Муғон мешорид, ба оби чашма меолоид, меосоид.

Аммо оби чашма онро қабул надошт, бо ҷӯяки оби ҷабин меситезид, меғурид, меҷӯшид, буғ мешуд, бухор мешуд, хушк мешуд, дуд мекард. Чашма месӯхту Ниёз ҳам месӯхт, валек гармиро ҳис намекард, ҷисмаш пурдард буду сард, сард буду пурдард…

Синҳор дарро кушоду дарун омад. Чароғро рӯшан кард. Ҳайратзада ба падаршӯ нигарист. «Таб доред?» Посухе

нашунид. Хусур ҳатто сар бардошта ба ӯ нанигарист. Берун шуд, дастархону дами гарм овард. Дастархонро паҳн кард, чумча даруни коса, косаро назди падарарӯс гузошт. Баъд аз соате бозомада, ҳамаро чун пешина дид, ғундошт, ҳарфе назаду берун бурд.

Нимашаб буд, ё субҳ мерасид, Ниёз намедонист.

Аммо як чизро ба хубӣ фаҳмидаву натиҷа гирифта буд. То ҳаст, то рамаҷе аз ҷон дар танаш боқист, дигар наметавонад ба чашми фарзанд ва зани фарзанд бингарад.

Бо вазнинӣ аз ҷо хест, ҷомаро, қалъаи Аламутро дур андохт. Накдинаи барои рӯзи мабодо пасандоз кардаашро аз байни рахти хоб берун овард, қисмеро бардошт, қисми дигарро рӯи тахтонаи тиреза гузошт.

Чанде пас марди панҷоҳсолаи сарфурӯгирифтае, пеш аз вақт миён хамидае дар ҷодаи Сармаддара ба сӯи сарнавишти номаълум гом мебардошт ва дар хонаи бекасмонда чароғи мумсик чунон месӯхт, ки ангор нур намеафканд, балки ҷон меканд.

# МУЛЛО ВА ЧОВАНДОЗ

Мулло муллои деҳи мо набуд, аз ҳамсоядеҳ буд. Агар муллои мо, Бухоризода тиловату муроқабатро хуш карда буд, ин мулло ҳаловату фароғатро. Ҳафтае як раҳ аспро зин мезаду чарогоҳу овулҳоро давр зада, ба қавли худаш ба «аёдати муридон» мерафту меомад.

Дасти холӣ намеомад, албатта. Шикамбаи айрону маска, нони дегиву кӯмочу кулча дар хонаҳои хурҷин ҷо буданд. Муллои баинсоф буд, аз ину аз он назрро ба навбат мегирифт. Аз ин рӯ ҳамдеҳагонаш ноҳақ муллои Заранг лақаб дода буданд. Аз қазо чунин иттифоқ афтод, ки муллои деҳи ҳамсоя ва паҳлавони деҳи мо дар маъракае сар ба сар заданд.

Муллозаранг, биёед минбаъд ӯро ҳамин тур меномем, аспдӯст буд. Ҳар кучое дар ин обрав бузкашӣ мешуд, ҳозиру нозир буд. Азбаски мардум ба даму суфаш қоил буданд, иззату эҳтиромашро ба ҷо меоварданд.

Ҳамин ки аспи куранги ӯ ба давра медаромад, пайкорони савор – ба аспҳои худ гирду пеши давра «ҷавлон» мезада –

мулло човандози баргузида надоштанд, ҳар маърака онҳо иваз мешуданд – кӯшиш мекарданд, ки маслухро човандози мулло бигирад. Агар ноошное даст ба маслух мебурд, дасташро ноаён медоштанду ба гӯшаш мегуфтанд: «ин ҳаққи ҳалоли муллост!»

Гуфта будем, ки баинсоф буд мулло, чун медид, ки мардум ҳурматашро ба ҷо меоранд, ӯ низ ҳамин тур подош медод, курангро беш аз яку ду раҳ ба давра намедаровард.

Аммо паҳлавони деҳи мо, Шодон аз ин хабар надошт, агар гуфтем бохабар ҳам мебуд, гумон буд, мӯе аз бурути шофмонояш бичунбад.

Омад ба аспи якрони худ, дар маъракаи ҳамсоядеҳагон ширкат кард. Се раҳ то пилаҷо пирӯз омад, баъд аспро ба ёвараш дод, ки хунук кунад ва худ канори ҳамдеҳагон дар ёнае качпаҳлӯ зад, то вақте аз пойгаҳ ҷор кашиданд, сарсолин – мототсикли сечархаро навбаташ расид.

Ҳама ба ҷунбиш даромаданд, ҳам тамошоиёну ҳам саворон. Ҳатто Муллозаранг ҳам бетоқат шуд, ки қаблан аз эшон дида намешуд, чароки ҳеҷ гоҳ довталаби сарсолин намешуд, ба қавли худаш «хатти эътидолро маръӣ» медошт. Аммо ин дафъа бепарво нишастан маънои моҳии рӯи тобаро дошт. Ҳамоно

кукуи мағзи сараш чун кукуи соати деворӣ хабар дод, ки инак моҳест, писари аршадат гиребон гирифта, ки «сечарха бихар!»

Маслух ҳам маслухи диданӣ буд –тӯрпӣ!

Мурдакаш бо маслух ба майдон даромаду аспро маҳмез зад ва кӯшиш дошт, онро ҳар чи дуртар бибарад, то гирудор гармтар бишаваду ҳаёҳуйи тамошоиён бештар, вале ин ба ӯ муяссар нагардид, чароки тӯрпӣ сангин буду аспрез фарозу шебин. Аз ин рӯ нисфи роҳ тӯрпӣ аз рикобаш раҳо хӯрду бар замин афтод. Ҳамоно саворони пайгир гирди он чанбар заданд.

Ҳай ҳангомае барпо шуд. Тамошоиён ҳама сари по шуда буданду ғирев бардошта. Маслух чун санги осиёб буду солин моли ноёб. Маълум, ки саворон чӣ талошҳое ба кор мебурданд, то тӯрпиро аз давра берун кашанд!

Баногоҳ чунонки боди балони мошинро кам-кам сар диҳӣ, гирудори бузкашон низ ҳамин зайл суст шуд. Ва пич-пиче гӯш ба гӯш рафт: «куранг, куранги Муллозаранг!»

Ба гӯши Шодонпаҳлавон ҳам расид, ки бо ду савори дигар барои чанг задану аз давра баровардани тӯрпӣ кашмакаш мекарданд. Он ду паҳлавон низ суст

шуданд, вале Шодонпаҳлавон ҳамоно сӯи пои тӯрпӣ даст дароз кардан дошт. Яке аз саворон дасти ӯро қабза заду ба гӯшаш гуфт: «ин моли ҳалоли аспи муллост!»

Шодонпаҳлавон дасти ӯро ором дур карду гуфт: «ин ҷо гапи ҳаловат дар миён нест, ин ҷо гапи саломат дар канор аст!» Ва маслухро бардошту бағал заду аз давра берун шуд. Ғиреви тамошоиён дучанд гашт.

Вақте Шодонпаҳлавон маслухро оварда, ба пилаҷо афканд, як ба бари ҷомааш арақи ҷабинашро пок карду баъд асп ба сӯи пойгаҳ ронд. Пойгаҳ як мошини боркаши бортҳояш кушода буд, ки дар кафаи он ҷоркашу се довар, яке Муллозаранг нишаста буданд. Човандози деҳи мо баробари пойгаҳ омаду ба Муллозаранг рӯ оварду гуфт:

– Мулло бояд дар масҷид худнамоӣ кунад, на дар корзору бозор!

Аз ун рӯз ба баъд Муллозаранг ҳангоми бузкашӣ дар радаи тамошоиён менишаст ва куранг ҳам аз дур, аз ёлаи сабзаҷӯш бузкаширо наззора мекард.

# БОБОКӮЧАК

Бобокӯчак мурдашуй ва ҷоркаши деҳи мо буд. Марди хубу беозоре буду дар ҷоркашӣ зарбулмасал. Нахуст рӯи боми хонааш мебаромад, ба тамоми деҳ ҷор мекашид, ки соати фалон дар хонаи баҳмон маъракаи сур ё сӯг, салоти ҷаноза ё фотиҳаи хатна баргузор мегардад, агар савоб мехоҳед – бишитобед, агар гуноҳ мекобед –биоромед! Пасон ба хари ранги худаш хубу беозор менишасту кӯчаву пасткӯча ва бомраҳаҳои деҳро дар ба дар мегашт, пушти дар пурсадо номи соҳибхонаро ба забон меоварду даъваташро такрор мекард. Агар рафту худо накарда – ин ҳол ҳамон вақт иттифоқ меафтод, ки касе ӯро дар роҳ ба гап гирад – нафареро аз ёд мебурд, аз ними роҳ бармегашт.

Баръакси ӯ Оростаи Сиёҳ, ки занҳоро ба маърака даъват менамуд, амал мекард. Вай дар ба дар намегашт, рӯи бом мебаромаду даф мезад, баъди ду-се дақиқа даф заданро қатъ мекарду ба қавли худаш «дӯстонашро бо овози бам, душманонашро бо навои зер» садо мекарду пас аз ба забон овардани се ном меафзуд: «агар омадӣ – ош мехӯрӣ, наомадӣ-пош мехӯрӣ!», пас аз ба забон овардани номи «душманон»

зери лаб меғуррид: «агар омадӣ – гул мебӯӣ, наомадӣ – дар гуҳ мечӯлӣ!» Боз ба дафзанӣ давом медод, ду-се дақиқа, то боз ист мекарду се номи занро нидо мекард...

Аз буду нобуди ин деҳ ман то ҳадде хабар дорам, аммо дар бораи мурдашӯии Бобокӯчак чизе намедонам, аз ҷоркашиаш ҳикояте чанд шунидаам, якеро пеш меорам.

Бобокӯчак ҳамаро хабар мекард, дар қатори хешон пеши дари соҳибхона менишаст барои пешвози меҳмонон. Чун маърака тамом мешуд, ба ӯ як табақ ош бо ду нони сарпӯш, чунон ки таомули мост, меоварданду медоданд ва ӯ сур ё сӯгхонаро тарк мекард.

Ҳақшинос буду босипос, аммо аз одатҳои пурачаби ӯ яке ин буд, ки ҳеч гоҳ табақи ошро барнамегардонд, соҳибонашон ҳам талаби бозпас гардонидани онҳоро намекарданд. Шояд ҳаққи ҳалоли поранҷи ӯ мешумориданд. Худи Бобокӯчак пас аз марги усто Гиёҳ бо тарошидани чумча, коса ё табақи супоришӣ рӯз мегузаронд. Буданд ду-се нафаре ки тӯҳмат мезаданду мегуфтанд, ки Бобо он табақҳоро ки аз маъракаҳо меорад, тозаву суфта карда, ба дигарон мефурӯшад. Гуноҳу савоби ин гӯяндагон ба гарданашон, ман надидаму намедонам.

Баъд Бобокӯчак пиру заиф шуд. Дигар кораш ҳамин буд, ки меомад ҳар субҳ баъди чошт рӯи боми оғили  колхоз, ки

ба қавли Холдори Чилдурӯғ «Ситоди пирмардони ҳамзонуи деҳ» буд, дар радаи чанд мӯйсафеди дигар менишаст, ба сӯҳбати ҳамнишинҳои худ намепайваст, агар бо суоле ба ӯ рӯ меоварданд, муҷмал посухе медод. Чизи тозае ки ҳамзонуҳо ба мушоҳида гирифта буданд, ин буд, ки Бобо гоҳу ногоҳ ба бурси якаи Зови Карафса бардавом хира мемонад ва ба чӣ хаёлҳое ғарқ мегардид. Шояд бурси якаву танҳо дар пешони зови бедолу дарахт ёдҳои аз ёд рафтаашро бармегардонд, ё чизи дигаре буд, ҳамин тавр пӯшида монд. Як рӯзи тӯфонӣ ин бурсро барқ заду сӯзонд ва Бобокӯчаки бечора, ки ин манзарарo аз тирезаи хонааш медид, ҷон ба ҷонофарин таслим кард. Тасодуф буд ё чизи дигар ба ҳамагон рози баста монд.

Беҳуда дар «Инҷил» нагуфтаанд: «Роҳҳои Худованд нопаймуданист.»

❁ ❁ ❁

Як рӯз, кушед ҳам, гуфта наметавонам, ки чанд рӯз аз мурдани Бобокӯчак гузашта буд, Холдори Чилдурӯғ, ки ба қавли сармаддеҳиён моҳе як раҳ-ду раҳ ҳангома ба по накунад, илмаш қарор намегирифт ва ҳам дурӯғаш ба қавли ҳамдеҳагони ман «истанса надошт», ба деҳ аз чарогоҳи Гулбасарон, аз тариқи гӯристони Мардони Мард ба поён ҳаш-ҳашу фаш-фашкунон фуромаду ба бознишастагони рӯи боми оғили колхоз гуфт:

–Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, аз назди гӯристон мегузаштам, ки садои аҷибе ба гӯшам расид. Аввал аз тарс заҳракаф шудаму баъд аз пешомади аҷибу ғарибе ширакайф. Гӯшҳоямро чун гӯшҳои хари Шераки Хол чур кардаму дарёфтам, ки садо аз гӯри раҳматии Бобо ба атроф мепечад. Гӯш ба гунбази гӯри Бобо гузоштаму қариб буд ҷобаҷо мурам! Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, аз даруни гӯр садои ба ҳам бархӯрдани даҳҳо, садҳо табақи чӯбиву сафолӣ шунида мешуд...

Касе ба ӯ бовар накард, вале чун диданд, ки ба гуфтааш бисёр исрор меварзад, ду-се говҷигар миён бастанду рафтанд ва гӯристонро мисли ҳамеша хомӯши бардавом ёфтанд.

Аммо ду-се рӯз баъд зани Муроди Чӯпонак, ки бо сардоя ҳамовул буд, ба деҳ фуромаду ину онро гуфт, ки аз гӯристон чӣ садое ба атроф мепечад!

Боз ду-се тан миён басанду рафтанд, боз ҳамон мӯҳри хомӯшии ҷовидон бар даҳони гӯристон буду бас.

Билохир Барзуи геолог барои хорбори дастаашон аз кӯҳ ба мағозаи деҳ фуромаду хабари тозаро шунида, қоҳ-қоҳ зада... гуфт, ки онҳо дар хамии гӯристон гумона мекананд ва ун садо ҷуз садои пармаи онҳо чизи дигаре нест!

Беҳуда дар «Инҷил» нафармудаанд: «Роҳҳои Худованд нопаймуданист!»

# ХАРИ ШЕРАКИ ХОЛ

– Шукри худо, ки аз соҳибат чобуктар будаӣ!

Ин таҳсинро Холдори Чилдурӯғ ба хари Шераки Хол гуфт, ки субҳ аз ӯ ба орият гирифта буд, то бурси дирӯз буридаву тал задаашро ба деҳ кашонад.

Хар ҳам аз таъриф магар ҳаво гирифт, ки боз чанд гоме тундтар бардошт, Холдор қаноатманд бо халачӯб гардани ӯро хорид.

– Ҳай, дар мӯйлабҳои Шерак садқа, хар бошад чунин бошад!

Ба зудии зуд ба мавзее расиданд, ки насли кӯҳна Басокаш мегуфтанду насли тоза Гулбасаронаш мехонданд. Холдор, ки субҳона нахӯрда буд, харро кишан зада, ба чаро гузошту худ, камарбандашро кушода, нони дегиро берун оварда, дар фикри шиками худ шуд. Ними нонро бо оби чашма хӯрду ними дигарашро боз ба камарбанд печонду ба миёнаш баст. Баъд танобро бар қад партофту ба ду нӯкаш ҳезумҳоро сарчин кард, ду дарзаро ҷудо-ҷудо басту ба зини хар гузошт, байни ду дарза боз ҳезум чинду бо ресмоне ҳар се дарзаро ба шиками хар гулкамон заду бо

бари челак араќи сару рўяшро поккунон, оҳи сабуккашон харро «их» гуфт.

Хар як ба ў – ба Холдор намуд, ки норизо – нигаристу боз ба алафҳои сарнакандаи пеши чашмаш хира монд. Холдор «их-их» гуён кафали харро хала кард.

Хар ҳамоно аз ҷояш намеҷунбид.

– Ҳе... мўйлабҳои Шерак баякбор резад! Не-не, ду-се тор монад, ки ман ўро Кўсашерак! – гўён мухотаб кунам.

Холдор боз ба сурини хар халачўб зад: як... ду... се...

– Ё ин фарозро баромада хаста шудӣ, ё фосилаи ҳезум бастани ман рагу паят сард гашт, ҳар чӣ буд-набуд мемириву ин дарзаҳоро ба хонаи ман мерасонӣ!

Хар фарозро чунон бо машаққат ба хамбидан оғоз кард, ки ҳароина дили Холдор ба вай сўхт ва дарзаи сарбориро ночор буд ба пушти худ гирад, вагарна гумон буд ба ин ҳол то шом ба деҳ расад. Дарзаҳои рўи зинро аз нав ба шиками хар гулкамон зад, пуштораи худро бардошту ба чашмони маъюси хар нигариста гуфт:

– Мегўянд, ки мол ба соҳибаш наравад, ҳаром аст. Ту бо Шерак кал додари кўрӣ!

Бад-ин минвол ҳар ду ба деҳ расиданд. Чун ба масҷид баробар шуданд, бобои Сангинро дар кафаи айвон рўи намадпорае нишаста ёфтанд.

Бобои Сангин як ба Холдори арақшор нигаристу як ба хар, баъд ба пои пеши хар хира монд ва оқибат гуфт:

–Аввал, харбанда бояд хари наълшикастаро ба ту намедод, баъд ту бояд чор пахлӯи харро санҷида ба кӯҳ мебаромадӣ. Хулласи калом, кал додари кӯр.

Холдор ҳарфе назаду ба сӯи хонааш по бардошт. Дарзаҳоро фуроварду ба ихтиёри занаш вогузошт ва худ харро ядак гирифта ба хонаи Шерак бурд.

Шераки Хол дар хона набуд. Занаш ҳам аз куҷо будани ӯ бехабар буд. Аммо Холдори Чилдурӯғ вақти Шеракро интизор шудан ё ба ҷустуҷӯяш рафтан надошт. Вай ба зани Шераки Хол ҳарфе зад, ки чун гуфтаҳои бисёри дигараш дар деҳ зарбулмасал шуд.

–Агар, – гуфт Холдор, – харро ба маҳкама кашидан муҷоз мебуд, ман ин хару он харро рост ба додгоҳ мебурдам!

❁ ❁ ❁

Рӯзи дигар Холдор аз осиёби Шаҳдара меомад, сари ҳол набуд, осиёбон гандумашро орд накарда буд. Навбат нарасида ва осиёбон ҳам гузашт накарда буд.

Дар нимароҳ дид, ки Шераки Хол аз муқобил харсавор, ҳамон харе ки ҳанӯз ҳам як пои пешаш наъл надошт, сархам, пеши худ дастакзанон меояд.

Алами ҳезумкашии дирӯз ва якравии осиёбон имрӯз ба ҳам печиду ҳамин ки Холдор бо Шерак сар ба сар зад, аз дур оғозид:

– Ҳа, дӯстам, ба хайр аст? Чунон дастакзанон меравӣ, ки гумон мебарӣ ба ҷанги андакудоҳо меравӣ!

Духтарони Шераки Хол ҳама шавҳар аз деҳоти такоби Сармаддара доштанд. Вале Шераки Хол ба инкор сар ҷунбонду бемадор даст афшонд, яъне «напурс!»

Аммо алами ҳезумкашии дирӯз ва якравии осиёбон имрӯз боз дар дили Холдор тоза шудан дошт, ки тоқат наёвард:

– Пас чӣ балоят зада?!

Шераки Хол ба ҷуз Холдори Чилдурӯғ дар деҳ ғамбароре надошт, аз ин рӯ сироҳанг ба ӯ гуфт:

– Боз бо ҳамин занак, – Шераки Хол баъди мурдани занаш як зани ҷавон гирифта буд – пасту баланд омадем. Медонӣ, барои чӣ? Барои ҳамин як гови нозо, ки харидор ёфтаму фурӯхтам. Охир, аз он хӯрандаи зиёдатӣ чӣ фоида буд?

Холдор пушти сар хориду ангор каме ба андеша рафту баъд Шеракро гуфт:

– Хуб ҳам кардааст, ки арбадаи мокиён намудаасту хурӯши хурӯсон барнакашидааст. Ту бояд харро мефурӯхтӣ!

Шераки Хол моту мабҳут ба дӯсташ хира шуд.

–Инаш боз барои чӣ? – базӯр ғурунгид ӯ.

–Барои он ки дар як хона як хар бас аст, ду хар, ки шуд, бало андар бало хезад.

Инро гуфту Холдори Чилдурӯғ ба роҳаш идома дод ва надид, ки чӣ тавр Шераки Холи накбатрасида ба пушти сари дӯсти дуршудааш ҳайратзада менигарад ва ҳеч намефаҳмид, ки ғайр аз хари зери ронаш вай боз кадом харро дар назар дошт?

# ЧАШМИ МӮР

Кампири Майса овози мошинро шунида, аз хона берун омада буд. Паси фармони «Уазик»-и нав писарашро дида буд, каме шигифтзада ҳам шуда буд. Паси рул писараш нишаста буду хелеяк сархуш намуда буд, аз ин тааҷҷуб накарда буд, пиразан гирди мошини нав се раҳ чархида буд, ба писари масташ низ се раҳ нигоҳ песонда буд, филҷумла ба нутқи таърихии худ омода буд.

– Ҳеч ҳуш дар сар дорӣ, ки мошини нав гирифтаӣ?! Андешаи модар дар сар надорӣ, ҳақ ҳам дорӣ, офтоби теғаи кӯҳ, ана-мана нагуфта ғуруб мекунад. Аммо зану кӯдакота фикр накардӣ? Задӣ таги ҷар бо ин мошини сарсахт, шудӣ зеби тахт, тахти шоҳиро намегӯям, маркаби чӯбиро мегӯям, сағираҳоту бевaат дари кӣ мераванд: бобоҳошон мурда, аз бибиҳо як мани шӯрпешонӣ монда, ки ҳамонам соатбашумур... Ун мошини кӯҳна, буд-набуд, ба туи сияҳмаст хӯ гирифта буд, ҷару ҷӯро дида буд, роҳҳои чапу уребро санҷида буд, туи мастро зиндаву беосеб гирифта меомад. О, ин на ҷарро дидаву на ҷӯро, на хонаи моро, меравад лаби ҷар,

мезанад таги ҷар, худатро мебаранд ба ун камар, сағираҳот дар ба дар...

Пиразан, худо медонад, боз чӣ қадар ба нутқи таърихии худ дунбола доданӣ буд, агар ин дам писараш дари мошинро кушода, пеши пои ӯ чапагардон намешуд.

– Вой, ин чунон маст аст, ки ҳатто ба по рост истода наметавонад!!!

Кампирак синҳорашро садо кард, ду зан натавонистанд як мастро бардоранд, ҳамсояро ҷеғ заданд. Ҳамсоя марди ҳузарбе буд, омаду аз зери ду каши маст гирифт, кашола намуд, бурду зери айвон рӯи намад хобонд.

– Ҳо, – гуфт ӯ, – мастӣ ҳам ҳадде доштагист, агар ба ин сурат давом диҳад, пайомадашро худо ба хайр гардонад!

– Ман то ҳол чӣ гуфтам? – кампирак ранҷишомез ӯро нигарист, гӯё ун бечора чанде пеш шунавандааш буда бошад, – ҳаминро гуфтам, сад чизи дигарро низ гуфтам. Ба сарқути раис чунон одатӣ шудааст, ки аз фарзанд рӯ мегардонаду аз он не!

– Дирӯз қариб хатнасурони Шодмонро вайрон карда буд...

– Худоё, тӯба! Чӣ ҷӯрӣ?!

– Дар кате бо ҷӯраҳояш арақ мехӯрд, ба фикрам, «пахол» ҳам дуд дода буданд, ки пурсадову нофорам ҳарф мезаданд, ҳамсоягонро хушоянд набуд. Чун ҳофизи маърака ба ин мисраъ расид: «Худоё, ту

гӯрамро чароғон мекунӣ ё не!», ин, – ба масти зери айвон хобида ишора кард, – аз ҷояш баланд шуду хитобид: «Акаи ҳофиз, ғам махӯр, агар ӯ накунад, худам лампочка мегузаронам аз симчӯби Фармони Мурод!» Ҳама заданд ба ханда, ҳофиз қаҳр кард, баромада рафтанӣ шуд, базӯр оромаш карданд, инро гуселонидан мехостанд, ҷӯраҳояш ҳомӣ шуданд, намонданд, кор ба мушту гиребон наздик буд, худоро шукр, ки муаллим Озар миёнаравӣ намуд, вагарна, худо медонад, чӣ пеш меомад!

– Худоё, чӣ расвоӣ!

Ҳамсоя рафт ба хонааш.

Пиразан болои сари фарзандаш лаҳзае чанд қоим истод, пасон пеши худ гуфт: «меравам пеши мулло Бухорӣ, – вай ягона шахсе дар деҳ буд, ки муллоро дар ғоибу ҳозир «мулло Бухорӣ» мегуфт, – ягон тӯморе ё оби маразкоҳе бидиҳад алайҳи шарри шайтон ва уммулхабоис... шояд кора кунад ва ин гумроҳро ба роҳи ҳақ бигардонад».

Рафт, муллоро наёфт. Эшон дар деҳи ҳамсоя будаанд, то азоим бихонанду бидаманд ба рағми ғундаҳо, ки дар он деҳ соле чанд як раҳ хурӯҷ мекарданд ва бо заҳри ҳалоҳили худ чанд танро мекуштанд. Чун мулло азоим мехонданду деҳро ба хатти мандал мегирифтанд, ягон ғунда деҳандар намегашт, агар мегашт,

месӯхту дуд мекард ва бӯи он дуд дигар ғундаҳоро ҳушдор медод, ки макони балохез аст, аз ёлаву пуштаҳо поён маоед. Ва мардум бузу гӯсфандҳоро ба камару сиртаҳо меронданд, то ғундаҳоро поймол бикунанд. Кампирак шигифтзада буд, ки чаро заҳри ғунда ба гӯсфанду буз кора надорад ва бечора одам ба он ёра.

Пиразан аз дугонаи худ Осуда ёд оварду ба сӯи хонаи ӯ гом бардошт. Ҳарчанд дугона буданд, рӯзе пас ҳамдигарро набинанд, пазмон мешуданд, лек кампири Майса ба сеҳру афсунҳои Осуда мӯътақид набуд. Дида буд, бо чашми сар дида буд, ки себҳои шохи баланд аз афсуни дугонааш канда шуда, пеши пои ӯ меафтанд, аммо пиразан ба мисли Оростаи Сиёҳ бовар дошт, ки ин ҷо бӯи ҷодуи Кашмир меояд, на каромоти худодод. «Худо накунаду сеҳру ҷодуяш зиён орад ба фарзандам ва як бало сад бало гардад!» Пиразан аз нимароҳи хонаи дугонааш баргашт.

Пеши Раиси Баста ҳам рафтан бефоида буд. Ҳаминки арзатонро шунид, лаҳзае чанд ба шумо хира мешавад, баъд сар меҷунбонад, билохир даст меёзад ва яке аз гӯшиҳои рӯи мизро мебардорад, вобаста ба ҳолаташ. Рӯи мизаш пур аз қуттиҳои телефон: зарду сабзу сурху сиёҳ. Сурх ба Кремл пайваст, сиёҳ ба Сибир. Худо

накунад, ки даст ба гӯшии сиёҳ бубарад – рост ба сияҳчолҳои Сибир мефиристад...

Ана, фарз кардем, ҳоло кампири Майса бираваду аз писараш шикоят пеш орад, ҳатман даст ба гӯшии сиёҳ ё сурх мебарад. Агар ба сурх бубарад, бо Маскав чунин гуфтугӯ хоҳад кард: «ало, рафиқ Хурушуф! Ҳолат хуб аст? Империализми Амрико дарди сарат шуда? Э, парво макун, мо, ки кайҳонро гирифтем, аз ин пашшаи хунмак чаро бояд тарсем, миёнашро чунон шиканем, ки ягон асобағал дархураш наояд... Мо ҳам худоро шукр... э, дар паноҳи партияи азизамон ҷонона зиндагӣ дорем. Пилонҳо буд, лек боз якта-нимта... нимтааш ҳамин кампири Майсаро мегӯям, пир аст-охӣ, соатбашумур. Ҳеч намефаҳмад, ки мо дар остонаи асри бист не, дар дудмӯриаш истодаем, коммунизм сохтан дорем, аммо ин аз феодализм ҳарф мезанад... Ман ҳам ҳаминро мегӯям, қабул надорад, пир аст-охӣ, соатбашумур... Хуб, фаҳмидам. Слушаюс!»

Гӯширо мегузорад ва бо як нигоҳи ба боди фано диҳанда ба ту менигарад. «Агар пир намебудӣ, рост ба Сибир мефиристодат! Акнун бираву дуои сари калашро бикун ва дигар бо ин сафсатаҳои девлохиат сари ману рафиқ Хурушуфро гаранг макун. Баста!»

Кампири Майса чӣ, ҳар каси дигар ҳам мебуд, баъд аз ин муҳовара, худоро

шукр гуфта, рӯ ба гурез мениҳод. «Зеро, – мегуфт кампири Майса, – ҳар рӯз як ҳангомаву як ҳандаса (зери ин мафҳум магарам «лабиринтро» дар назар дошт), роҳе пеш нагирӣ, сарат ба девори битонӣ дакка мехӯрад!»

Қариби ба хона расидан кампири Майса аз муаллим Озар ёд кард ва баргашт. Боз ҷониби хонаи мулло Бухорӣ, зеро муаллим Озар ҳамсояи ӯ буд.

Муаллим дар ҳотааш буд, зироатҳои киштаашро об мемонд, чун дид, ки кампири Майса пушти чиғдевор қад алам кард, пеш омад, гӯш фаросӯи ӯ дошт, донист гуфтание дорад, агар нагӯяд, метаркад.

– Худат медонӣ, тамоми олам медонад, ки бачаи ман рӯшание дар пайомади кораш надорад. Мошина нав кардаву захмҳои дили маро тоза. Ун мошин ҳарчанд кӯҳна буд, ҷару ҷӯро медонист, писарам маст буд-набуд, ун бечора – ҳамун мошина мегӯям – роҳро пармосида меомад. Инаш напа-нав, роҳи хонаро, ҷару ҷӯро на дидаву на гузашта. Ин шофури бадмасти беандешаро мебарад, мезанад таги ҷар, сағираву бевааш куҷо мерав官? Ба гуфтаҳои ту ҳама гӯш фаро мениҳанд, биёву ӯро насиҳат кун, шояд коргар ояд.

– Чашми мӯр барин кор дорам, – ба ҳота ишора кард муаллим Озар, –

навбати обро намешавад, ки раҳо созӣ, навбати дигар баъди чаҳор рӯз!

– Боз беҳтар. Вай ҳоло маст хоб, таги гӯшаш путки Миршодиро ба сандон бизанӣ ҳам, бедор намешавад. Соате пас низ хуб аст.

Кампири Майса муаллим Озарро ба паноҳи марзаву обаш гузошта, худ бори ташвишу ғурбати зиндагиашро анбон сохта, ба роҳ афтод. Дар роҳ чанд касро дид, боз наистод, хоҳиши бо мардум сӯҳбат кардан, рӯзро кӯр сохтан надошт. Чун билохир кампири Марям пеши роҳаш ғавчӯб шуд, ночор боз истод ва чашмони хираашро ба ин зани хира дӯхт.

– Ҳа, бева, чӣ ин қадар роҳи чилаи тобистонро барфу борон сохта, меравӣ?

– Э, Марями хушбахт, агар фарзанд рӯзат надиҳад, фикри набераву синҳор хоб аз чашмат бубарад, барфу борон нашуда, абри найсон мешудӣ!

– Боз чӣ шуда?

– Мегӯям, худо нокарда, ҳамин писари ман аз ҷару ҷӯ чаппа шуда, бо ун мошини наваш тика-тика шавад, ин беваааш бағали кӣ меравад?

– Ҳа, беинсоф, аз Шоҳони ту қавитару ҳузарбтар ман ҷавонмарде дар ин деҳ намебинам. Чунин мардҳо ду-се занро таги хок мекунанду боз зан мегиранд...

– Ту Комрони маро дидӣ? Набераамро мегӯям. Ман ин хел бачаи дидадарову меҳрубону корогоҳро дар умри сарам надидаам. Агар худо накунаду додош мурад, бо аҷали қазоӣ не, чунон ки ту фаҳмидаӣ, ба аҷали ҳавоӣ, ҳавову ҳаваси майнӯшиву нашъакашиашро мегӯям, ҳоли ин бача чӣ мешавад? Хору зор мешавад, дастнигари мардум мегардад. Дастнигари мардум, ки шуд, чӣ мешавад? Ранги маймун мешавад! Хоҳанд, бо ӯ бозӣ мекунанд, нахоҳанд, турктозӣ! Пас зистану гаштани маро маъно чист?

– Насиҳат накардӣ ҳамун хумбардӯшатро?

– О, аз гуфтану навохтан забонам мӯ баровард, ҳосил чӣ? Боз ману раҳпоӣ, боз ману шабзиндадорӣ.

– Ба раис як даҳан нагуфтӣ, ки лаҷомашро кашида монад.

– Ба гуфтан мегӯӣ, вале ҷавоб чӣ мешунавӣ? «Ҳо? Ман дигар коре надорам, даҳони бачаи туро поида гардам? Дар кор наменӯшад, не? Аҳа! Берун аз кор бигузор гуҳ бихӯрад! Ин муҳим нест. Баста!»

Кампири Марям хуб аз таҳи дил хандид ва оби чашмашро поккунон гуфт:

– Рӯят сафед, бева! Чунон гӯлаку гарангак менамоӣ, ки илоҳӣ, тӯба! Раисро даст камони миён чунон намудӣ, ки Холдор назди ту об бихӯрад!

Ду пиразан худоҳофизӣ карданд, яке зам-замакунон ба суроғи шаҳбузаш рафт, дигаре мӯякунон ҷониби хонаащ.

❁ ❁ ❁

Писараш аз хоби гаронсанг бедор шуда буд, саҳеҳтараш, рафиқон хабари мошини навро шунида, як-як ҷамъ омада буданд, ба сару рӯи Шоҳон як сатил об рехта, ӯро бедору ҳушёр карда буданд. Ин дам таккачае аз оғил берун мекашиданд, то ба ин муносибат сар бизананд ва шодхорӣ кунанд. Ҳама кампири Майсаро дидан баробар: «муборак шавад, муборак шавад!» гуфтанд, вале пиразан ҷавобе надод. «Инҳоро чӣ ғам? Баҳонаи сартафсониву шикамчаронӣ ёфт шуд – мехӯранду менӯшанду мераванд. Боз ман мемонаму сари сахтам».

Комрон аз дабиристон омада буд, рӯи пӯстак зери дарахти себ дароз кашида, китоб мехонд. Шодон, додараш наменамуд, ба яқин чилликбозӣ рафта. Синҳор куни дегро метафсонд. «Аҷаб занаке, сол аз дувоздаҳ моҳ ғингаш намебарояд. Осӯхтаро намебардорӣ, ба сари шӯт зада майда-майда кунӣ, дам ба дарун зада мегардад, гӯяд ҳам, ба худ мегӯяд, гиряд ҳам. Комрон ба ӯ рафтагӣ, Шодон ба додош...»

– Мома, ҳо, мома! – фарёд мезад аз рӯи суфаи лаби ҳавз Шоҳон.

– Чӣ мехоҳӣ? – хашмин пурсид пиразан.

– Инҳо қурутоби туро пазмон шудаанд!

– Шумо шаробро пазмон шудагӣ, бешармҳо! Қурутоб хӯроки зимистон аст, на тобистон.

– Холаам рост мегӯянд, – ба гап даромад Сардор бачаи Раҳдор, – беҳтараш, худамон шакароб мекунем, ана ҳама чиз ҳаст: помидор, бодаринг, пиёз... холаам камтар чака диҳанд, шуд.

– Ҳама чиз чун дар ресторани шаҳр – хӯроки якум шакароб, дуюм кабоб...

– Таккакабоб! Инашро орзу кунӣ ҳам, дар ресторан намеёбӣ.

Онҳо то дер шӯру мағал доштанд. Баъд ором шуданд, кадоме ба сурудан оғозид.

Кампири Майса гоҳ-гоҳ берун мебаромаду роҳро менигарист, ки муаллим Озар менамояд ё не. «Чашми мӯраш чашми аждаҳо шуд магар?»

Ин раҳ, ки пиразан берун омад, ё «ҳофиз» монда шуда буд, ё барномаи консертиаш поён ёфта буд, ки хомӯш гашта буд. Аммо шӯру мағал дучанд шуда буд – мастона мегуфтанду сахтона. «Одам, ки маст шуд, ҳама тормузҳои ақлу шармаш суст мешавад...» Ва кампири Майса ба ёд овард, ки соле қабл писараш раису муҳосиби колхозро шаҳр бурда буд. Раис пушти кораш назди «маъшуқаащ» мераваду ин дуро то пагоҳ иҷозаи сайру

гашт медиҳад. Ин ду ҳам Худо дод гӯён аввал хуб дар ресторан шаробу кабоб мехӯранду баъд ба меҳмонхона рафтан мехоҳанд. Сари роҳ мебинанд, ки аз муқобил ҷаноза меоранд. Ҳар ду аз русуми шаҳр бехабар (ин ҷо тобуткашонро киро мегиранд, зеро то сарманзил роҳ дур асту сангин, ҳар маҳал тобуткаши худро дорад, ки ағлаб ҷавонмардони ҳузарбу варзидаанд), гумони деҳа мекунанд, ки ҳар нафари пешомад меояду барои савоб пояи тобутро мегирад ва ӯро зуд дигаре иваз мекунад. Ин ду гӯлаки савобҷӯ меоянду пояки тобутро мегиранд, – «агар ҳушёр мебуданд, шояд «савобҷӯӣ» намекарданд!» – тобуткашони кироя зуд мефаҳманд, ки деҳотии гӯланд, бепарво паҳлӯяшон қадам мезананд ва то гӯристон, ки панҷ-шаш километр будааст, ҳеҷ онҳоро иваз намекунанд.

Тобуткашони мо вақте ба сарманзил мерасанду тобутро ба замин мегузоранд, ангор зери борони новдонӣ монда бошанд, аз сару танашон арақ мечакидааст. Ҳар ду қавл медиҳанд, ки ин шармандагиро овоза намекунанд, лек боз маст мешаванду мепӯканд…

Шом фаро расида буд. Аз мӯрии ошхонаҳои деҳ дуд танӯра мезад, дуде ки бӯи шаппаҳои бурс ва тапак медод, бӯе ки кампири Майса хуш дошт. Аммо бӯи дуде

ки аз ҷониби рӯи суфа нишастагон меомад, басе нохуш ва дилбеҷокунанда буд – бӯи «пахоли» банг буд. Диққат дод, папироси нашъаанбоштаро дар лабони писараш дид. «Арақ мехӯрад, нашша мезанад, токистонро гӯристон мебинад, ҳеҷ пандаш намешавад!»

Ин воқеа зимистони гузашта рух дода буд. Дар шаҳр арақ мехӯрад, «пахол» дуд медиҳад, баъд паси фармони мошин мешинаду озими деҳ мешавад. Аз ҳамдеҳагон низ ду нафар бо ӯ будаанд.

Ҳар ҷо токзоре мебинанд, гумон мекунанд, ки гӯристон аст – он вақтҳо охири тирамоҳ токҳоро зери хок мекарданд, то сармо назанад ва ҳароина токистон гӯристонро мемонд – аз мошин мефароянду дуову фотиҳа мехонанд, даст ба рӯ мекашанд. Аз мошинҳои роҳгузар онҳоро мебинанду мешиносанд ва ин қисса дар тамоми обрав овоза мешавад. То ҳол ба ёд меоранду писари ӯро масхара мекунанд, зеро маҳз ӯ будааст, ки биллоҳу валлоҳ мегуфтааст, ки «ин гӯристон аст, шояд падари ман ин ҷо хок шуда бошад!» Падари ӯ солҳои қаҳтӣ – соли чилу ҳафт – пайи рӯзӣ рафтаву беному нишон шуда буд ва кампири Майса, он вақт ҷавонзани бева, сари танҳо ӯро бузург карда буд...

«Агар ба ҳамин минвол дунбола бидиҳад, – меандешид пиразан, – дигар як мисқол обрӯ намемонад дар ӯ. Бечора Комрон сар

бардошта наметавонад дар деҳ, аз мастиву пастии додош шарм медорад...»

Хархаша бархосту дашномдиҳӣ оғоз шуд, касеро кутак мезаданд, пеш омад ва писари худро зери мушту лагади ду нафар дид.

– Ҳай, худобехабарҳо! Нону намаки мардумро мехӯред, подош боз мушт мезанед! – пиразан асое бардошта, сӯи онҳо давид ва ҳар тахтапуште медид, асо мезад. Ҷавонмардҳо ҳаёҳукунон рӯ ба гурез ниҳоданд, ӯ монду писараш.

– Шарм намедорӣ?! Ҷои ту як баномуси дигар мебуд, худро ба дор мекашид. Ё ҷои ту ман худро ба дор бикашам?

Шоҳон нишаста буд бо сару рӯи кабуд ва сар бардошта ба модараш нигоҳ намекард.

– Як ба ин дастархон нигоҳ кун! Ғайр аз шири мурғу тухми анқо дигар ҳама чиз ҳаст. Аммо натиҷааш чӣ? Гумон доштӣ, мехӯранд, менӯшанд, сипос мегузоранд, ки аз дастархони Ҳотами Той луқма бардоштаанд? Хестӣ, ки хобӣ! Як ба оина нигар, пасомадашро хоҳӣ дид. Лек ин ҳама мӯе аз пӯстак, тӯба накунӣ, идома диҳӣ, радди маърака хоҳӣ шуд, мардум аз ту чун аз кӯҳрӣ ҳазар хоҳанд кард. Ин бори ахир аст, ки бо ту ҳарф мезанам, дигар ту медониву шишаи паҳлӯят, ки ҷои модар, зан ва фарзандонатро гирифтааст...

Пиразан аз писараш лом-алифе нашунид, баргашт ҷониби хона. Комронро дид, лаби ҷӯй нишаста, шонаҳояш меларзиданд, коре наметавонист бо худ кардан, ҳар замон як каф об ба рӯй мекашид, то ашки чашмашро пинҳон дорад. Хост равад, паҳлӯи набера шинад, шонаҳои ларзонашро бағал гирад, тасалло диҳад, лек дарк кард, ки ба ин кор қодир нест, алами дилаш зӯр буд, худ низ гардани ӯро гирифта, ҳой-ҳой мегирист.

Муаллим Озар наомад. «Кори чун чашми мӯраш магарам чандин бало шуд!»

Кампири Майсаро он шаб хоб дар чашм набуд. Хурӯсбонг аз ҷой баланд шуд, дасту рӯ шуст, таҳорат кард. Хост биравад ва аз ҳоли писар хабар бигирад. Рӯи суфа нишаста буд, шишаи арақ бо як табақча газак пешаш гузошта. «Ё хоб нарафта ё аз дарди сар бедор шуда, хумор мешиканад!» Чизе нагуфт, баргашт, либосҳои навашро пӯшид: пироҳани сафед, поҷомаи сафед, қарси сафед низ ба сар гирифт. Аз паҳлӯи писараш гузарон буд, ки вай сар бардошт ва гӯё гунаҳгорона пурсид:

– Мома, ин қадар барвақт куҷо меравӣ?

– Чашми мӯр барин коре дорам, зуд меоям...

Чанд лаҳза пас рӯшании субҳ чашм бузург кардан дошт, ки дар деҳ мағал

бархост. Касе дар кӯчаҳои деҳ медавиду ҷеғ мекашид: «кампири Майса худро дар чанори сари чашма овехтааст!!!»

Ҳама таги чанор рехтанд. Ҷасади сафедпӯши пиразан – бо қарс сарашро печида буд, ба яқин намехоста, ки чеҳраи баднамошудаашро касе бубинад – аз шохи чанори азим овезон буд. Ангор мардум ба худро овехтани кампири Майса ҳайрат надоштанд, ҳама дар шигифт буданд, ки чӣ тур ин кампири нимҷон тани чанори то се метр ягон шоху барг надоштаро часпида баромадааст...

## *Бунгуфтор*

Шоҳон на танҳо арақнӯшиву нашъакаширо бас кард, балки аз деҳ ғайб зад. Мегӯянд, ки ӯ дар ҳамон шаҳре ки боре бо амри тасодуф тобуткашӣ карда буд, тобуткаши кироя шуда кор мекунад, то гуноҳашро назди модар бишӯяд. Оё мешӯяд?

# СИЗ МУЛЛО

Аз қадим бигӯямат.

Ду нафар аз деҳи мо барои дидани гӯсфандҳои худ ба чӯлҳои Ӯзбакистон мераванд. Он вақтҳо ҳамин хел буда, ки дар тобистон молҳои майдаи Ӯзбакистонро мавсими гармо ба кӯҳистони пурхезу пурфайзи мо меовардаанд, ки чаро кунанд ва баръакс фасли сармо рамаҳои моро, ки аз пурбарфӣ ғизо ёфтанашон сахтиҳо доштааст, ба чӯлҳои Ӯзбакистон мебурдаанд, то барфи тунукро пуштипое бизананду ғизое ёбанд.

Ин расм аз қадим маъмул будааст. Аз ин рӯ дар баъзе кӯҳу пуштаҳо номҳои ӯзбакиро дида, ҳайрон нашавед, чароки худи ӯзбакҳо иқрор мекунанд: «то ӯзбак тоҷикиро ёд мегирад, ки чӯпони тоҷик мулло мешавад!»

Хуб, омадем сари ин матлаб, ки ду тоҷик барои хабаргириву ёрӣ ба чӯпонон озими Ӯзбакистон шуданд. Чун он вақтҳо ба он чӯлҳо мошине намегашт, ин ду нафар аз Ҷизах (дар куҳан Дизакаш мегуфтанд) пиёда ба сӯи чӯл пай месипаранд. Дар роҳ онҳоро шаб дармеёбад ва ба андешае ки ба коми

гургҳову ба чанги дуздҳо наафтанд, ба сӯи деҳи ношиносе мешитобанд.

Ба деҳ мерасанду ҳалқаи дари пешомадаро мекӯбанд. Соҳибхона берун меояд, мақсади онҳоро фаҳмида, хушҳол онҳоро ба хона мехонад. Онҳоро дар меҳмонхона ҷо медиҳад ва худ пайи омода кардани хӯроки шом мешавад. Ба суоли меҳмонон, ки магар зану фарзанд надорад, links мармуз ба мисли Рӯдакӣ ҷавоб медиҳад: «аёл на, зану фарзанд на, маунат на, аз ин ҳама дилам осуда буду осон буд».

Аз ин ҷавоби мизбон дар назари ин ду меҳмон байни гуфтаҳои ӯ ва коми гургу дасти дузд фарқи казоие дида намешавад ва онҳо дириқ-дириқ ларзида менишинанд. Баъди чанде мизбон нону чой ва дар як табақи сафолӣ гӯшти туркҷӯш меорад.

Меҳмонон, ки хеле гурусна буданд, ба ин неъмати худодод бепарво буда наметавонистанд, ҳамоно даст ба гӯшту нон бурдан мехоҳанд.

–Тӯхтанг! – мегӯяд мизбону меҳмонон дар ҳамон вазъе ки доштанд, ба қавли худашон «ях мебанданд».

–Ин гӯшт, – мегӯяд мизбон, – моли дуздӣ аст. Шумо, ки ҳар ду тоҷикмуллоед, бигӯед, чӣ ривояте мебояд ёфт, ки он ҳалол бошад?

Меҳмонон худро тарҳу ҷамъ кардаанд, ба ҳамдигар нигаристаанд, билохир яке ҷуръат ёфта гуфтааст:

–Моли duzdӣ, агар ӯро аз кӯраи дӯзах ҳам гузаронӣ, моли duzdӣ буду хоҳад монд...

–Қоч! – бонг задааст соҳиби хона, – ту муллои бесаводӣ, аз ин рӯ ривоятат мисли худат хунук, яъне қор ёғадӣ аст!

Соҳибхона ба меҳмони дигар рӯ меорад:

–Ту чӣ мегӯӣ?

Ин меҳмон масали «дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез»-ро ба хотир меораду мепурсад:

–Вақте гӯсфандро дуздида мебурдӣ, ба чапу ба рост нигоҳ мекардӣ?

Мизбон гуфт:

–Чаро не, менигаристам, албатта, аз тарс!

Меҳмон гуфт:

–Аз шири модарат ҳам ҳалол аст, чароки бандаи муъмин вақти намоз ба чапу ба рост менигараду салом мефиристад, то душман набошад.

Мизбон бо ваҷд каф ба каф заду гуфт:

–Ана сиз мулло! – ва ба оне ки «қоч» гуфта буд, рӯ меорад, – ба хотири ин домуллои азиз аз гуноҳат гузаштам, шину бихӯр, ки шаб боз ҳам хунуктар мешавад, шиками сер гармат медорад, вагарна кӯраи дӯзах ҳам ба дардат намехӯрад!

Ҳар ду чунон бо иштиҳо ба хӯрдан сар мекунанд, ки ӯзбакро ҳам иштиҳо бедор мешаваду ба ду тоҷик шарик.

# БӮҲТИ ЧИЛДУРӮҒ АЗ ДУРӮҒ

Холдорро занаш исрор кард, ки субҳона бихӯру баъд бирав, муҷмал гуфт: дер шуд! Ҳароина вақте ба назди мошини пӯшида расид, мусофиронро ҳама савори мошин дид. Аҷаб не, Холдор мусофири охирин буда бошад, ҳамин ки худро ба баданаи мошин гирифт, ронанда муҳаррикро ба кор даровард у мошин ба роҳ баромад.

Холдор нахуст ба бозор рафт ва ҳар чи занаш ёддошт карда буд, як-як ба харидан оғозид, тубра пур шуду супоришҳо бе каму кост иҷро.

Вай тубраро бурду ба нигаҳбони саройи «Сармаддара» супурд, баъд дар фикри ғизои наҳор шуд, чароки ба субҳона дер шуда буд. Барои ӯ чун ҳамеша фарқе надошт, ки дар кадом ошхона ё чойхона наҳор бихӯрад. «Шикам сер шавад, шуд!» – мегуфт ҳамвора.

Аммо имрӯз хоҳиши дар чойхонаи «Агмаддара» наҳор хӯрдан кард. «Бисёр таъриф мекунанд, ку бубинем, чӣ ҷӯрӣ моро мехӯронанд!»

Холдор дер боз ба ин чойхона наомада буд, ҳоло шаклу сурати онро диду бо ҳайрат аз худ пурсид: ин ҳама васоили

осоиш аз куҷо? Магар даромади чойхона зиёд шуда, ё «савобҷӯи» олиҳиммате ёфта, ки ин қадар хушнавову хушҳаво кардааст?

Мусофири мо ҳанӯз ба саволҳои худ ҷавоб нагирифта ва барои худ ҷои нишаст хуш накарда буд, ки нидои «Холдор!»-ро шуниду ба самти овоз чашм бардамонду амаки Салмонро дид. Амаки Салмон рӯи кати назди чашма ба ду болиш такя зада нишаста буду ӯро бо имои даст назди худ мехонд.

Холдор ҳайратзада буд, ки чӣ тавр рӯз нисф шудаву ҳанӯз ҳам амаки Салмон дар чойхона нишастааст? Чароки туфайлиҳояш мегуфтанд, ки ҳамин ки субҳонаашро, ба қавли худаш «моҳиҳои охури»-ро хӯрд, ҳамоно пайи корҳои мустаъҷил меравад.

Аммо имрӯз ҳеч туфайлие набуд, марди ношиносе рӯ ба рӯи амаки Салмон нишаста буд.

Аз зайни либосҳояшу сиккаи нишасташ Холдор тахмин зад, ки тоҷирест.

Чун Холдор бо ҳар ду муаддабона салом карду бо ишораи амаки Салмон болои кат баромада нишаст, амаки Салмон ба ҳама саволҳое ки гирди сари ҳамдеҳаш давр мезаданду намеёрист ба забон орад, худ аз пеши худ ҷавоб гуфт:

– Бо Мираки бангӣ омада будам, насибаашро хӯрду рафт, ман, ки ба ин

бародар, – ҳамсӯҳбаташро нишон дод, – муомилае дорам, ночор будам ин ҷо бимонам.

Холдор бо такони сар «фаҳмидам!» - гуфту ҳарфе ба забон наовард. Ба ишораи амаки Салмон ёвари чойсолор як чойник чойи сабз, ду нону як пиёла нишолло оварду пеши Холдор гузошт ва бист дақиқа пас як табақча моҳикабоб ҳам овард. Амаки Салмон танҳо моҳикабоб мефармуд, ба туфайливу меҳмон низ ҳамчунон. Ин одати вай ба расмият даромада буд.

Он ду тан дар чӣ мавзӯъ баҳс мекарданд, Холдор сарфаҳм намерафт, танҳо мутаваҷҷеҳи ин нукта шуд, ки амаки Салмон барои исботи фикре чунин гувоҳ меорад:

– Маро Салмони сармаддеҳӣ мегӯянд, агар ба чап такя занам, нисфи замини дасти чап меламад, агар ба рост такя занам, нисфи замини дасти рост меламад!

Холдор аз ин таърифи амаки Салмон ба шахси худ аз хоидани гӯшти моҳӣ дар ком бозмонд, баъди чанде ба худ омаду пеши хеш гуфт: ҳайфи он касе ки ба ман «Чилдурӯғ» лақаб додааст! Агар ҳамаи дурӯғҳои маро ҷамъ орӣ, ба ин як дурӯғи амаки Салмон ҳамвазн намеояд!

Пасон хӯрокашро осема хӯрду бо он ду тан хайрухуш кард – «кори заруре дорам!» – ва роҳи саройи «Сармаддара»-ро пеш гирифт.

# МАҲБАСИ АСПҲО

... Хоҳ бовар кунӣ, хоҳ не, дар умри сарам ягон кори аз ин аламовару ҳайратовару тарсоварро бар дӯши ман нагузошта буданд. Соли ҳазору нӯҳсаду шастуанд буд. Қароре содир шуд, ки аспҳо чорпоёни пурхӯру пурсарфу... хулоса ҷонварони бефоида, гузашта аз ин зиёноваранд. Аз ин рӯ онҳоро мебояд аз совхозу колхозҳо ва нафарони аспдор гирд оварду нобуд кард.

Хуб, дар бораи он ки аспҳоро аз колхозу савхозҳо чӣ гуна бардоштанд, чизе намедонам – набудам, надидам. Лек чӣ тур аз мардум гирд оварданд ва ба онҳо чӣ карданд, мехоҳам бароят қисса кунам. Чароки ман посбони маҳбаси аспҳо будам.

Бовар намекунӣ? Ҳақ дорӣ. Ман ҳам ба ҷои ту мебудам, бовар намекардам. Зеро ин ҳама чунон музҳику бемаънову бепоя менамояд, ки гумон мекунӣ аз лаълии паррон фуромадаанд, заминро тасарруф кардаанд, аспҳоро дида тарсидаанд ва барои аз миён бардоштани онҳо дастур додаанд.

Ту аз асп зеботар, хушгомтар, содиқтар ҷонваре дидаӣ? Не? Ман ҳам надидаам.

Соҳибони асп онҳоро додан намехостанд, маълум ки чаро, дӯст медоштанд, зиндагиашонро бе онҳо тасаввур карда наметавонистанд...

Милиса мефиристоданд, аскар мефиристоданд ва иҷборӣ меоварданд ба ҳамин сарой ва ман... посбон.

Ҳоло саройи бузҳои ангорӣ ном дорад, он вақт маҳбаси аспҳо буд.

Гап байни худамон, аз ҳамин буз ҳайвони пурхӯру зиёновару бадфеъле дар рӯи замин намеёбӣ. Аз коми ҳамвора ҷунбони инҳо на дарахт мемонаду на алаф!

Ана оварданд аспҳоро як-яку ду-ду ва раҳо карданд дар ҳамин сарой.

Аспи аввалро соати шаш бастанд ва соати ҳафт ҳамоно соҳибаш пайдо шуд. Мегӯямат, боз ба касе нагӯӣ. Ба ман дастур дода буданд, ки ба сарой ҳеч касро, ба хусус соҳибони аспро роҳ надиҳам. Агар рафту онҳо пайдо шаванд, хоҳиши ба сарой даромадан кунанд, ҳамоно ба милисахона занг занам.

Ту ягон саройро дидаӣ, ки телефон дошта бошад? Не? Ба саройи мо гузаронда буданд, рост ба посхона.

Аммо ман дастурашонро ба гӯри момаашон фиристода будам. Маро дил ҳам ба аспҳо месӯхту ҳам ба соҳиби онҳо. Аз ин рӯ чун ун мардак ба дидани

аспаш омад, ҳарфе назадам, қуфли дарвозаро кушодам...

Ҳозир ман ба ту чӣ гуфтан мехоҳам? Фарз кардем, фарзанди ту ё маро ба ҷурме боздошт карданд, магар ману ту ин хабарро шунида, ҳамоно ба милисахона намедавем?! Ҳарчанд медонем, ки аз дастамон расидагие ба кори фарзанд кардан намеояд.

Ин соҳибони асп чунин буданд. Аввал аспро меоварданд, баъди чанде соҳибаш меомад. Боз ҳамин туре ки қаблан гуфтамат, ба фарзанди дар Сизо нишастаат чӣ мебарӣ? Раҳмати худо бар падарат бод – хӯрок! Инҳо низ бо ҷаву алафу... ҳатто қанд меомаданд. Мерафтанд назди аспҳояшон, онҳоро хору мол мекарданд, ба гӯшашон чиҳое мегуфтанд, буданд ду-се нафар, ки гардани аспашонро гирифта, ҳой-ҳой мегиристанд... Ҳатто баъди ин қадар сол ба ёд овардани ин манзара маро ба дилхура меорад...

Лекин оризае шуд, ки маро заҳракаф кард. Ту Сармаддеҳро дидаӣ ё не? Не? Номи Шодонпаҳлавонро шунидаӣ ё не? Не? Хафа нашаву аз ту гарангтару хадангтареро надидаам. Хадангаш чӣ мегӯӣ? Ба русӣ берёзааш мегӯянд, чунон чӯби сахт, ки табар намегирадаш. Ва ин Шодонпаҳлавон якатози беҳамто буд дар

ин вилоят, ҳоло пир шудааст, он вақтҳо дар гирду атроф ва кишвари ҳамсоя шӯҳрат дошт. Чанд раҳ омада рафта буд бе ягон дағдаға...

Он рӯз ҳам – ман он рӯзро ҳеч аз ёд сутурда наметавонам! – омад чун ҳамеша, вале мани аҳмақ ба худ суол надодам, ки чаро Шодонпаҳлавон дар ин ҳавои тасфон ҷома пӯшидааст. Ин баъд ошкор шуд, ки вай дар зери доманаш туфанги милбурида доштааст!

Баъди даҳ дақиқа садои шилики тир баромад, дартоз дохили сарой шудам, ҷои аспи Шодонпаҳлавонро медонистам, канор аз гала дар як гӯшаи сарой... Медонӣ, ман чӣ дидам? Шодонпаҳлавони туфанги милбурида дар дасту аспи рӯи замин ҳамворро! Бадбахт ба сари аспи худ тир зада буд. Чаро? Намедонам.

Ҳеч намедонистам чӣ бояд бикунам. Баъди хеле ба худу тарсу ҳарос ғолиб омадам ва ӯро гуфтам: илтиҷо мекунам, зуд аз ин ҷо бирав, вагарна, ҳам худатро гирифтор мекуниву ҳам маро!

Вай бечора тоза ба худ омад, як ба ман нигаристу як ба аспи худ ва сархаму шикаста дур шуд...

Худоро ҳазорон бор шукр, ки он вақт касе дар сарой набуд.

Медонӣ, ман чӣ кор кардам? Не? Хафа нашаву боз мегӯям, аз ту гарангтару

хадангтарро надидаам. Сари тирхӯрдаи аспро аз тан ҷудо кардам ва дар як гӯшаи сарой ба замин гӯр. Баъд ба милисахона телефон кардам, ки як асп, намедонам аспи кӣ, аз по афтоду ба ҷонканӣ даромад, сарашро буридаму ҳалол кардам...

Комиссия – ду нафар акт монду ман ҳам дар қатори эшон онро имзо гузоштам. Аён аст, ки суроғи сарро ҳам карданд, ман гуфтам, ки ба сагҳои овора, ки шабҳо гирди сарой мегарданду аспҳоро ба изтироб меоваранд, додам. Бовар карданд...

Шаби ҳамон рӯз мошинҳои зиёди боркаш оварданд, аспҳоро бор карданду бурданд, маълум, ки чаро шаб омаданд. Бурданд, намедонам ба куҷо, донистанӣ ҳам нестам, дар ин бора фикр кардан ҳам намехоҳам...

Медонӣ, вақте аспҳо дар сарой буданд, сарой чӣ шаҳомате дошт! Ҳамин ки онҳоро бурданд, гӯристонро мемонд ва ... ман посбон.

Рез ҳамон арақи маразкоҳатро. Чунон шишаро бағал задаӣ, ки ангор арӯси бебадалат бошад! Магар нашунидаӣ, ки Хоҷаи бузургвор гуфтааст: ин аҷуза арӯси ҳазор домод аст...

# МАРВО

Тундар ғиревиду Марво ба худ печид.

Вай ҳамеша аз тундару чароғак метарсид.

Момояш ҳам аз ин бало тарс дошт, модараш ҳам. Ангор тарси модарзодӣ буд.

Абри осие аз теғаи Шанобурз хамида буд. Деҳ интизори борон буд. Кӯрпаву пӯстаки офтобдодаро андарун мекашиданд.

Абри осӣ ваҳмангез буд. Сел наорад ҳам, растохезаки боронӣ роҳ андохтанаш ба яқин буд.

Марво нахуст абри осиро дида буд, пасон бонги тундарро шунида буд. Абри осиро дидан баробар чистони аз момо шунидаашро ба ёд оварда буд – аз дур фаромад мирпаланг, чашмош чуқуру мурдаранг.

Он вақт ҷавоби чистонро наёфта буд. Агар ҳоло шунида буд, зудандоз гуфта буд.

Марво дудил нимароҳи хона ва ошхона истода буд. Боз гулдуроси дигаре деҳро таконид.

Марво осема худро ба хона зад.

Ҳамоно пардаҳои долбури шомиро рӯи тиреза кашид. Аз чароғи баркӣ ҳаросид, ду шамъро фурӯзон кард.

Субҳ модар ва падар бо мошини пӯшида шаҳр рафта буданд ба аёдати хоҳарбузургаш Шикебо. Вай сари маврид буд, имрӯз - пагоҳ бояд мезоид. Модар хобе дида буд, чӣ хоб, ба касе намегуфт, аз ин рӯ зудбош шавҳарро бо худ бурда буд, ки духтурҳои шиноси зиёде дар шаҳр дошт. Шавҳари Шикебо Сиёвуш ном дошт, ки геолог буд. Ду сол қабл дастаи онҳо дар кӯҳи Оҳан чодар заданд ва Сиёвуш гоҳу ногоҳ ба деҳ мефуромад, ки барои геологҳо чизе бихарад. Ҳар вақт падар ба коре банд мешуд ё ба шаҳр – идораи селпо мерафт, Шикеборо ҷонишини худ мекард. Ана, Сиёвуш дар мағоза Шикеборо диду ошиқ шуд, Шикебо ҳам ба вай моил шуд. Сиёвуш, ки шаҳрӣ буд, Шикеборо никоҳ карду ба шаҳр бурд ва монд бечораи Марво танҳои танҳо. Аз дур чунин менамуд, ки ин ду хоҳар ба ҳам ҳеҷ рост намегиранд. «Марво, сиёҳпича, боз маро фиреб додаӣ, човаҳоро об пур накардаӣ!» «Марво, хонаро чаро ҷорӯб назадаӣ! Ман кадом корро кунам, мағозабонӣ кунам ё хонарӯбӣ!», «Марво, кирм дорад ишкамат, ки дар ҷогаҳ чил ғел мезанӣ!»... Ҳоло низ Марво ғолмағоли хоҳарбузургашро аз дару девор мешунавад... Ҳай, чунон ба хоҳарбузургаш унс гирифта будааст, ки

вайро бурданду ӯ ғамбемор шуд. Онҳо гӯё ду ниҳолаке буданд дар як ҷо руста, ана якеро канданду бурданд ва макони дигар нишонданд, барои ин ниҳолаки танҳо монда дигар вазиши бод, резиши борон, чаҳ-чаҳи парандагон... он кайфиятеро надошт, ки қаблан дошт.

Падару модар пазмонии ӯро, танҳоии ӯро пай баранд ҳам, бо ягон пайғому инъом ҷои хоҳарбузургро пур карда наметавонистанд. Яке дар мағоза аз субҳ то шом, дигар ба кори хона, ки ба қавли худаш, «ҳеҷ тамомшавӣ надорад» банд буд. Ин буд, ки духтар ба худ фурӯ рафт ва ба қавли кампири Марям «дамдузд шуду монд»...

Ин дам тундар бори савум ғулғула андохт, ки аз зарби он тирезаҳо ларзиданд ва садои ваҳмангез доданд. Рӯшание аз роғи пардаи долбури шомӣ ба хона роҳ ёфт ва ҳамоно ғайб зад. Марво зуд он роғро пайдо кард ва пардаро ба ҳам зад. Баъд ҷомаи падарро, ки дар токчаи болишҳо модараш гузошта буд, гирифту пӯшид, ҷома аз тани нахифи ӯ хеле фарох буд, лек худро чунон сохт, ки гӯё ин ҷома таъвизест ва ӯро аз ҳар бало нигаҳдор мешавад.

Соат сеи рӯз буд. Ҳамхоба ва шарики танҳоиаш – кампири Марям бояд мебуд, аммо кампири Марям паймони бегоҳ дода буд, то бегоҳ вақти зиёде буд, ки

имрӯзи ваҳмнок ёзида хеле тӯл кашида буд, то онро кӯтаҳ мекунӣ, ки дар ин аросот заҳракаф мешавӣ. Худро ба чизе бояд саргарм мекард. Ба чӣ, намедонист. Тарсон-тарсон назди тиреза омад, гӯшаи пардаро бардошт ва ба домани Шанобурз нигарист ва он саворро дид – марде рӯи зини хар пеш-пеши абри шағабнок пайраҳаи Чашмаи Нӯшинро поён мешуд. Соҳиби хар парвои абри осӣ надошт магарам, ки хар якмаром сум мезад ва беаҷала поён меомад, чунин менамуд, ки он мардро рӯи зин хоб бурдаасту вазъи пуртаҳлукаи давру пешро намебинад. Оромии шум ва ҳам салобатдори хар ва савор Марворо ҳаросонид, гӯшаи пардаро раҳо кард, чор гӯшаи пардаро чашмбарандоз кард, роғе надид, хотирҷамъ ба миёнҷои хона омад. Ба коре худро то омадани кампири Марям саргарм мебояд кард, аммо чӣ коре? Назди қафасаи китобҳо омад ва муҷаллади ҷилдфарбеҳи «Природа и животний мир Средней Азии»-ро берун кашид. Вай расмҳои рангаи паранда ва чарандаҳои ин китобро гоҳу ногоҳ тамошо мекард ва аз ин хушаш меомад. Чашм пӯшиду ангор фол медида бошад, китобро ба тахмин кушод, баъд чашм боз карду нигарист, расми тортанаки бадвоҳимаеро дид. «Ғунда!» Бадшакл ҷонваре буд. Марво аз

ғунда, каждум ва мор метарсид, ҳарчанд ҳеч кадоми онҳоро бо чашми сар надида буд. Аҷиб, дигар дугонаҳояш аз муш заҳракаф буданд, лек вай мушбачаҳоро меқапид ва бепарво чун гурба бо онҳо бозӣ мекард. Вале ин палидҳоро як раҳ надида, аз онҳо тарсон буд. Шояд ин ҳам ирсӣ бошад. Вай ғайриихтиёр ба хондани зерматни расм оғозид.

## *Ғунда*

*«Ҳашарае аст шабеҳи анкабут ва зардранг, бо дасту пои кӯтоҳ, як қисми он ба бузургии гунҷишк, заҳри шадид дорад, агар инсонро бигазад, фавран ҳалок мекунад...»*

– Хайрият ин касофат дар кӯҳу пушта зиндагӣ мекунаду дар деҳ пайдо намешавад! – хурсанд хитобид Марво, ҳарчанд сабаби хушҳолиаш ошкор набуд.

Марво китобро пӯшид, ба қафаса гузошт ва баргашт назди тиреза, пардаро, гӯё ғаранги гаҳвораро – оё тифлак хоб аст ё бедор – оҳиста бардошт ва ба домани Шанобурз нигарист, боз ҳамон марди харсуворро дид, дигар дар хару дар мард виқори қаблӣ набуд: хар дар ҷои худ истода буд, мард низ халачӯб

бардошта буд, ки гардани маркабро бимолад, лек магарам аз фикраш гашта буд, ки халачӯбро поён намеовард.

Марво аз ин манзара чашм канда наметавонист...

Абри осӣ поён хамбида буд. Борон низ оғоз ба боридан дошт. Тундару чароғак акнун дар дуриҳо – шояд паси теғаи Шанобурз – меғуриду медурахшид. Вақте ки абрпораҳои думгир гирди хару саворро печиданд, хар ва савор лаҳзае чанд ангор андарво дар фазо буданд. Марво осема пардаро пӯшид ва аз назди тиреза дур шуд. Боз надонист ба чӣ кор машғул шавад. Меояд назди қафаса, китоби ҷилдфарбеҳро берун мекашад ва варақ мезанад ва расми ун ҷонвари бадшаклро пайдо мекунад ва ба хондани зерматни он меоғозад:

## ***Каждум***

*«... Ҳашараест зардранг, шикам ва думи ӯ аз ҳалқаҳои мутаъадид ташкил гардида, ҳалқаи охири дум ба як неше мунтаҳӣ шуда, ки шабеҳ ба сӯзани инъексӣ аст ва ба василаи он заҳри худро ба бадани сайд ё душман дохил мекунад. Дар ҷойҳои торик, хушк ва касиф зиндагӣ мекунад. Каждумҳои навоҳии гармсерро заҳр кушанда аст...»*

– Пас аз они мо кушанда нест, – боз хушҳол шуд Марво, ҳарчанд худ намедонист барои чӣ.

Волидайн қабл аз сафар ӯро дилбардорӣ доданд. «Дилгир машав, бегоҳ ба наздат Марямбибӣ меояд. Чанд рӯзе ки сафари мо тӯл накашад – мо ҳам мекӯшем зудтар баргардем – вай ҳамхобаи ту хоҳад буд!»

Кампири Марям сари танҳо дошт – на пайванд, на фарзанд, на дилбанд. Ҳар буна, ки ба ҳамхоба ниёзманд мешуд, ӯро суроғ мекард. Ҳамхобаи беминнат буд ва ҳам кӯдакон ӯро дӯст медоштанд, чароки то хоб бурданашон афсонаву чистон мегуфт.

Марво ҳам, Шикебо ҳам кампиракро дӯст медоштанд ва ӯро «бибӣ» мегуфтанд, зеро бибии падариву модариашонро надида буданд ва кампири Марям ҷои онҳоро гирифта буд.

Кампири Марям хеши дури падарашон буд. Аз ин рӯ бе суроғу бе паём низ гоҳу ногоҳ меомад чун як узви оила. Аммо рафту падар хона бошад, ҳеҷ гоҳ ба шаб намемонд. «Худоро шукр, сарпаноҳ дорам ва дами гарме ҳам дар хона ёфт мешавад!» мегуфту мерафт. Агар падар сафарӣ бошад, бе ҳеч ҳарф қабул мекард ва ҳамроҳи Марвову Шикебо дар як хона мехобид. «Чанд рӯз аст, ки даҳонам пӯпанак бастааст, агар даҳонро

бо вожаҳо ғарғара карда наистӣ, комат талх мешавад. Ана, ман ҳам имшаб ду-се афсона ба шумо мегӯяму комамро тоза мекунам!»

Боз тундар гулдурос зад ва озарахше рӯшанӣ кард баробари он. Ин бор Марворо чунин намуд, ки на танҳо шишаҳои тиреза, балки бому бомгӯша низ ларзид. Марво ҷомаи падарро ба танаш тангтар печид.

Вақте кӯдак буд, ҳангоми раъду барқ ӯро ором мекарданд, ки «натарс, ин Момо Гулдурос пӯстаку намадҳои зимистон чангзадаашро аз хона берун овардан ва такондан дорад!» Вай ба ин ҳарфҳо бовар мекард. Пеши худ низ тобонда буд, ки пиразани бадсуробе дар як гӯшаи осмон аз абрҳои сиёҳ барои худ хона сохта, пӯстаку намадҳои ҷулро рӯи фарши хонааш, ки низ абрист, густурдааст. Гоҳу ногоҳ вақте аз бекасиву танҳоӣ зиқ мешавад, ба абрпорае савор мешаваду ба сайру гашт мебарояд ва замини сабзи гулпӯш, одамҳои шоду хуррамро мебинаду ба ҳоли худаш хориаш меояд ва зор-зор мегиряд ва ин борон, ки гоҳу ногоҳ меборад, ашкҳои сӯзони ӯст, ки то ба замин расидан сард мешаванд... Кампираки миҷингу танбалест, ки ҳеч ба хонарӯбӣ хуш надорад, фақат баҳору тирамоҳ ночор

мемонад, чароки чанг ба димоғаш мезанад, атса ба ҷонаш, бо хашму ҷаҳл пӯстаку намадпораҳояшро берун меораду метаконад, метаконад ва ин тундару озарахшро ба роҳ меандозад...

Кампири Марям боре дар бораи марди обӣ ҳикоят карда буд. Марво то ин вақт дар бораи парии обӣ шунида буд, марди обиро бори нахуст мешунид.

Бухоризодаи аввал Бухоризодаи сониро, ки кӯдаки шашсола будаанд, хатнасур мекардаанд. Баногоҳ аз куҷое марди ношиносе пайдо шуда, дар радаи меҳмонҳо чорзону зада нишастааст. Кулоҳи сарашу ҷомаи танаш чун кулоҳу ҷомаи дигарон будааст, вале хеле хуштарҳу хушдӯхт. Ду соат бо аҳли давра нишастаасту ҳамагӣ ду ҷумла гуфтааст. Бори аввал чун дидааст, ки мардум чормағзу пиставу бодомро бо дандон шикаста мехӯранд, бо ҳайрат гуфтааст: «инҳоро бубинед, гавҳарро бо санг мешикананд!», бори дуввум намакро дар коса овардаанд барои аҳли давра, ки пас аз палав ревоҷ мехӯрдаанд, хитобидааст: «дар кишвари мо намак мисқол-мисқол, тилло ҷувол-ҷувол!» Баъди ин ҳарфҳо бархоста равон шудааст.

Азбаски бегонаву ношинос будааст ва ҳам ин ҳама ҳарфҳои ғариб гуфтааст, Бухоризодаи аввал ду ҷавонакро фармудаанд, ки он мардро пай бигиранд,

ки кучо меравад. Ҷавонакҳо он мардро то лабобаи Кафкрӯд дунбол гирифтаанд ва пасон ӯро аз назар гум кардаанд ва мулло аз ин натиҷа гирифтаанд, ки одами обӣ будааст.

Марво сари ин ақида устувор буд, ки одами обӣ бародари қаҳрии Момо Гулдурос аст. Яке дар ҳаво раъду барқ ба роҳ мемонаду дигаре дар рӯд селу обхезӣ барпо месозад...

Марво хам шуд ва китоби чанде қабл аз тарс рӯи гилеми фарши хона ғалтондаашро бардошт ва варақ зад. Он чи мекофт, ёфт.

## *Мор*

*«... Ҷонваре аст аз табақаи хазандагон, баданаш нарм ва устувонаӣ, дорои сутуни мӯҳраҳои дароз, рӯи замин мехазад ва ҳангоми истироҳат даври худ чанбар мезанад. Морҳои заҳрдор дар хушкӣ зиндагӣ мекунанд ва бархе аз онҳо бисёр хатарнок мебошанд, монанди кубро, гурза, мори зангӣ... морҳои безаҳр дар об ба сар мебаранд ва баъзе аз онҳо бисёр бузург ва қавиҳайкал мешаванд, монанди анокондо...»*

Китобро бо шаст пӯшид ва бурду дар қафаса гузошт. Ба соати девор нигарист – понздаҳу шаш дақиқа. «Худоё, то

омадани Марямбибӣ боз як қиёмати дигар вақт аст!»

Боз надонист, худро ба чӣ андармон созад, то вақт дар назараш дерёз нанмояд. «Аҳа, ёфтам, ба бибиам мошкичирӣ хоҳам пухт!»

«Мошкичирӣ» хӯроки хушкардаи кампири Марям буд. Ҳам худро машғул медорад ва ҳам пиразанро хурсанд месозад. Ҳарчанд ҳама тартиби маводи пухтро монанди модар мураттаб мекарду мепухт, лек дар назараш оши ӯ чун оши модар болаззат набуд, ки алағда мешуд. Модар ӯро дил мебардошт, ки ҳеҷ гап не, ту ҳанӯз кафгир гардонданро хуб балад нашудаӣ, ин ҳунарро низ бояд ёд гирӣ, он гоҳ оши ту пухта аз оши ман низ болаззаттар мешавад. Кафгир гардонидан ба таъми хӯрок чӣ дахле дошт, инро Марво намедонист. «Кафгир гардонидан? – ҳайрон шуда буд кампири Марям, – бори аввал мешунавам. Ман умуман бе кафгир хӯрок мепазам!»

– Зирбакро омода месозаму бибиро интизор мешавам, ҳамин ки суробашро аз дур дидам, мошро меандозам. Ҳоло ҳам мошу ҳам биринҷро шуста, тар карда мемонам.

Марво ҳеч пай намебурд, ки инак чандест пеши худ баланд-баланд ҳарф мезанад. Марво ошхона нарафт, тарсид. Ҳамон ҷо

дар бухорӣ оташ гиронд, дегпояро рӯи оташ, дегро рӯи чанбари он гузошт...

Дар деҳ ҳаёҳуй баланд шуд ва Марво ҳаросон назди тиреза омад, пардаро бардошт ва нахуст ба домани Шанобурз, ба пайроҳаи Чашмаи Нӯшин нигарист. Хар ва савор дар ҳамун вазъи пешина буданд – хар як поро бардошта буду ба замин нагузошта, мард бо халачӯби поён наоварда... «Худоё, онҳоро барқ задааст!» – Бо даҳшат нидо дардод Марво ва худро қафо кашид. Бемадор рӯи фарши хона нишаст, ранги рӯяш канда буд ва баргларзаи танаш кам-кам ба варача мегашт...

Дафъаи аввал ҳам чизе монанд ба ин аз дилаш гузашта буд. Лек худро бовар кунонда буд, ки он фиреби назар асту бас. Чизе рух дода буд, ки ҳоло ақли бечора Марво то ба умқи он намерасид. Кист ӯ, чаро маҳз ӯ дар ин соат, дар ин мавзеъ ҳозир буд, ки барқ бисӯзонадаш? Чаро барқ дарахтони хушки davру пешро насӯзонд, чаро маҳз омоҷи кинаш ин хараки бевора ва ин мардаки бечора қарор гирифтанд?

Марво кам-кам ба худ омад. Аз ҷой бархост, назди бухорӣ омад, пиёла бардошт ва бо нӯги корд каме андар он сиёҳии дег тарошид, пасон пиёларо аз об пур карду нӯшид. Ва бо қадамҳои устувор қариби тиреза омад ва пардаҳоро аз ҳам дур зад,

палаҳои тирезаро кушод – ба хона боди форами пасиборонӣ даромад, ки басе ҳаловатбахш аст, лек Марво онро ҳис накард. Ҳаво рӯшан гашта буд ва борон ҳам монда буд. Хар ва савор дар домани Шанобурз кадом як қаҳрамонеро ба ёд меоварданд, ки расми ҳайкали ӯро вай дар маҷаллае дида буд. Он ҳайкалро дар хиёбони кадом як шаҳре гузошта буданд, ки бо диданаш хоҳ-нохоҳ лабханд дар лабонат мешукуфт. Ин ҳайкали даҳшатноки рӯбарӯи чашмаш дар домани Шанобурз буд ва онро барқ гузошта буд, чунон гузошта буд, ки аз диданаш хун дар рагҳои тан ях мебаст.

Касе магарам намедонист он мард кист, зеро аз хонае нолаву шеван шунида намешуд. Ҳарчанд ин дам дастае савору пиёда пули Кафкрӯдро убур мекард, ба яқин барои овардани ун барқзада меравандд. Дар боми ҳамсоя чанд тан баҳс доштанд. Марво гӯшу ҳуш шуд, то бишнавад, ки онҳо чиҳо мегӯянд, лек бод ҳарфҳои онҳоро ҷониби дигар мебурд. Бароянд, пеши онҳо равад? «Не, айб аст!» Хоҳ-нохоҳ соате пас ҳама чиз ошкор хоҳад шуд, вақте ин гурӯҳи аз пул гузашта он бадбахтро поён меоранд...

Ин дам сурфаи сохтае паси сар шунид, баргашт ва кампири Марямро дид. «Худоё, ба чӣ роҳ омад, чӣ тур номаълум даромад, ки ман на дидам, на пай бурдам?»

– Пеши худ гуфтам, ки духтаракам аз барқ метарсад, биё, ба по шав, зуд назди ӯ бирав! Аммо ин воқеа – кампирак ба домани Шанобурз ишора кард – рух доду андармон шудам.

– Бибӣ, надонистед, кӣ бошад?

– Касе намедонад. Ҳама мегӯянд, ки аз деҳи ҳамсоя марде ки инак ду рӯз аст тӯрпии гумшудаашро меҷӯяд... Аммо бобои Сангини шабзиндадор – бечораро инак панҷ сол аст пинаке хоб дар чашмонаш пайдо намешавад – мегӯяд, ки пеш аз намози бомдод Фармони Мурод харсавор аз пеши бомгӯшае ки вай он ҷо шабзиндадорӣ мекунад, убур кардааст. Агар чунин барвақт рафтааст, пас дарахтбурӣ рафтааст, чоштгоҳ, ки аз пайраҳаи Чашмаи Нӯшин поён меомад, пас ҳаваси чӯҷаҳои якбара ҳам кардааст!

– Чӯҷаҳои якбара?

– Кабкҳо соле се раҳ тухм мегузоранду чӯҷа мебароранд: баҳорон, тобистон ва аввали поиз, аз ин рӯ онҳоро якбара, дубара ва себара мегӯянд. Барои кабкҷанг якбарааш арзиши гарон дорад...

– Барои чӣ, бибиҷон?

– Ҳама чизро баҳорияш қиматаш афзун аст: асали баҳорӣ, мости баҳорӣ, гӯшти баҳорӣ... Кабкҳои баҳорӣ низ бештар мехонанду зӯртар меҷанганд.

– Пас ин харакӣ мегӯед амаки Фармон аст?!

– Боз кӣ ҳам буданаш мумкин? Вай медонад, ки кабкҳо чоштгоҳ чӯҷаҳояшонро чашма обхӯрӣ мефуроранд. Меравад, пушти ғӯт ё буттае камин мегирад, баъд чӯҷаҳоро ки ҳанӯз парвозӣ нестанд, даст мегирад ва калон мекунаду бурда мефурӯшад ё ба умеди ягон чизи камёфт ба мудири селпо тӯҳфа мекунад. Ин касабаи раҳматӣ Дамдор буд, аз ҷар париду мурд, ана инаша барқ зад! Аз модар ҷудо кардани дилбанд гуноҳи азимест...

Марво ҳис кард, ки валвалаи дилаш бо омадани кампири Марям нишастааст ва акнун раъду барқ болои сараш ҳам ғураду дурахшад, боке надорад. Кампири Марямро магарам ин чанд рӯз даҳонаш мағор баста буд, ки ҳамоно гап мезад:

– Бало ба пои ҳамоне мепечад, ки бо рафтор, гуфтор, кирдори бад он балоро фаросӯи худ мехонад. Дар акси ҳол чун ҳазрати Иброҳим дар оташ андозанд ҳам, намесӯзӣ...

– Бибӣ, агар рафту вай дар ҳақиқат Фармони Мурод бошад, чӣ мешавад?

– Ҳеч чӣ намешавад! Агар кампири Майса ин ҷо мебуд, мегуфт: «хас каму ҷаҳон пок мешавад!»

Марво карахту гаранг монд. Зане ки дар назари ӯ ҳатто қудрати пашшаро

озурдан надошт, чунин ҳарфҳои сабук ба бадбахтии сангин мегӯяд ва азоби виҷдон ҳам намекашад. Кампири Марям вазъи ӯро пай бурд, ки сарашро сила кард ва гуфт:

– Сари ҷаҳл гуфтам, ба дил магир. Марг марг аст, охӣ, бачаҳояш месӯзанд, занаш месӯзад, касе буд, набуд, дили кас об мешавад дар чунин рӯз... – кампири Марям бори дигар сари духтаракро сила карду суханро ба дигар маҷро кашид.

– Мехоҳӣ як воқеаи аҷиб аз раъду барқ бароят ҳикоят кунам?

Марво шодмон сари тасдиқ ҷунбонд. Пиразан беҳ шудани кайфияти ҳоли ӯро дида, бо шавқ ба қиссаи худ пардохт.

– Ман хеле хурд будам, тахминан ҳамсоли ту ун айём. Ҳама занҳову кӯдакони ин гузар дар чарогоҳи Гулбасарон каппа зада будем. Тобистон буд, ҳаво рӯшану гарм буд, лек баногоҳ раъду барқ шуд, ҳаво тира шуд ва мо ба гумони борони оянда, ба каппаҳо паноҳ бурдем. Чанде гузашт, ёд надорам, лек баногоҳ фиғони зане моро берун кашид, аз каппаҳо берун омадему дар ҷои худ мехкӯб шудем. Гов, буз ва мешу тагалҳое ки бомдод соҳибонашон ба пуштаҳо ронда буданд, аз кӯҳпора поён меомаданд, ҳама шохҳояшон шӯълаафшону дурахшон буданд, гӯё даргирон буданд, хеле намуди бадвоҳима доштанд, ки баъзе занҳо тоб

наёварда, ҷониби деҳ бо кӯдаконашон фирор карданд... Мо низ заҳракаф будем, лек тарсону ларзон пайомадашро нигарон будем... Хушбахтона, ҳамин ки чорпоён ба овулҷо наздик шуданд, оташу шӯълаи шохҳояшон ғайб заданд...

– Чӣ будааст  вай, бибӣ?

– Барқ, бачаам! Барқ гоҳе як махлуқи ҷондор барин менамояд, ки бо одамакҳо ҳазлу бозӣ кардан ва қудрат намуданро хуш дорад.

Онҳо хомӯш ба айвон баромаданд, ки субҳ Марво баъд аз гусели падару модар саҳни онро об задаву рӯфта ва намаду кӯрпача густурда буд. Хост раваду дастархону чой орад, ки кампири Марям нагузошт.

– Беҳтараш биё, рӯи бом биравем ва пайомади ин корро бубинем, ҳоло нонрезае аз гулӯям намегузарад.

Ҳар ду рӯи боми коҳдон баромаданд ва бо ҳайрат диданд, ки савор ва хар дар ҷои собиқашон нестанд, қофилаи аз рӯд гузашта ҳам ба чашм наменамуд, шояд ин дам дар хамгашти фарози Чашмаи Нӯшин буд. Ҳароина пас аз ду-се дақиқаи дигар қофила аз хамгашт берун омад. Нафаре пеш-пеш хареро, ки рӯяш бори вазнине дошт – бешубҳа ин бор ҳамон барқзада буд, ядак гирифта поён меомад. Харро чӣ карда бошанд?

– Харро ё гӯр кардаанд ё зери ҷар! – ангор фикри ӯро хонда буд кампири Марям.

– Бечора хар! – ғайриихтиёр нидо кард Марво ва кампири Марям хандид.

– Ҳоло намедонӣ, кадомаш бечоратар аст. Биё, меравем поён то масчит, хоҳ-нохоҳ мурдаро он ҷо меоранд, ки мулло Бухоризода амри маъруф кунанд, пасон дар фикри гӯру чӯб мешаванд. Шояд ӯро пагоҳ гӯронанд, охир ягон ҷондоре дар хонааш нест, занаш ҳам дар шаҳр назди писараш рафтааст, кӣ ба ҷои онҳо ҳоло «во, барам!» мегӯяд, худо медонад.

Ҳароина мулло Бухоризода Холдорро ба шаҳр пайи овардани зану фарзанди Фармони Мурод фиристода буд – мошини пӯшида рафта буд ва Холдор харсавор то деҳи поёноб бояд мерафт, ки он ҷо шоҳроҳ буду мошинҳои раҳгузари зиёде дошт, мулло мурдаро бо чашми сар надида ба яқин мегуфт, ки Фармони Мурод асту бас, аз куҷо медонист, касе намедонист. Гузашта аз ин ду ҷоркашро ба деҳоти поёну боло фиристода буд, ки пагоҳ мардумро соати дувоздаҳ ба намози ҷаноза хабар диҳанд.

Ғайр аз беморону кӯдакону пирони замингир дигар ҳама пеши масчит ҷамъ омада буданд. Занҳо алоҳида рӯи сабзазори паҳлӯи масчит, мардҳо

рӯи шолрағзае ки аз масчит берун оварда дар айвони он густарда буданд, менишастанду танҳо мулло Бухоризода бо ду мӯйсафеди дигар рӯи хараке ки аз мағозаи деҳ оварда буданд – мағозаро амаки Марво муваққат фурӯшанда буд. Аксари ҳозирин барвақт омада буданд, ҳоло бетоқатӣ мекарданд, ки ин қофилаи ба Шанобурз рафта ҳай диранг мекунад.

– Ба пояшон санг бастаанд магар, – бетоқатӣ мекунад Шераки Хол, – фарози кӯбандаро ба ин зудӣ бароmадандy нишеби теландаро ба ин сустӣ поён меоянд?

– Шояд барқ Фармонро сӯхта лахча карда бошад, – мегуфт Оростаи Сиёҳ, – аз ин рӯ ба эҳтиёт меоянд, то ҷисми ӯ хокистар нагардад ва бод чош-чош насозад.

Аз ин ҳарфҳои Ороста мӯ дар тани чанд нафар сих мегардад ва ҳама мӯҳри хомӯшӣ бар лаб мезананд.

Шераки Хол имдодталабона ба атроф менигарад, ангор барқ на Фармонро, бал ӯро зада бошад. «Худоё, одами зиндаро сӯхта лахча кардан ба кӣ ва барои чӣ даркор аст? Пургуноҳем, медонем, охир офаридаи туем, чӣ медонем?!»

Шераки Хол ҳис кард, ки мадори пойҳояш хушк шудан доранд, ба атроф нигарист, ягона хараки қарибi масчитро банд дид, шолрағзаро низ ҳамчунин,

бемадор рӯи сабзаҳо дар радаи занҳо нишаст ва бо фаши саллааш номаълум ашки чашмонашро пок кард.

Мулло Бухоризода ду-се ҷавонакро имои ангушт карданд, ба онҳо чизе супориш доданд, ки ҷавонакҳо филфавр ҷониби хонаи Фармони Мурод дартоз шуданд.

Марво суоломез кампири Марямро нигарист, кампирак гуфт:

– Ҳота ва хонаҳояшро мерӯбанд, ягон буз ё гӯсфандашро мекушанд, барои онҳое ки имшабу чанд шаби дигар он ҷо хоҳанд буд.

Марво ҳайратзада пурсид:

– Магар дар хонаи одаме ки ба чунин сахтӣ мурдааст, чизе аз гулӯи одам мегузарад?

Марямбибӣ табассум кард ва сари ӯро сила карду гуфт:

– Содаяки ман, бечора Фармон чун мурд – мурд, шикам, ки аз ин хабар надорад? Бохабар ҳам намешавад.

Соате пас қофила ба масчит расид, чанд тан тоқат наёварда ба пешбози онҳо рафтанд ва ҷомаи рӯи барқзадаро бардоштанд ва бо шигифтӣ диданд, ки барқ Фармонро зада лахча накардааст, ҳатто сиёҳие дар сару танаш набуд. Муаллими физика Хидев, ки он ҷо буд, инро шарҳ дод:

– Барқ ба инҳо зада, ба замини нам фурӯ рафтааст, агар шах ё санг зери пояшон мебуд, сӯхта ангишт гаштанашон яқин буд.

Навбахт, ҷангалбони ин обрав, ки бо қофила рафта буд, назди мулло Бухоризода омад ва аз бағалаш шаш чӯҷаи кабкро берун оварду ба мулло нишон дод. Мулло ҳайрон, мардуми гирду атроф ҳайронтар ӯро менигаристанд, ки чӣ мегуфта бошад.

Навбахт ҳам чун кунҷковии мардум ва нигаронии муллоро дид, гуфт:

– Инҳоро, ин шаш чӯҷаро ман аз бағали Фармони Мурод ёфтам, хару савор ҳар дуро барқ зада кушта буд, лек ин шаш чӯҷа байни куртаву таҳпӯши ӯ зинда монда буданд, чун мо ба хару савор расидем, чув-чуве шунидем, гумон бурдем чӯҷаҳои давру пешанд, лек баъд онҳоро аз бағали Фармони Мурод ёфтем.

Мардум хеле ҳайратзада шуданд ва байни худ ба миш-миш пардохтанд. Мулло ҳамоно ба чӯҷаҳои рӯи кафи Навбахт менигарист ва ба чӣ фикре банд буд, билохир сар бардошт ва Навбахтро гуфт:

– Чаро онҳоро он ҷо раҳо накардӣ?

– Нобуд мешаванд аз чангу заҳри парандаву хазандаҳо.

Бухоризода боз ба фикр фурӯ рафт ва баногоҳ пай бурд, ки касе домани

ҷелакашро мекашад, баргашту нигоҳ кард, духтари хурдии фурӯшандаи мағоза Марворо дид.

– Бобоҷон, чӯҷаҳоро ба ман диҳед, ман онҳоро парончак мекунам ва пасон бурда назди Чашмаи Нӯшин озод!

Бухоризода лаҳзае чанд хомӯш ӯро нигаристанд ва баъд Навбахтро ишора карданд: «бидеҳ!»

Навбахт ба бари домани Марво чӯҷаҳоро гузошт ва боз ба мулло нигарист, чӣ мефармояд. Мулло сари духтаракро сила карду ба ҷониби хонаи Фармон гом бардошт ва ҳама дунболашро гирифтанд. Танҳо Марво ва кампири Марям бозпас ҷониби хона шуданд.

# САГ ВА ҚАССОБ

*(сарвояк-муаммо)*

Саге меомад ба назди дӯкони қассоб ҳамарӯза дар ҳамон як вақт.

Меомаду соате ба гӯштҳои иштиҳоовар менигарист. Қассоб ба вай эътиное намекард.

Саг менигарист ба гӯштҳои тозаи дар овангҳо окаса, ки фиғон доштанд: «биё, бигиру бихӯр!»

Саг пушт мегардонду мерафт.

Ман ин сагро дар ҳамон вазъе ки гуфтам, ҳар рӯз медидам. Чун ӯро баъд аз ҳафтае надидам, тааҷҷуб кардам. Омадам ба назди қассобу сабаб ҷустам. Ман чӣ шунидам?

Рӯзи ҳафтум қассоб чун ҳамеша пораи гӯшти тоза дар покету гӯшту устухонҳои аз зарби табар аз рӯи кунда ба чор тараф пошхӯрдаро аз замин ҷамъ мерораду ба покети дигар мегирад, дари дӯконро мебандад ва озими хонааш мешавад. Аз кучое он саг пайдо меояд. Қассоб ба дунболаш афтодани сагро пай мебараду ҳисси кунчковиаш боло, намеронадаш.

Қассоб меояд ба ҳавлӣ, дарвозаро боз мекунаду намепӯшад, занашро садо

мекунад, покети гӯштҳои тозаро ба ӯ медиҳад, баъд сагашро ҷеғ мезанаду покети гӯштҳои ғаждро пеши пои ӯ мерезад.

Ба қафо мегардаду вазъи саги думгирашро донистан мехоҳад, вале вайро намебинад. Аз он пас саг дигар ба назди дӯкони қассобӣ намеояд.

– Ман чизе нафаҳмидам, – гуфт дар охир қассоб, – шумо фаҳмидед?

Ман фаҳмида будам, хонанда чӣ?

# ВО АҶАБ

Муроди Чӯпонак барои орду намаку рӯғану гӯгирд аз чорогоҳ ба деҳ фуромада буд, ҳамаи инҳоро аз мағозаи деҳ харида, ба ду хонаи хурҷин ҷо дода буд, хурҷинро болои зини аспи колхоз гузошта буд, бо хоҳиши Холдор занашро то овули Гулбасарон бадрақа гирифта буд, Муроди Чӯпонак рӯи зин хаму чам мерафту зани Холдор пиёда дунболаш ба роҳ афтода буд.

Шераки Холу бобои Маллаву бобои Маҳрбон дар бомгӯшаи оғили колхоз ба қавли худашон «барои рӯзкӯркунӣ» манзил гирифта буданд.

Бобои Маҳрбон хирачашм шуда буд. Аз ин рӯ дуруст ташхис дода натавонист, ки савору пиёда кист.

Аз Шераки Хол, ки аз ӯ ҷавонтар буду тезбинтар, суол кард:

– Ин савору ин зан кист?

Шераки Хол гуфт:

– Муроди Чӯпонак аст, ки аз мағоза харид карда, аспи колхозро ба орият гирифта, ба чорогоҳ меравад. Холдор аз ӯ хоҳиш намуда, зани ӯ то аз хазандаву

чарандаҳо натарсад, то овули Гулбасарон бадрақа созад.

Бобои Маҳрбон гуфт:

– Во аҷаб! Асп – аспи колхоз, зан – зани Холдор, пас ин Чӯпонак ба чӣ хотир ин қадар бо савлату шавкат меравад, ман намедонам, ту медонӣ?

Шераки Хол гуфт:

– Азбаски моҳе ё моҳе чанд пас ба деҳ меояд, мехоҳад аз вуҷуди худ ёдрас кунад.

Бобои Маҳрбон гуфт:

– Во аҷаб, во аҷаб!

# БОЛИШ

Муроди Чӯпонак аз чарогоҳ ба деҳ фуромад ва аз деҳ ба шаҳр омад, то бодрӯзаи рӯзгор ва ҳам барои занаш болиш бихарад. Занаш сардард дошт ва ба болиши пунбаӣ сар монда, хоб рафта наметавонист, сахтӣ мекард.

Аз бозору мағозаҳо бодрӯзаи рӯзгорро, ҳар чи занаш феҳрист карда дода буд, ба осонӣ пайдо карду харид, оварду дар саройи колхози «Сармаддара» гузошт ва пасон рафт ба суроғи болиши пари қу, ки дар ҳеч мағозае нишоне аз он наёфт. Фурӯшандае ба вай гуфт, ки ба бозори куҳнафурӯшон бирав, шояд биёбӣ ва афзуд: «болиши пари қу моли ноёб аст! Ҳамин ки ба мағоза афтод – овозааш аз он пештар дар шаҳр меафтад! – харидорон зуд мебардоранд. Фикри аз мағозаҳо ёфтани онро макун, беҳуда. Беҳтараш, бирав бозори кӯҳнафурӯшон, баъзан ночор монанд, навашро ҳам мебароранд».

Бахти Муроди Чӯпонак омад кард. Дар бозори кӯҳнафурӯшон зане ғайр аз лакупаки дигар чор болиши пари қуро

низ ба фурӯш гузошта буд. Дутои онро хуш карду харид, аз назари худаш хеле арзон.

Омад ба саройи колхоз, хост болишҳоро ба халтаи бозориаш ки нимаанбошта буд, ҷо кунад, дид яке аз дигаре хеле гаронтар, ҳайрон баданаашро пармосид, дасташ тугунеро ҳис кард, бештар ҳайратзада шуд, ба боз кардани кӯкҳои болиш дилаш нашуд, лек шайтон васваса андохт ба дилаш, корди чӯпониашро аз ғилоф берун овард ва кӯкҳоро бо эҳтиёт як-як канд. Тугунро аз байни пар берун овард ва боз кард, шах шуд. Тугун андарун як каф тангаи тилои бухороӣ буд!

Муроди Чӯпонак пас аз он ки ба худ омад, боз ба бозори кӯҳнафурӯшон баргашт. Аммо зани болишфурӯшро надид. Аз ҳамсоягони ӯ чунин матлаб ошкораш шуд.

«Болишфурӯш» зани як сарватманди шаҳрӣ ва шавҳараш як марди бебанду боре будааст. Чун рӯзе араку афюнро пайиҳам мехӯраду як сатил обро дам мекашад, ба қавле мекафаду мемирад. Ҳаминки гӯру чӯбаш мекунанду ба азо менишинанд, қарзхоҳон яке паси дигар ба «ҳамдардӣ» меоянд.

Бечора занак чора ҷуз ин намеёбад, ки хонаи худро ба фурӯш гузорад ва ҳуту моҳути худро ба бозор барорад!

Муроди Чӯпонак нишонии занро аз кӯҳнафурӯшон гирифту ба хонаи ӯ рафт. Дарвозаро кӯфт, «болишфурӯш» онро боз кард, харидорро шинохт ва хаста пурсид:

–Боз чизе хариданиед?

Муроди Чӯпонак лаҳзае худро гум кард, баъд бо азобе тарҳу ҷамъ.

–Аз даруни болиш ёфтам. – ғурунгид ӯву тугунро ба зан дароз намуд.

Зан ҳайрон тугунро гирифт, гушуд ва ба тангаҳои дурашон хира монд.

Баъд ба худ омад ва Муроди Чӯпонакро гуфт:

– Андарун оед.

Зан баъди он ки ба Муроди Чӯпонак, ки дар саҳни ҳавли рӯи кат менишаст, нону чой овард, рӯ ба рӯи ӯ нишасту гуфт:

– Он болишҳо аз они хушдоманам буданд. Раҳматӣ зани хубе буд. Аз исрофкориҳои писараш ба дод меомаду зиёд насиҳаташ мекард. Шавҳарам бо сари хам гапҳояшро гӯш мекарду ҳамчунон донистаи худро. Сарсахт модар, «боз мероси падарро ба боди фано надиҳад! – гуфта онро дар болиши зери сараш пинҳон кардааст! Азбаски ногаҳон аз сактаи дил мурд, бечора ба ифшои сир фурсат ҳам наёфт...

Пас аз ин ҳарфҳо зан даст ба ҷайби камзоли танаш бурд, даҳ тангаи сурхи бухорӣ берун оварду назди Муроди Чӯпонак гузошт ва гуфт:

– Ин ҳаққи ҳалоли шумост.

Муроди Чӯпонак лаҳзае чанд ба тангаҳо нигарист, баъд ба худ омад, аз худу аз зан шарм дошт.

Муроди Чӯпонак тангаҳоро аз пеши худ бардошт, назди зан гузошт ва гуфт:

– Шумо, ки дару паларо ба фурӯш гузоштаед, ҳуту моҳутро ба бозор кашидаед, пас мӯҳтоҷтар аз шумо дар ин шаҳр касе нест. Баъд, ин моли меросии падари ман ки нест? Моли шумост, тасодуф буд, ки ба дасти ман афтод...

Муроди Чӯпонак аз ҷо бархост ва равон шуд.

Чун ин қисса ба гӯши мардуми деҳ расид, ӯро лақаби тоза доданд: Муроди Нодонак.

# ЗАНИ МУАЛЛИМ ОЗАР

Муаллим Озар марзаҳои зироати баҳориро об мемонд. Азбаски дар Сармаддеҳ об навбат дошт, кӯшиш мекард, ки ростокҳо ҳарчи бештар об хӯранд, то навбати оянда, ба қавли худаш «навиғанд!»

Занаш, хонум Басанда – муаллим Озар ягона шахсе дар деҳ ва шояд дар кулли обрав буд, ки занашро «хонум» гӯён хитоб мекард – рӯзи кориаш агар ду-се соат бошад – танзифи хонаву мураттаб кардани ғизо – радио гӯш мекард.

Баногоҳ шунид, ки барандаи радио оғоз кард ба васфу сифати олими ҷавон ва ояндаааш дурахшон Барзуи Озарпур. Хонум Басанда шефтаву вовайло гӯшу ҳуш шуд ва баногоҳ ба сари бемағзаш сигнал расид, ки ин ҳама таърифу тавсифро шавҳарат, муаллим Озар намешунавад. Осема шуд, ба радио рӯ оварду гуфт:

–Родинаҷон, – ун вақтҳо «Родина» ном радио буд, – лаҳзае сабр кун, ман раваму муаллимро хабар кунам, баъд боз ин васфномаатро ба нисбати Барзуҷони мо давом деҳ!

Инро гуфта хонум Басанда гӯшакро тофт ва ба берун тохт. Муаллим Озарро фаро хонд, ки зуд биё, бубин, ки Родиначон дар бораи Барзучони мо чӣ мегӯяд!

Муаллим Озар як ба ҷӯякҳои тоза обкандаву вай росткарда нигарист, баъд дилу бедилон вориди хона шуд. Дид, гӯшак тофта, ахбор гузашта, ором, чунонки одати ҳамешагиаш буд, гуфт:

–Падари раҳматиам мегуфт: ман дар зиндагӣ ду гуноҳ кардам. Яке ин ки савод набардоштам, дигар ин ки туро бо ҳамин сарҳанг[1] хонадор кардам.

1. Сарҳанг – дар лаҳҷаи сармаддеҳӣ «беҳуш», «кундзеҳн»

# ҚАЗОВАТИ АСП

Асп соҳибашро ки мехост наъли ӯро хабар бигирад, лагад зад. Лагад ба сар омад, сар шикаст...

Чун мурдаро гӯру чӯб карданд, мушкилаи асп пеш омад, ки бо вай чӣ мебояд кард?

Яке мегуфт, ки тире ба сараш бизананду ба лошахӯрҳо ҷасадашро вогузоранд. Дигаре мегуфт: гӯр ба сараш, бубарему фурӯшем, бо он пул мазори соҳибашро обод кунем. Савум мегуфт: бубарем, дар ҷангал ба дарахте бубандем, тӯъмаи гургон шавад!

Мулло Бухоризода гуфтанд: раҳо кунед, ҳарчи дар сарнавишташ ҳаст, ҳамонро хоҳад дид.

Аспро раҳо карданд.

Се рӯз пас хабар омад, ки асп худро аз ҷари Бачакуш ба зер афканда куштааст!

Ин як муаммое буд, ки сармаддеҳиён то бад-ин рӯз ба он ҷавоб намеёбанд.

# САГ

Саги Муроди Чӯпонакро пояш шикаст.

Чӣ хел шикаст, дар куҷо шикаст, иллати воқеа чӣ буд... барои Муроди Чупонак пӯшида буд. Вақте Шерафкан бо пои шикаста ҷаста-ҷаста назди ӯ омад, ҳуш аз сараш парид. Шояд шоҳид бузе, гӯсфанде, билохир саги дигар бо номи Сиёмак буда бошанд, лек вай намедонист. Нашавад, ки инҳоро бозпурсӣ бикунӣ, ҳама бо забони хориҷӣ ҳарф мезананд, ки ман намефаҳмам.

Ин саг боҳушу зирак буд, рӯиҳамрафта шерпанҷа ҳам буд. Гургҳо чун ак-аки ӯро мешуниданд, ба рама наздик намеомаданд, чароки овозашро шунида буданду зарби панҷаҳояшро чашида.

Муроди Чӯпонак сагро садо карду ду пора гӯшт наздаш гузошту гуфт:

– Шерафкани бофаҳми ман, инро нигар, – ба рама ишора кард ӯ,-во гузошта бо ту рафта наметавонам. Худат аз ман беҳтар медонӣ, худо нокарда, агар балое пеш ояд, ё фалокате аз зери по хезад, ин рама пароканда шавад, онро на ман гирд оварда метавонаму на ту,

нисфаш тӯъмаи гургон мешаваду нисфи дигараш гирифтори бало! Аз ту бисёр хоҳиш дорам, худро ба деҳ расон, назди кампири Осуда. Агар ин ҷо бимонӣ, поят варам мекунад, зиндагӣ бароят дӯзах мешавад.

Саг ба ӯ менигарист, ангор ба як девори похса менигарист, аммо чӣ қудрате дорад зиндагӣ, ки сари по ва лангон-лангон пайроҳаро нишеб шуд...

Як ҳафта пас Шерафкан бо шогирди Муроди Чӯпонак ба чарогоҳ омад, Муроди Чӯпонак сари ӯро сила кард, чизе гуфтан мехосту наметавонист. гиря гулӯгираш карда буд... Аз ҳама охир Сиёмак омад. Танашро ба тани Шерафкан ҷафс кард ва гунаҳкорона бо сараш ба сари Шерафкан зарбаи навозиш зад...

# КАДХУДО

Тамбоку дуд медиҳам. Дуд аз даҳонам чун аз лӯлаи паравоз танӯра мезанад. Занам кач-кач ба ман менигарад, шояд ҳарфи тезтаке нӯги забонаш сум мезанад, чароғпоя мешавад, аз баҳорбанди даҳонаш берун ҷастан мехоҳад, магарам ба сахтӣ онро лаҷомгир мекунад, ки сухане намегӯяд. Аз дуди тамбоку алерҷӣ дорад, лек чун балконро ба ихтиёри ман дода, ночор аст бардошт бикунад. «Хасдуд мекунӣ, кӯрдуд мекунӣ, бифармо, балкон!» Ин ҷо барои ӯ «балкон» аст, барои ман шаҳнишин.

Аз дуҳули азиме ки як дӯсти ромишгарам тӯҳфа карда буд, барои худ хонтахта сохтаам. Рӯи он финҷони қаҳва ва як бӯта (таҳсигорӣ) дар сурати саги хуфта – ҳадяи як дӯсти дигарам – доимо мунтазири мананд. Ҳаминки аз хондан ё навиштан дилгир шудам, балкон мебароям, тӯли ним ё як соат ду-се сигор мекашам ва ду-се финҷон қаҳва менӯшам, баъд бозмегардам ба саргармие ки аз он безор шудаам – хондан ё навиштан.

Як чиз аз рӯз ҳам бароям рӯшантар аст – ман дар ин хона чун кирми абрешим

андаруни пила бас маъво ва малҷои худро ёфтаам. Худам шоҳу табъам вазир!

Мешинӣ рӯи пӯстак ё кӯрпачаи тунукастари бобой – мо наврӯзгор, диван-пиван надорем, агар рафту онро дар хонаи ёру ошно бубинем, ба он чун ба нишонаи атиқа менигарем, – телек тамошо мекунӣ.

Мехоҳӣ, китоб варақ мезанӣ – худоро шукр, аз ин матоъ ман бениёзам (панҷ ҳазор нусха!), модарам мегӯяд, ки танҳо одами аҳмақ ин қадар колои касмахар меғундорад, агар ба ҷои инҳо ашёи камёб мехаридӣ, чун рафиқони оқилат ҷипсавор будӣ, на орзусавор, худат ба ин катак – хонаи маро дар назар дорад – дарой, китобҳоят берун мемонанд, агар китобҳоро дарорӣ, худат берун мемонӣ!

Мефорад, паси мошини чоп мешиниву «чиқ-чиқ» мекунӣ – ин истилоҳи духтари мо – Зарнигор, ҳар вақте шиносҳо дар берун аз вай пурсанд, ки «додот куҷост?», дастонашро насвон дода, гӯё пианино менавохта бошад, мегӯяд: «чиқ-чиқ!»

Агар сари ҳол набошӣ – кадхудо, ки шудӣ, ин ҳол гоҳу ногоҳ ба ту мепечад – меравӣ балкон, чашми занакро хато карда, мезанӣ як пиёла таги бинӣ ва пасон меоиву ба маснади худ чун сӯфӣ дар хонақо ба «муроқибаву мутолиаи дарунӣ» машғул мешавӣ ё ба мусиқие

ки танҳо худат мешунавӣ, танро насвон медиҳӣ.

Аммо ин занак, ки ба қавли худаш «тору пуди маро чун пилитаи гози ошхона тагурӯ омӯхтааст», дастҳоро ба миён камон сохта, пеш меояд. «Аҳа, барои попӯш, рӯпӯш, шабпӯш... пул надорӣ, барои заҳри зақум меёбӣ!» Ман ҳам пасхам задани нестам, ба вотохт мегузарам, зеро беҳтарин роҳи дифоъ ҳуҷум аст. «Аҳа! Боз дардҳои кӯҳнаат рӯ задан доранд? Хонаро бо миноёбҳои сарату панҷшоххҳои танат тагурӯ кардӣ, чизе наёфтӣ! Ман, ки по аз остона берун нагузоштаам, Зарнигорро низ садо накардаам, магар аҷинаҳоят бароям арақ овардаанд?!»

Аммо вай қонеъ намешавад, пешорӯи даҳони ман хам мешаваду мегӯяд: «ку, як «ҳаҳ» бигӯ!» Ман ҳам тору пуди ӯро чун мошини чопам тагурӯ омӯхтаам, кокотиву ғӯлинг хоидаам, бепарво «ҳаҳ... ҳаҳ» мегӯям. «Аҷиб, – мегӯяд занам, – арақ нест, бӯ нест, аммо шаклу сурати ниммаст ҳаст!»

Ин дар рӯзҳои аввали омадани ман буд аз Маскав ба зодгоҳ, ки ҳеч хона наменишастам, мерафтам ба қавле «ба сайри оламу одам» ва меомадам ба қавли занам «дар сурати набинаму насӯзам!». «Як пиёла чойи» дӯстоне ки маро се сол

аст надида буданд, ҳамин тур пайомад дошт. Оқибат «аз сайри одаму олам» низ дилгазон шудаму аз «як пиёла чойи» дӯстон низ, ки шудам хонашин бо як шишаи нозанин.

Занак ин тур кард, он тур кард, ин шартро гузошт, шарти дигар ҷонишин намуд, суде ку, ки худам рафтам ба пешбозаш бо паймони худ: агар забонхат диҳӣ, ки ба ман занборагӣ иҷоза, рӯи арақро дигар Бобокӯчак, мурдашӯи Сармаддеҳ бинад! Гумон доштам, ки ба фалах кашидани худ тан медиҳаду ба ин қарордод не, лек бубинед, ки ин «тору пуди» ман омӯхта, нишасту навишту паймонномаро ба дастам тапонд. Бадкарда пушаймон, нокарда дар армон, гуфтаму боз рӯ ба «оламу одам» овардам.

Панҷекат ба ин хабар, ки Баҳманёр арақро ба Бобокӯчак вогузошта, ҳатто ба оби ҷави балтикӣ нигоҳ намекунад, ҳамчун ба «булӯр» гуфтану шишаи чеҳӣ намудан баҳо медод.

Аммо баъзе ёру ошноҳо бовар карданд, ба хона занг зада, занамро табрик гуфтанд, ки худоро шукр, осуда шудӣ, ту натанҳо хидмат ба худат, балки ба миллат низ кардӣ! Худо медонад, «миллат» ун айём чӣ шоҳкориҳое аз ман чашми нигарон дошт.

Занак ҳам ҳаво гирифта, қаноатманд аз худу аз шавҳар мегашт, ки дид равуои марди зарангаш ба «бӯстонсароҳо» афзудан дорад. Мераваду меояду мегӯяд: ман дар «Хонаи эҷодкорон» будам. Дар Панҷекат хонаи эҷодкорон ку? Магар ту гумон дорӣ, ҳанӯз ҳам дар Маскавӣ? «Бӯстонсарое ки барои ҳокими остони Суғд сохта буданд, баъд аз бурдани ӯ аз байн ба «Хонаи эҷодкорон» табдил доданд». Бовар мекунад, сода набошӣ. Не, бовар надорад, ки мепурсад: хуб, будӣ, чӣ навиштӣ? «Ман роман навиштан дорам. Романро намешавад, ки дар ду-се ҳафта бинависӣ, фалонӣ панҷ сол, дигарӣ даҳ сол, ҳатто яке тӯли умр навишту ба поён нарасонд». «Хайр, ҳамон пешнависатро нишон бидеҳ!» «О, магар ту намедонӣ, ман ба мурдан розӣ мешаваму ба чизи нотамомро намудан, не!»

Бечора тоқат мекунад, тоқат мекунад ва билохир баъди як моҳи «сӯфигии» ман вориди утоқи кори ман мегардад ва пурсадо шишаи арақро рӯи миз мегузорад ва мехитобад: гӯш бикун, мардакҷон, бо арақ пеши чашмам буданат беҳтар аст аз пеши киллаҳо!

Инро дар забони илм чӣ мегуфта бошанд, намедонам.

❁ ❁ ❁

Ҳарчанд дар ин шаҳр ман зода шудааму бузург ва ҳар як сокини аз сисола болоро мешиносам, аҷиб ин ки агар гӯшии телефонро бардорам, намедонам ба кӣ занг занам, по аз дар берун гузорам, намедонам куҷо равам. Аз ин рӯ пас аз се соли тозаиқоматам дар ин шаҳр ман барҳақ ба кадхудоӣ маҳкум шудаам. Ман ҳатто дар Маскав, пиндор як шаҳри бегона, ин ҳолро надоштам. Он ҷо рӯзе чанд раҳ даст дар гӯшӣ буду ҳафтае як раҳ нишаст дар меҳмонӣ. Ин ҷо ман пас аз марги падар, гоҳ-гоҳе ба деҳ меравам, то модарро хабар бигирам. Ба шаҳр ҳамон вақт мебароям, ки занам коғазеро бо номгӯи он чи бояд аз бозор харам, ба дастам метапонад.

Дар бозор ногузир бо ду-се шинос рӯбарӯ мешавам ва ҳамеша пас аз пурсупос ҳамон як суолро мешунавам:

– Устод, камнамо?

Ҳамвора посухи ман ба ин суол чунин аст:

– Устод – кадхудо!

Баъзан гӯлу гарангҳое ёфт мешаванд, ки нобовар таҳпурсӣ мекунанд:

– Магар вазифаи нав гирифтед?

Ё аз ин қабил: нафаре сари роҳамро мегирад, тунд ба ман менигарад ва мегӯяд:

– Қиссаатонро аз рӯзнома хондам. «Тавсан дар қавсайн» ном гузоштаед. Марҳамат намоеду бигӯед, ин ба тоҷикӣ чӣ мешавад!

– Ба тоҷикӣ чӣ мешавад, намедонам, – ором посух медиҳам ман, – вале ба русӣ «Мустанг на аркане» мешавад.

Мард сари ин ибораи русӣ лаҳзае чанд андеша мекунад, баъд боз тундтар ба ман менигарад ва мегӯяд:

– Магар содатар гуфта намешавад?

– Чаро не, – хушҳолона мегӯям ман, – «Аспи мастӣ ғозӣ дар оғили танги қозӣ»

– О, ҳамин тур ном гузоред, намешуд? Сари хонандаро бо тавсану қавсайнатон гаранг кардан шарт буд?!

Мард норизо боз чиҳое ғур-ғуркунон дур мешавад.

Ана баъди ин ман тасмим мегирам, ки дигар хариди бозорро низ ба гардани занак таҳмил мебояд кард, то чунин кавданҳо пешорӯям пайдо нашаванд, хобамро кобус насозанд.

Аммо вай қабул надорад. «Дар хона мағор мебандӣ, ҳафтае як раҳ – ду раҳ одами зиндаву олами рӯшанро бояд бубинӣ – аз нигоҳи вай қаҳрамонони китобҳои ман мехонда ҳама мурда менамуданд ва оламашон тира – вагарна ману Зарнигор низ аз туи ёбоӣ тарсон мешавем! Ҳамоно воқеаи метрои Маскав

бо номи Шукинский, ки назди он мо манзиле ба иҷора доштем, ба ёдам меояд.

Гузаргоҳҳои метрои Маскав бозорчаҳои хурдро ба хотир меоранд. Ин ҷо баъзан чизакое ба фурӯш мегузоранд, ки аз диданашон даҳонво мемонӣ. Он рӯз мо аз меҳмонӣ меомадем, занам аҷала дошт то ба оғози кадом як сериал ба хона бирасем. Аммо чун дар даромадгоҳи метро занеро сагча дар бағал дид, ҳам сериалро фаромӯш карду ҳам маро. Сагчаи булаҷаби яквачаба. Хеле зебо, мӯяш сафед, ҷо-ҷо холҳои сиёҳ дорад. Чанд мусофири дигар низ занро гирд гирифта буданд, ҳамчунон бо завқ сагчаро менигаристанд. Дидам, ки занам ҳеч хоҳиши аз он ҷо дур шудан надорад, аз остинаш кашидам ва ба соат ишора кардам. Бефоида. Вай чашмони ҳайратзояшро аз сагча намеканд. Билохир бо зарда гуфтам: «сериал тамом шуд!» Вай ба остини ман чанг зад: «Баҳманҷон, биё ҳамин сагчаро бихарем! Бубин, чӣ андоза аҷибаку ғарибак аст...» Ман як ба ӯ нигаристаму як ба сагча ва бепарво гуфтам: «як сагчаи аҷибаку ғарибак дар хона дорам, агар дуто шуданд, оламро тагурӯ хоҳанд кард!» Баъди ин занам чанд рӯз бо ман ногап буду қаҳрӣ...

Аз ин рӯ бо ӯ баланду паст омадан намехоҳам, аз қафаса китоберо берун

меораму ба утоқи кориам мегузарам, зеро инак се сол аст, ки одамҳои зиндаву олами рӯшани ман он ҷост.

Масъалае ки кадхудо гоҳу ногоҳ бо он бархӯрд мекунад, ин будан ё набудани пул будааст. Дар атрофи ин меҳвари ҳастӣ арбадаву мазҳакаҳои хонагӣ рух медиҳанд. Ҳамон рӯзҳои бепулӣ буд, ки ман андарзе сохта будам ва рафиқонро хуш омада буд – дарде аз дарди бепулӣ дардноктар нест.

Як субҳ ман ба таҳрири ҳикояе машғул будам, ки занак болои сарам ҳозир шуд ва бо сурур гуфт: «Медонӣ, ҷони талху ширинам, ман чӣ хоб дидам:!» «Хобро ту бинӣ, ман чӣ донам!» – сар аз рӯи коғаз набардошта гуфтам ман. Занак коғазҳоро аз пеши чашми ман дур кашид ва гуфт: «Хоб дидам, ки ту ба ман як бағал садбарги нимвои сурх ва як гарданбанди бриллиант тӯҳфа кардаӣ!» «Хоби зан чаппа, азизи дилам, ҷиддӣ магир...» – лоқайд гуфтам ман ва коғазҳоро пеш кашидам. Вай бо ғазаб ва пурсадо дарро пӯшиду рафт.

Чанд рӯз гузашт, ман он хобро фаромӯш кардаму гузоришашро низ, ки як бомдоди дигар боз занам болои сарам ҳозир шуд. Ин дафъа хеле музтариб буд, маро чун ҳамеша машғули кор диду оҳи бароҳат кашид ва гуфт: «Хайрият, хоб

будааст!» «Ба хайр аст?» – ҳайрон мондам ман. «Туро дар хоб бо чунон як зани зебое дидам, ки ҳаваси кас меомад...» «Афсӯс!» – сидқан хитобидам ман. Занак намуди ҷангӣ гирифт. «Чӣ, афсӯс мехӯрӣ, ки хоби зан чаппа?!» «На! – саросема шудам ман, – афсӯс мехӯрам, ки худат дар паҳлӯям набудаӣ!»

Занак қонеъ ва бо лабханди малеҳ сари маро сила мекунад, оҳиста ва бесадо дарро мепӯшаду меравад.

Инро дар забони илм чӣ мегуфта бошанд, намедонам.

❂ ❂ ❂

Як афзалияти кадхудоӣ пеши ман аз рӯз ҳам рӯшантар аст. Аз ҳар гӯшаи дунё, дар кадом соату вақт ки телефон карданд, туро хонаандар меёбанд.

Рафиқон аз Машҳаду Прага телефон карда, овози маро шунида, хурсанд мешуданд: «Э, хайрият, устод, шумо дар хона будаед!» Бечораҳо намедонанд, ки «устодашон» хона набуда куҷо ҳам мебуд.

Аз Алмаато ва Маскав моҳе як-ду раҳ телефон мешавад. Ёд дорам, ки боре Қодири Рустам аз Алмаато телефон кард ва баъди ҳолҷӯӣ аз тақдири чопи китобам ҷӯё шуд. Сухан аз «Сармаддеҳ» мерафт, ки инак панҷ сол аст омодаи чоп

буд, вале ягон говҷигаре пайдо намешуд, то харҷи табъи онро ба гардан бигирад.

Ман хушҳолона ҷавоб додам: «як савобҷӯе пайдо шуд ва ваъда дод, ки китобро дар кӯтоҳтарин муддат чоп мекунад!» «Кӣ!» – хурсандона пурсид Қодири Рустам. Ман номи як «мирбачаи навпайдоро» ба гӯшӣ гуфтам. Дар он гӯшӣ хомӯшии дерёзе миёна зад. Ман нороҳат шудам: «шунидед?» «Ҳа...» Қодири Рустам чунон «ҳа» гуфт, ки ба ёдам омад, ки нафаре аз гӯшӣ овози мусоҳибро нашунида, дод мезадааст: «кӣ?.. кӣ?.. кӣ?...» Билохир шунидаст, ки мегӯяд: «Рӯдакӣ!» Оҳи сабук кашида гуфтааст: «Ана, чаро овозат мислеки аз гӯр меояд...»

Ин дафъа овози ҳамсӯҳбати ман бурротар ба гӯш расид: «бигӯед, ки ба ин чӣ тур муваффақ шудед?» «Гуфтам, ки агар ин корро кунад, номаш дар таърих мемонад!» Он гӯшӣ боз сукут ихтиёр кард. Ман боз овоз баланд карданӣ будам, ки шунида шуд: «Агар рафту бо ангезаи шумо ун хасиси мурда ин корро кунад, номи вай не, номи шумо дар таърих мемонад!»

Чӣ мегӯед, ки Қодири Рустам ҳақ баромад: на китоб чоп шуд, на номи он «мирбача» дар таърих бимонд... на номи ман.

Нохуштарин чизе ки кадхудо қабл аз ҳама ба он гир меафтад, ин гум задани эҳсоси вақту фазост. Намедонад, соат чанду кадомин рӯзи ҳафта аст, шумори моҳро ночор мешавад, аз рафиқон телефон карда бипурсад, чароки занаш ҳам гоҳе ҳисоби рӯзро намедонад. Ана, ман ҳам як бомдод аз хоб хеста, шустушӯ карда, атр пошида, либосҳоро пӯшида, худро дар оинаи обшанг муоина мекардам, ки пушти сарам занам пайдо шуд, аз сурати дар оина будаи ман пурсид: «магар ба дидори ягон нозанини каснадиду гӯшношунид» – ин ибораро вай айнан аз навиштаҳои ман иқтибос мекунад – меравӣ, ки ду соати дароз аст, худро мураттаб месозӣ?» «Ба редаксия меравам, ку бубинам, чӣ гапҳои тоза ва ҳам рӯзномаҳои давлативу кӯчабоғиро як варақ бизанам – кӣ мурдаву кӣ зинда...»

Дар ин шаҳр ман ду ҷои рафт дорам: яке беморхона, ки сардухтураш дӯстам аст ва дигар редаксия, ки шиносҳои қадимаам он ҷо кор мекунанд. «Издрасти!» – ба забони Зарнигор тақлидкунон мегӯяд занак.

Ба фикрам ҳоло дар Тоҷикистон шояд долони мо (подезд) ягона бошад, ки ғайр аз ман дигар ҳама ҳамсояҳо русанд. Генадий Павлович, ҳамсояи рӯбарӯи ман,

собиқ геолог, ҳоло бознишаста, рӯзҳои аввали ба ин хона кӯчида омаданам, ҳар гоҳ маро медид, мехитобид: «привет, раис!» Ман бо лабханд ба дурудаш ҷавоб медиҳам, лек чизе намегӯям. Ин баъд, вақте ваҳмид, ман аз «эшелони раисҳо» нестам, узр пеш овард: «извините пожайлуста, я думал вы раис, оказивается вы тоже муаллим!»

Зарнигори мост, ки агар рӯзе даҳ раҳ Генадий Павловичро бубинад, ҳар раҳ «издрасти» мегӯяд ва мӯйсафедро хушҳол месозад.

Аз ин рӯ чун занам «издрасти» гуфт, ман нигарон мондам, пайомадаш чӣ бошад?

«Имрӯз то он ҷое ки ман медонам, ғайр аз пожару милиса дигар ягон корхона кор намекунад!» «Чӣ, магар имрӯз ягон ид аст?» «Не, ҷони ширину талхам, имрӯз якшанбе, якшанберо давлати демокративу дунявиву ҳуқуқбунёди мо рӯзи истироҳат эълом доштааст!»

Ёдам омад, ки дар Маскав вақте занам дар обшанг обтанӣ мекард, ман ба воситаи телефон бо Соҷидаи Мирзо ҳазлҳои намакину варақин доштам, – мо чун ду дӯст беибову беҳаё ҳамдигарро вожгунаву ростгуна месохтем. Баногоҳ занам бо тани нимшуста дар бистароҳанг печида болои сарам ҳозир шуд: «Бо

кӣ мечакӣ, ин қадар аз даҳонат шаҳду шакар мечакад?» «Бо Хурмои Ширин!» – осема посух додам ман, бехабар аз он ки ун бечора чанде пеш аз олам даргузашта будааст, занам инро медонистааст...

Ҳоло низ сир раваду сар наравад! – бепарво мегӯям: «Якшанбе бошад, боз хубтар! Биёр дастмолу пастмола, меравам ҳаммом!» Азбаски ҳаммоми деҳкада паҳлӯи хонаамон аст, занакро коре намемонад раваду амри маро ба ҷо орад...

Танҳо дар даромадгоҳи долони манзили мо бо чи амри тасодуф ду харак барҷову беосеб мондааст, дигар ҳар куҷо харакноме будааст, дуздидаанд ё шикастаанд. Аз ин рӯ шомгоҳон ҳамаи занҳои давру пеш рӯи харакҳои мо ҷамъ мешаванд ва ба истилоҳи ман «миш-мишпресс»-ро ба роҳ мемонанд.

Ҳар бегоҳ, ки занам қасди берун рафтан мекунад, бефарқ мепурсам: «миш-мишпресс» меравӣ, чун аз дар андарун омад ҳамун тур: «аз миш-мишпресс омадӣ?»

Гоҳе вай ин «ҳардаманоии» маро – то ба ҳол намедонам, ки ин калима чӣ маъно дорад – мебахшад, гоҳи дигар – баста ба он ки дар «миш-мишпресс» чиро муҳокима карданду маҳкум, натанҳо намебахшад, балки алағда ва бо зарда

мегӯяд: «Дар миш-мишпресс мегӯянд, ки «мо мардакҳоямонро шаб танҳо ба хотири ким-чӣ таҳаммул мекунем, ту мардакатро бисту чаҳор соат чӣ гуна тоқат дорӣ, ҳайронем!»

Инро ба забони илм чӣ мегуфта бошанд, намедонам.

❁ ❁ ❁

Занакро ҳам гоҳе аз «миш-мишу киш-киш» ҳавсала мегираду рӯзи дароз хона менишинад. Агар ҷомашӯӣ ва пухтупаз набошад, ҳамаи сериалҳои Америкаи Лотинро тамошо мекунад, бефарқ. Дар ин рӯзҳо мо ҷойҳои худро иваз мекунем. Вай ба зол меояд ва телек тамошо мекунад, ман ба хонаи хоб мегузарам, то корамро дунбола бигирам ё китоб бихонам.

Баъзан занакро аз ину аз он дил мегирад ва меояд пеши ман, то ба қавли худаш «осоиш ёбаду раҳоиш». Аз раставу бозор, мағозаву супермаркетҳои Маскав ёд меорад бо оҳу воҳ, аз дӯстону шиносҳо қиссаҳо мекунад ҳатман бо оҳу воҳ. Нохост мегузарад ба бахши «ёд дорӣ», ки ҳамеша мунҷар ба ягон «гуноҳи» ман аст. «Ёд дорӣ, бо қатора мерафтем, дар метрои «Майдони Ленин» духтаре савор шуд бо пӯстини пӯсти рӯбоҳ, калапӯш ва мӯзааш низ аз пӯсти рӯбоҳ, ҳама ӯро менигаристанд бо

ҳавас, танҳо ту будӣ, ки сар рӯи рӯзнома хам карда будиву намебардоштӣ! Ман тоқат наёвардаму гуфтам: «Баҳманҷон, бубин, чӣ қадар зебост!» Ту як ба ун духтар нигаристӣ, боз рӯи рӯзнома сар хам кардӣ. Ман гумон бурдам, дуруст мутаваҷҷеҳ нашудӣ. Боз аз остинат кашидам. «Чӣ, магар надидӣ, мӯъҷиза!» Ту боз сар бардоштӣ, он занро сартопо барандоз кардӣ ва гуфтӣ: «фальшивка, аз даҳ рӯбоҳ як рӯбоҳ сохтаанд!» Дуртар аз мо хандаи сақфгир баланд шуд – чанд афғон моро гӯш мекардаанд.

Ман ба пешбози ӯ меравам: «Ту ба ман он рӯз лақаби «яхчол» дода будӣ!»

Ё аз ин қабил: «Ёд дорӣ, як рӯзи боронӣ дар майдони Арбат сайругашт доштем, баногоҳ рӯбарӯи мо духтаре омад, сартопо сурх пӯшида: калапӯш сурх, палто сурх, шарфи гардан сурх, мӯза сурх, болои ин чатр сурх, айнаки чашмаш низ сурх. Ту беихтиёр хитобидӣ: «Девушка, вы прекрасны как утренняя заря!» Духтар бо лабханди малеҳе ҷавоб дод: «Спасибо, никогда не слишала более прекрасного комплимента!» Ҳаминки духтар дур шуд, ман ба ту дарафтодам: «аҳа, пеши дигарон булбул, пеши ман кӯри бум!»

Вай ба пешбози ман меояд: «Он рӯз ман ба ту лақаби «булбул»-ро часпондам».

... Ҳафтае ду-се раҳ то мағозаи деҳкада меравам, то барои худ сигор бихарам. Метавонам Зарнигорро бифиристам, аммо ба қавли занам дар хона «мағор бастан» намехоҳам, меравам худам, бо ду пои раҳнамунам. Ҳафт соле ки ман ин ҷо ҳастам, танҳо «Пайн» мекашам, рӯзе як пачка. Мардуми давру пеш ҳайрон мешаванд: «кор намекунад, пул намегирад, аммо моҳе си-чил сомонӣ сигарет мекашад!» Баъзан тоқат намеоранду мепурсанд: «аз куҷо ин ҳама болодимоғӣ!»

Як вақтҳо аз марҳум Андрей Миронов, ки ҳамеша сигарети «Марлборо» мекашид, ки маоши актёр, бигузор шӯҳратёр ҳам бошад, ба таҳмили харҷи он қодир набуд, ҳамин суолро медоданд ва ӯ ҳамеша мегуфт: «Занҳои ҳавохоҳам ғамамро мехӯранд!» Ман ҳам ба рафиқони кунҷков мегуфтам: «Аҷинаҳоям ғамамро мехӯранд!»

Онҳо нобовар мегуфтанд: «Пас чаро ғами моро намехӯранд?» Ман ҳамун тур бепарво мегуфтам: «Инро аз аҷинаҳои худ бипурсед!»

Сигаретро меорам, барои худ қаҳва дуруст мекунам, паси «хонтахта» мешинаму ҷуръа-ҷуръа қаҳва менӯшам ва ҳалқа-ҳалқа дуд берун меорам. Боз занам болои сарам ҳозир мешавад. Вай аз дуди сигор алерҷӣ дорад.

– Чӣ ин қадар чун паровоз дуд медиҳӣ, ангор ғами оламро дошта бошӣ!

Ман оҳе мекашаму замзама мекунам:

*Агар ғамро чу оташ дуд будӣ,*
*Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона!*
*Дар ин гетӣ саросар ар бигардӣ,*
*Хирадманде наёбӣ шодмона!*

Занак пастхам заданӣ нест. Дастҳоро ба миён камон месозад ва мегӯяд:

– Ман хирадмандам гуфтанӣ-о ?!

– На, азизи дилам, – ором посух медиҳам, – магар хирадманд зан мегирад?

Вай лаҳзае чанд гиҷ болои сарам меистад, баъд дастонашро ба гарданам ҳалқа карда ҳой-ҳой мегиряд.

Инро ба забони илм чӣ мегуфта бошанд, намедонам.

**Мундарича**


Зукахӯр....................................................4
Кушстор дар Ялмо...........................................19
Дона дар дастос............................................35
Зурахш.....................................................51
Чилдурӯғ дар танӯр.........................................69
Гирдбод....................................................90
Обсувор...................................................110
Холдори Сайёд.............................................130
«Раднома».................................................136
Доғи ях...................................................139
Мулло ва човандоз.........................................146
Бобокӯчак.................................................150
Хари Шераки Хол...........................................154
Чашми мӯр.................................................159
Сиз мулло.................................................174
Бӯҳти чилдурӯғ аз дурӯғ...................................177
Маҳбаси аспҳо.............................................180
Марво.....................................................185
Саг ва қассоб.............................................207
Во ачаб...................................................209
Болиш.....................................................211

Зани муаллим Озар................................215
Қазовати асп...........................................217
Саг.......................................................................218
Кадхудо.................................................220

*Баҳманёр*

**САРМАДДЕҲ**

***(Китоби дувум)***

Муҳаррири техникӣ:

***Ф. Муродализод***

Тарроҳ:

***Ҳ. Холов***

Расми муқова аз наққоши бузурги тоҷик

***Камолиддини Беҳзод***

Ба матбаа 3.01.2014 супорида шуд. Ба чоп 8.02.2014 имзо шуд. Коғази офсетии №1. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Андозаи 84x108 $^{1}/_{32}$. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 7,5. Адади нашр 1000 нусха. Супориши № 04/14.

Нашриёти «***Истеъдод***».
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: istedod2010@mail.ru.